Межгосударственное образовательное учреждение высшего образования
«Российско-Таджикский (Славянский) университет»

# ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ФИЛОЛОГИИ, ЖУРНАЛИСТИКИ И ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИХ НАУК

**МАТЕРИАЛЫ**

**Международной научно-практической конференции**

**Душанбе, 23 октября 2025 г.**

**Часть 2**

ДУШАНБЕ – 2025

УДК [80+070+159.9+37]:005.745

П 27

**Перспективы развития филологии, журналистики и психолого-педагогических наук:** Материалы Международной научно-практической конференции. Ч2 – Душанбе: РТСУ, 2025. – 116с.

**Ответственный редактор: Т.В. Гусейнова,** доктор педагогических наук, профессор РТСУ

**Рецензент:**
Р.М.Султанова, доктор филологических наук, профессор

Данный сборник содержит материалы Международной научно-практической конференции «**Перспективы развития филологии, журналистики и психолого-педагогических наук**», состоявшейся 23 октября 2025 года в РТСУ. В нем представлены работы, посвящённые актуальным вопросам развития филологических исследований, современным направлениям в журналистике, а также проблемам педагогики, психологии и методики преподавания. Статьи отражают современные подходы к изучению языка и литературы, анализу медийной коммуникации, а также методическим и психолого-педагогическим аспектам обучения в многоязычной и мультикультурной среде.

Сборник предназначен для преподавателей, аспирантов, соискателей, магистрантов и широкого круга читателей.

Ответственность за оригинальность, новизну, стилистическую правильность изложенной в статье информации несёт автор.

**Составитель:** Ф.К. Умарова.
Рекомендовано к печати РИС РТСУ

Факультет русской филологии, журналистики и медиатехнологий
Российско-Таджикский (Славянский) университет – 2025

## МУНДАРИҶА
## СОДЕРЖАНИЕ

### БАХШИ
### ТИПОЛОГИЯИ МУҚОИСАВӢ ВА НАЗАРИЯИ ТАРҶУМА
### РАЗДЕЛ
### СОПОСТАВИТЕЛЬНАЯ ТИПОЛОГИЯ И ПЕРЕВОДОВЕДЕНИЕ

**Амлоев А.Я.** Масъалаи истилоҳ ва имкониятҳои истилоҳсозӣ дар замони соҳибистиқлол (Вопросы терминологии и возможности терминообразования в период независимости)………………………………………………………... 5

**Табарзода Х. Н.** Сермаъноӣ ва муродифоти луғавӣ дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ (Многозначность и лексическая синонимия в произведениях Ходжи Хусайни Хатлони)........................................................................................ 10

**Яхшибаева М.Э.** Баъзе ҳодисаҳои савтии забонхои тоҷикӣ ва руси (Некоторые особенности фонетических явлений в таджикском и русском языках)…… 21


### БАХШИ
### ТАЪРИХ ВА НАЗАРИЯИ ЖУРНАЛИСТИКА ВА ПУБЛИСИСТИКА
### РАЗДЕЛ
### ИСТОРИЯ И ТЕОРИЯ ЖУРНАЛИСТИКИ И ПУБЛИЦИСТИКИ

**Мукимов М. А.** Амнияти журналистон проблемаи мухими замони муосир (Безопасность журналистов проблема современности)................................. 25

**Муъминджонов З.** Зеҳни сунъӣ ва тарбияи журналистони соҳавии телевизион (Искусственный интелект и подготовка профессиональных тележурналистов)........................................................................................ 33

**Хамидиён И.И.** Брендинги тиҷорат ва самаранокии PR дар Тоҷикистон тавассути васоити электронии ахбор (Бизнес-брендинг и эффективность PR в Таджикистане посредством электронных СМИ)…………………………… 38

**Сухроби М.** Вижагиҳои инъикоси авзои байналхалқӣ барои аудиторияи тоҷик (Особенности освещения международных новостей для таджикской аудитории)………………………………………………………………… 48

**Самадова Д.Х., Мирсалимов Дж.Р.** Масъалаҳои риояи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ дар ВАО-и интернетӣ (Вопросы соблюдения журналистской этики в интернет-СМИ)…………………………………………………………. 54

**Комилов К.И., Азизова М.Г.** Баъзе мулоҳизаҳо оид ба оҷонсиҳои иттилоотии ҷаҳонӣ (Размышления о мировых информационных агентствах и опасения по поводу агентства «Синьхуа»)………………………………………………. 61

**Саидхоҷаева М.А.** Мавқеи жанри мақола дар рӯзномаи “Ҷумҳурият” (Место жанра статьи в газете «Джумхурият»)……………………………………….. 67

**Саидхоҷаева М.А**., **Зикриёева Ф.Б.** Таҷассуми мавзуъҳои фарҳангӣ дар қолаби жанрҳои журналистӣ (дар мисоли рӯзномаи "Ҳақиқати Суғд") (Воплощение культурной тематики в публицистических жанрах (на примере газеты «Хакикати Сугд»)………………………………………………………… 72
**Саидхоҷаева М.А., Шодмонзода П.К.** Тасвири масоили иҷтимоӣ дар осори Кароматуллоҳи Мирзо (дар мисоли романи «Дар орзуи падар») (Освещение социальной проблематики в произведениях Кароматулло Мирзо (на примере романа «Во сне отца»))……………………………………………………... 76
**Шохфайззода Б.М.** Рушди чандрасонаӣ дар шабакаи радиоии "Овози Тоҷик". (Развитие мультимедийности в радиосети «Овози Тоҷик»)………………... 79
**Исмаилзода С.И.** Нашрияҳои бачагонаи Британия дар жанри фантастика. (Детские издания Великобритании в жанре фантастики)…………………... 84
**Тағойзода Ш.Т.**Таъсиси радиои тоҷик ва мавқеи санъати мусиқӣ дар он (Становление таджикского радио и место музыкального искусства)……… 89
**Маъмурзода Н.М.** Нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими сиёсати давлатӣ ва фарҳанги иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: таҷрибаи вилояти Хатлон (Роль средств массовой информации в укреплении государственной политики и информационной культуры в условиях глобализации: опыт Хатлонской области)…………………………………………………………………….. 97
**Мирзода З.** Вижагиҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар таҳияи матни барномаҳои телевизионӣ (Особенности использования искусственного интеллекта при разработке текста телевизионных программ)…………………………….. 102
**Муъминджонов Ф.З.** Зарурати телевизиони соҳавӣ дар замони муосир (Необходимость регионального телевидения в современную эпоху)…... 109

## БАХШИ
## “ТИПОЛОГИЯИ МУҚОИСАВӢ ВА НАЗАРИЯИ ТАРҶУМА”
## РАЗДЕЛ
## “СОПОСТАВИТЕЛЬНАЯ ТИПОЛОГИЯ И ПЕРЕВОДОВЕДЕНИЕ”

# ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ-МАЪНОИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛИИ МАСДАРӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ

**Амлоев Аминҷон Ятимович**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
куч. М. Турсунзода 30, 734025,
Душанбе, Республика Таджикистан,
Тел.: (+992) 917 58 77 78.
Email: amloev@mail.ru

# СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ГЛАГОЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЕ С ИНФИНИТИВОМ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

**Аннотация**. В статье рассматривается вопросы структурно-семантические особенности глагольных словосочетаний с инфинитивом в таджикском и русском языках, которые автор анализирует на базе примеров из художественной литературы, в частности произведения С. Айни «Воспоминания». Отмечается, что по своей структуре и семантике глагольных словосочетаний с инфинитивом в обоих сравниваемых языках имею как ряд общностей, так и отличий, а по своим синтаксическим функциям разделяются по несколько подгрупп. Автором статьи подробно анализируются некоторые разновидности таких предложений, и раскрывается специфика присутствующих в них структурно-семантические особенности глагольных словосочетаний с инфинитивом.

**Ключевые слова:** *синтаксис, анализ, сопоставление, глагольные словосочетания, свойство, подгруппы*

Синтаксис аз омилҳои ифодаи фикр баҳс мекунад. Дар ин қисми грамматика ибора, ҷумлаҳои содаю мураккаб аз ҷиҳати сохту таркиб, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳояшон, воситаҳои ифодаи муносибати онҳо, хелҳои ибораю ҷумла ва мавқеи ҳар кадоми онҳо дар системаи сохти синтаксисии забони тоҷикӣ омӯхта мешавад (3, 3).

Воқеан, ибора барои синтаксис ҳамчун маводи пурарзиш хизмат карда, дар сохтмони ҷулаҳои содаю мураккаб ба таври густурда истифода мешавад. Ибора аз ҷиҳати маъно ва сохти грамматикӣ аз тарафи олимону донишмандон ва махсусан забоншиносон омӯхта шудааст. ҳар як муҳаққиқ дар ҷараёни омӯзиши ин ё он паҳлуи норӯшани ибора вобаста ба салиқаву ҳунари сухангустариаш чизи тозае гуфтаанд.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба масъалаи ибора ва намудҳои он аз ҷониби муҳақиқони соҳа А. Мирзоев (6), С. Абдураҳимов (1), ҳалимов А (9), М. норматов (8), С. Курбонов (5), Х. Камолов (3) ва дигарон тадқиқоти мададгор ба сомон расидааст.

Абдусаттор Мирзоев дар китоби «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ» доир ба мавқеи ибора дар нутқ чунин қайд кардаанд: «ҳанӯз аз замонҳои қадим аз Апалон Дискол (забоншиноси бузурги юнонӣ, асри дувуми мелодӣ) сар карда, синтаксисро ҳамчун пайвасти вожаҳо, яъне ҳамчун ибора мехонанд. Вале ибора дар тасаввуроти забоншиносии атиқӣ мафҳуми васеъ дошт» (5, 4).

Забоншинос М. Норматов дар бораи ибора чунин баён доштаанд: «Ибора чун компоненти муҳимтарини ҷумла мафҳумҳои нисбатан мураккабро ифода менамояд ва, аз ин рӯ, худи ибораҳо дар навбати худ бо тарзу роҳу усулҳои гуногун сохта мешаванд. Муайян намудани қонуну қоидаҳои ташаккули ибораҳо чун як воситаи муҳимтарини забон аҳамияти назарӣ ва амалӣ дорад» (6, 26).

Маҳз ана ҳамин хусусиятҳои муҳимми ибораҳоро ба назар гирифта, таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи ин воҳиди басо муҳими нутқ то имрӯз идома дорад.

Дар замони муосир ба таври муқоиса ба роҳ мондани омӯзишу таҳқиқи воҳидҳои нутқ ба ҳукми анъана даромадааст. Бо ин роҳ муҳаққиқон имконоти грамматикӣ, ташаккулу таҳаввул ва рушду инкишофи ин ё он забонро бо таври муқоиса намудан бо дигар забон мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор медиҳанд. Ба ин восита ҳамрангӣ ва фарқи вазифаҳои дастурии воҳдҳои нутқ дао дилхоҳ шохаи забоншиносӣ (фонетика, луғатшиносӣ, сарфу наҳв ва монанди инҳо) мушаххас карда мешавад. Масъалаи ибора дар забони тоҷикӣ ба монанди дигар қисматҳои илми забоншиносӣ чи аз назари таҳлили сохторӣ, маъноӣ ва чи аз назари таҳлили муқоисавӣ мавриди таҳқиқи алоҳидаи илмӣ қарор гирифтааст. Ба ин масъала забоншинос Абдусаттор Мирзоев таваҷҷуҳ карда, дар банди панҷуми китоби «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ таҳти унвони «Ибора дар асарҳои оид ба муқоисаи забонҳо» чунин қайд кардаанд: «Чунон ки равшан аст, яке аз хусусиятҳои муҳим ва зарурии инкишофи забоншиносии муосир аз он иборат аст, олимони забоншинос ба проблемаи таҳқиқи муқоисавии забонҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Ин усули

таҳқиқ имкон медиҳад, ки проблемаҳои муҳимтарини забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар натиҷа тафовуту монандиҳои забонҳо муқаррар гардад» (198).

Дар мақола мо тасмим гирифтем, ки доир ба мувофиқат ва фарқи ибораҳои феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва русӣ чанд сухан гуфта бошем.

«…Воҳиди грамматикие, ки аз ду ва зиёда калимаи мустақилмаъною ба воситаи алоқаи тобеъ ташкил ёфта, муносибати синтаксисиро ифода мекунад, ибора номида мешавад» (5, 242).

Ибораҳои феълӣ аз рӯйи шакл ва аз рӯйи маъно бойтарин ва серистеъмолтарин навъи ибораҳо буда, аз рӯйи алоқаи синтаксисиашон ба гурӯҳҳои зиёд тақсим мешаванд.

Дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» доир ба ин масъала чунин омадааст: «Ибораҳои феълӣ монанди ибораҳои исмӣ аз сермаҳсултарин ибораҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Феъл ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ ва вобастагӣ исм, ҷонишин, зарф, феъли ҳол ва масдарро ба худ тобеъ намуда, ибораҳои феълие месозад, ки дар ифодаи муносибатҳои хеле мухталифи грамматикӣ хизмат мекунанд» (3, 45).

Доираи истеъмоли ибораҳои феълӣ дар забони шифоҳӣ ва хаттӣ, махсусан дар забони осори адабӣ мавқеи назаррасро молик аст. Забон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва нутқ ҳамчун воситаи баёни фикру андеша ба ибора, алалхусус, ба ибораҳои феълӣ ниёз дорад. Бинобар ин, метавон қайд намуд, ки истифодаи ин навъи ибораҳо (ибораҳои феълӣ) дар нутқ ногузир аст.

Шоирону нависандагон, таърихнигорону фарҳангшиносон ва, умуман, қаламкашон барои сареҳу муъҷаз, образноку ҷолиб баён намудани андешаашон аз имконоти овоӣ, сарфию наҳвӣ, луғатнигорӣ ва услубшиносии забонамон бо дарназардошти риояи қатъии меъёрҳои забони адабӣ нуктасанҷонаву мавридшиносона истифода мебаранд.

Бояд махсус қайд намуд, ки доираи инкишофи ибораҳои феълӣ ҳам аз рӯйи ифодаи маънои луғавӣ ва ҳам аз рӯйи хелҳои алоқа нисбат ба дигар ибораҳои озод хеле васеъ мебошад. Дар ин маърӯза саъй мекунем, ки доир ба ибораҳои феълии замонӣ бо пешояндҳои аслӣ ва номӣ  дар забони тоҷикӣ ва русӣ маълумот диҳем.

Дар ташаккул ва таҳаввули ин хели ибораҳо пешоянҳои аслии –**дар, андар, аз, то, ба**, **бо** иштироки фаъол доранд. Мисолҳо:

1.Бо пешоянди аслии «дар»: **дар асри XIII зиндагӣ кардан, дар соли 1890 омадан, дар моҳи сарв сар кардан, дар тирамоҳ шумурдан, дар ҳафтаи дуюм рафтагор шудан, дар рӯзи бебозор овардан, дар ҷавонӣ рафтан.**

Наҷмиддин Умари қазвинӣ **дар асри XIII зиндагӣ кардааст** (С.А. ҷ. 6, с. 211).  –Наджмиддин Умар Казвини жил XIII веке.  **Дар соли 1890** ман ҳамроҳи

акаи худ барои хондан ба Бухоро **омадам** (ҳам. ҷо. 215). –В 1890 я со своим братом бартом приехал в Бухару на учёбу. **Дар моҳи сарв,** дар моҳи ҷавзо – Оби Варзоб шӯхие сар кард (М. Т. Асар. Мунт. 277с.). –В месяц сарв , в месяц джавзо вода в реке Варзоб было особенно бурной. Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд (Эҷ. даҳ. халқ.). –Циплят по осени считают **Дар ҳафтаи дуюм** писари амаки падарам – Иброҳимхоҷа ба Дарвешобод **рафтагор шуд** (С. А. Ёдд. ҷ. 1. С. 150). – Н второй недели сын дяди моего отца – Ибрагимхаджа поехал в Дарвешабад. Ман **дар 16-солагиям** аз Россия ба Бухоро **омадам** (С. А. ҷ. 6, с. 261). – Я риехал из России в Бухара в возрасте 16 лет.

Бояд махсус қайд намуд, ки пешоянди «дар» дар таркиби ибораҳои феълӣ яке аз пешояндҳои сермаҳсул ба шумор меравад.

Пешоянди андар (варианти дар) дар забони адабии ҳозираи тоҷик тамоман аз истеъмол баромадааст. Мисол: Ваҳдате буд **андар** бостон (ғ. М., 336 паҳ. 26). Магар, эй оби соф, **андар** ҷавонӣ…

Пешоянди «аз» худ маънои замонӣ надорад, бинобар ин вай дар роли ташкилкунандаи маъноиибораро бозӣ карда наметавонад. Ин вазифаро исм иҷро мекунад. Барои он ки ибора маънои замонӣ пайдо кунад, бояд исме, ки дар ибораҳо чун ҷузъи тобеъ иштирок менамояд, маънои замонӣ дошта бошад.

Ибораи феълии бо пешоянди «аз», ҷузъи тобеашон исмҳои замон аст, амалеро нишон медиҳад, ки ибтидои он ба ягон муддати вақти муайяне рост меояд ва ё аз лаҳзаи сар шудани ягон муддати вақте оғоз меёбад: **аз субҳ хестан, аз бегоҳ сар кардан, аз ҳамин рӯз ба назар гирифтан, аз соати чор рафтан, аз соли аввал дӯст доштан…**

**Чунончи:** Ман ҳам **аз** ҳамон **бегоҳӣ** ба хонаи ӯ **рафта,** кори навамро сар кардам (С. А., ҷ. 7, с. 181). Имрӯз барвақтар хоб кунед, **аз субҳ хеста**, тайёрии сафарро мебинем (Маор. Ва мад., 7 феврал, 1963). Дид магар ҳеҷ кас **аз бостон** - ҳокими мудҳиштар аз он дар ҷаҳон (ғ. М., с 336).

Пешоянди «то» яке аз пешояндҳои сермаъно ба ҳисоб рафта, ду муносибати грамматикӣ-масоҳаву замонро ифод мекунад: **то бомдод истодан, то бегоҳӣ хобидан, то пирӣ мондан, то рӯз рафтан…**

**Чунончи:** Дарвозаи шаҳр аз сари хуфтан баста шуда, **то бомдод** баромаду даромад ба шаҳр **бозмеистод** (С. А., ҷ.6, с. 297). Баъд аз ин худ ба хонаи дарунаш даромада, **то бегоҳӣ** ба ҳузур **мехобид** (С.А., ҷ. 7. С. 498). Озуқаи тайёркардааш **то баҳор** ба ду кас **намерасид** (С. А., ҷ. 6, с. 215).

**Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии таркибии замонӣ**

Пешояндҳои номии таркибие, ки маънои замони соф доранд, гурӯҳи бисёр калонро ташкил мекунанд

Дар сохтани ин гурӯҳ ибораҳо ва ё таркибҳои пешояндмонанди зерин иштирок мекунанд: **дар вақти, дар ҳангоми, дар лаҳзаи, дар давраи, дар**

**аснои, дар айёми, дар мавсими, дар лаҳзаи, дар рафти, дар равиши, дар ҷараёни, дар аҳди, дар мавриди, дар фурсати, дар арафаи, дар гашти** ва монанди инҳо…

Мисолҳо:

1.Бо пешоянди **дар вақти**: Соҳибкор **дар вақти кор фаҳмида** будааст (С. А., ҷ.6, 348). **Дар вақти ошхӯрӣ** падарам **пурсид**, ки…(С.А., Ёд. С. 194). Мо рӯзона**, дар вақти шиддати гармии** ҳаво бар он суфа ба оби равон чашм духта **менишастем** (С. А., ҷ.7, 156). **Дар вақти омадани ман** захираашон ҳеҷ **намонда** буд (Ёд, с. 261).

2. Бо пешоянди **дар ҳангоми**: **Дар ҳангоми субҳ** мо ба теппаи баланде **баромада**, камин гирифтем…(М. А. Дар. бағ. кӯҳ. С. 41). –Во время россвета мы притаились, поднявшись на високой пригорок. **Дар ҳангоми пириам** маро **партофта**, нарав…(Ал. Туар, ҷав, 167). – Не уходи, бросив меня во время старости. Дар ҳангоми сурудхониҳо ба рӯйи ӯ дуздида нигоҳ мекардам (Маор. Ва мад., 0 апр. 1963). – Я украдкой смотрел на него во время песнопений.

3. Бо пешоянди **дар замони**: Ман **дар замони мо** ҳам **мумкин будани** шеъргӯйиро фаҳмидам (С. А. Ёд., қ. 1, с. 134). – Я понял, что и в наше время можно так писать стихи. Ӯ **дар замони худаш** гӯё **зиреҳсозӣ карда** будааст (С. А. Ёд., қ. 1, с. 134). Падарам **дар замони худ** зиндагиашро бо китобдорӣ **гузаронидааст** (С. А., қ. 7, с. 174). – Мой отец в своё время провёл жизнь работая библиотекарем.

**Рӯйхати адабиёт**:

1. Абдусаттор Мирзоев. Иборaҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972. – 256 с.

2. Абдураҳимов С. Иборaҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1973. – 166 с.

3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. қ.2. – Душанбе, 1984. – 328.

4. Камолов Х. Иборaҳои изофӣ (лар асоси маводи «Таърихи табарӣ» - и Балъамӣ). Душанбе, 2011. – 155.

5. Мирзоев Абдусуттор. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ.- Душанбе, 2002. – 308 с.

6. Норматов М. Иборaҳои исмӣ ва сохти онҳо (аз рӯйи «Дохунда»-и С. Айнӣ) // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 1990. – 25 – 39.

7. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик (синтаксис). – Душанбе: «Матбуот», 2011. – 324 с.

# СЕРМАЪНОӢ ВА МУРОДИФОТИ ЛУҒАВӢ ДАР ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ ХАТЛОНӢ

**Табарзода Хайрулло Назар**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
хиё.Рӯдакӣ, 17, 734025
ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел.: (+992) 93-599-83-30

**Аннотатсия**: Дар мақола хусусиятҳои забонӣ ва услубии осори Ҳоҷӣ Ҳусайнии Хатлонӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф таваҷҷуҳи махсус ба истифодаи сермаъноӣ ва муродифоти луғавӣ зоҳир намуда, нақши онҳо дар ғанигардонии забон ва афзудани таъсирбахшии матнро нишон медиҳад. Ин таҳқиқот аҳамияти калидии истифодаи дуруст ва ҳунармандонаи калимаҳоро дар рушди филология ва адабиёти тоҷик таъкид менамояд.

**Калидвожаҳо:** *сермаъноӣ, муродифот, луғат, осор, Ҳоҷӣ Ҳусайнии Хатлонӣ, забон, услуб, адабиёт, таҳлил, таъсирбахшӣ*

# МНОГОЗНАЧНОСТЬ И ЛЕКСИЧЕСКИЕ СИНОНИМЫ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ХОДЖИ ХУСАЙНИ ХАТЛОНИ

**Аннотация:** В статье рассматриваются языковые и стилистические особенности произведений Ходжи Хусайни Хатлони. Особое внимание уделяется использованию многозначности и лексических синонимов, их роли в обогащении языка и усилении выразительности текста. Исследование подчеркивает ключевое значение правильного и художественного применения слов для развития филологии и таджикской литературы.

**Ключевые слова:** *многозначность, синонимы, лексика, произведения, Ходжи Хусайни Хатлони, язык, стиль, литература, анализ, выразительность*

Таркиби луғавии забон тамоми калимаҳои дар забон мавҷударо дарбар мегирад ва «…калима объекти таҳлили се қисмати забоншиносӣ шуда метавонад», ки яке аз ин қисматҳоро дар илми забоншиносӣ «Лексикология» меноманд, ки он ба омӯзиши худи калима (луғат), таълимот ва тартиб додани луғатҳо маълумот медиҳад ва ҳангоми омӯзиши таркиби луғавии забон моро ба он водор месозад, ки «то як дараҷа мафҳуму чизҳои ба воситаи калима ифода мешудагиро тасаввур кунем» [ЗАҲТ, 1973, с. 17].

Ҳангоми ба мероси гаронбаҳои яке аз шоири тавонои нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ назар андозем, чун идомадиҳандаи кори неки аҳли илму адаб ва фарҳанг рисолати инсонии худро

дар назди ҷамъият ба субут расонида, аз боигарии луғавӣ ва воситаҳои грамматикии забони тоҷикӣ ба тарзи худ истифода намуда, дар интихобу кор фармудани луғат, дар калимасозӣ ва суханпардозӣ, тарзи баёни воқеа бо услуби эҷоди хоси худ аз шоирони ҳамзамони худ фарқ мекунад. Интихоби воҳидҳои лексикию фразеологӣ ва унсурҳои грамматикии забонро метавон дар осори шоир ба ду қисмати асосӣ ҷудо намуд, аввалан, дар осори шоир интихоби мавзуъ ва мундариҷа вобаста ба вазъи сиёсиву иҷтимоии даврони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX вобастагии қавӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар, аз осори назмиву насрии шоир савияи дониш, завқу салиқаи эҷодӣ, маҳорати баланди эҷодкории Ҳоҷӣ Ҳусайн баръало мушоҳида мегардад.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ барои пуробуранг, образноку таъсирбахш баромадани забони осори офаридааш, ба қавли дигар, барои «...диди баланди зебоишиносии сухан» [Саломиён М., 2020, с. 10] аз як қатор мафҳумҳои лексикӣ, аз қабили истифодаи вожаҳои якмаъною сермаъно, муродифҳо, ҳамгунҳо, калимаҳои зидмаъно, гунаи воситаҳои тасвири бадеӣ бамаврид истифода намудааст, ки маъноро дилкашу ҷозибадор мегардонанд. Ба ин хотир мафҳумҳои лексикӣ ва истифодаи онҳоро дар осори шоири нозукбаёну ширинсухан Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ зери назари таҳқиқ қарор додем.

**1. Сермаъноии вожаҳо дар осори шоир**

Дар илми забоншиносӣ вожаҳои мустақил аз ҷиҳати ифодаи маънову мундариҷаи луғавӣ ба гурӯҳҳои якмаъно (моносемӣ) ва сермаъно (полисемӣ) ҷудо мешаванд. Доираи истифодабарии вожаҳои якмаъно ва сермаъно фарқ доранд. Услуби бадеӣ сухунпардозӣ, бофтаҳои зебову дилкашро мепазирад, то ба сахми хонандаву шунаванда гуворову ҷолиб намоён гардад. Вожаҳои якмаъноро, бо таври дигар, дар забоншиносии имрӯза бо истилоҳи (термин) соҳаҳо низ ном мебаранд. Аммо доираи истифодаи вожаҳои сермаъно дар адабиёти бадеӣ васеъ буда, паҳлуҳои гуногуни ҳодисаҳои воқеиро дар шакли як калима акс намуда, мисли занҷираи ба ҳам пайванд, ки бо ҳам алоқаи ҷудонашаванда доранд.

Яке аз роҳҳои сермаъношавии вожаҳо истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад. Воситаҳои тасвири бадеӣ аз қабили тавсиф, ташбеҳ, ташхис, истиора, киноя, маҷоз, рамз, муболиға, таъриз дар асарҳои назмиву насрии шоирон ва нависандагон истифодаи васеъ доранд. Ҳар яке аз ин воситаҳои тасвири бадеӣ дараҷаи истеъмоли худро дошта, дар мавридҳои муайян барои муассир гардидани нутқи тасвирии адиб ва нутқи шифоҳии гӯянда истифода мешаванд.

Муҳаққиқони зиёдеро метавон номбар намуд, ки дар таҳқиқу баррасии хусусиятҳои сермаъноии калимаҳо дар осори гузаштагони адабиёти классикӣ ва муосир саҳми босазое гузоштаанд.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ барои рангинии сухан ва пуртасвирии он аз санъатҳои бадеӣ кор гирифтааст. Дар шеъри ӯ аз воситаҳои тасвирсоз маҷоз мавқеи махсус дорад ва шоир дар осораш таркибҳои маҷозиро фаровон ба кор бурдааст. Истеъмоли ин навъи таркибҳо аз қаробати забони ӯ бо лафзи мардум дарак медиҳад. Олими маъруф Асадулло Сӯфизода ба иртиботи ин сухан мегӯяд: «...сабки тасвир ва забони гуфтори ӯ форам ва ҳунармандона мебошад. Дар забону сабки баёни шоир ҳавои назми шифоҳӣ ва таровати ашъори бузургони Аҷам ҳувайдост » [Сӯфизода А., 2009, с. 67]. Иборaву ифодаҳои равону дилфиребу мардумӣ ва ҳусну малоҳати ҷомиёнаро дар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн баръало мушоҳида менамоем, чунончи, порча аз ғазалҳои шоир:

Эй дӯст биё дар қадамат зор бимирам,
Ту ханда куну гӯ, ки чи миқдор бигирям.
Кас нест, ки тимори маро бар ту расонад,
Бар бекасии хешу ба тимор бигирям.
Эй маҳмили Лайлӣ, нафасе соз таҳаммул,
То қиссаи Маҷнун кунаму зор бигирям.
Аз суҳбати мардум чи тавон ёфт, ки чун шамъ,
То субҳ ба доғ афтаму бедор бигирям...[1, 244]

Порча аз ғазали дигари шоир:

Дар ҳаҷри ту то кай мани бемор бигирям,
Дар ҳар сари роҳу паси девор бигирям.
То сели сиришкам бирасад дар гузари ту,
Чун абри ҳамал дар сари кӯҳсор бигирям...
Эй қофилаи умр, куҷо тез равонӣ?
Оҳиста гузар, то мани афгор бигирям.
Ҳоҷӣ ба ҳарам рафту бишуд дидаи ман чор,
Бе зодаму роҳила, ба ночор бигирям ...[1, 242]

Шарҳи нисбатан мукамалро доир ба мафҳуми маҷоз Муҳаммад Ғиёсуддин дар асараш Ғиёс-ул-луғот додааст. Ӯ чунин навиштааст: «Маҷоз роҳ ва ҷойи гузаштан ва зидди ҳақиқат ва ба маънои калимае, ки дар ғайри маънии ҳақиқии худ мустаъмал шавад ва маънии мавзӯи ҳақиқии он матрук нашуда бошад, балки дар маънии мавзӯъ ва ғайри мавзуъ алоқаи мушобаҳат ё зарфият ё сабабият...» [Ғиёс-ул-луғот. 1987, с. 416]. Қисмати аввали ин шарҳ маънои луғавӣ ва қисмати дуюмаш маънои истилоҳии калимаи маҷозро дар бар мегирад. Яъне маънои истилоҳии калимаи маҷоз чунон аст, ки калима аз маънои ҳақиқии худ дур набуда, балки бар он алоқаи мушобаҳат(монандӣ) ё зарфият ё сабабият дорад.

Аз донишмандони гузаштаи мо ба масъалаи сермаъноии вожаҳо ҳанӯз дар асри XIII Хоҷа Насируддини Тусӣ изҳори назар намуда, чунин гуфтааст:

«...Як лафз ба маънии бисёр далолат кунад, онро алфози мутаффиқа хонанд...монанди итлоқи «чашма» бар «чашмаи об» ва «чашмаи тарозу» ва «чашмаи офтоб» [Хоҷаев Д., 2004, с. ].

Яке аз роҳҳои сермаъношавии калима, аз назари Насируддини Тусӣ, маҷоз аст. Истеъмоли лафз дар маънои аслӣ густариш ёфта, маънии шабеҳаш бинобар сабаби муносибати мушобеҳа, ки асоси ташбеҳ мегардад, маънои маҷозӣ мегирад. Маънии аслии калима ҳақиқат буда, маънии шабеҳи онро маҷоз мегӯянд. Масалан, калимаи «нур» дар ифодаи «нури офтоб» ба маънии аслӣ равшанӣ аст, аммо дар ифодаҳои «нури босира» ва «нури босират» маънии итлоқи он, яъне маънои кӯчидаи вай, мебошад ва маҷоз яке воситаҳои муҳим барои тобиши маъноӣ пайдо кардани калимаҳост... Ҳамчунин Насируддини Тусӣ ҳодисаи тамсил ва истиораро низ аз муҳимтарин воситаҳои сермаъношавии вожаҳо медонад. Масалан, калимаи «моҳ» ба маънии ҷирми самовӣ бар вазъи маънии аслии он аст, аммо итлоқи он бар рӯйи накӯ ба маънии маҷозӣ, яъне тамсил мебошад. Ё ин ки лафзи «шер» ба маънии аслиаш номи ҳайвон аст, аммо марди шуҷоъро низ «шер» мегӯянд, ки онро истиора меноманд» [Хоҷаев Д., 2013, с. 121]

Дар илми забоншиносии муосири тоҷик доир ба мафҳуми маҷоз ва дар заминаи он пайдо шудани сермаъноии вожаҳо олимон нуктаҳои ҷолиберо пешниҳод намудаанд.

«Маълум аст, ки тағйироти маъноӣ,-таъкид кардааст, муҳаққиқи ҳодисаи сермаъноӣ дар забони тоҷикӣ А. Муминов, ба туфайли ду далел ба вуҷуд меояд: яке омили ғайризабонӣ, дигаре, омили забонӣ» [Муминов А., 1972, с. 4].

Дар ҳақиқат ин ду омил дар ҳамаи давраҳои инкишофи забони тоҷикӣ таъсири калон дошт. Дар давраи классикии инкишофи забони тоҷикӣ омили ғайризабонӣ ин таъсири сохти ҷамъиятии ҳамон давра, илму фарҳанги он замон, аз ҷумла, таъсири пурқуввати забони адабӣ ба шумор мерафт. Дар аҳди Шӯравӣ таъсири пешрафти илму техника, пайдошавии мафҳумҳои навбанав дар ҳамаи соҳаҳо ва дар ифодаи мафҳумҳои нав иқтибос аз забони русӣ маҳсуб меёфт. Омилҳои дохилии сермаъношавии вожаҳо дар забони тоҷикӣ чи дар давраи классикӣ, чи муосир гуногунанд. Албатта имкониятҳои дохилии сермаъношавии калимаҳо ба табиати забони тоҷикӣ, истиора, ибҳом, маҷоз ва ғ. вобаста мебошад.

Ҳодисаи сермаъноии вожаҳо дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн вижагиҳои худро дорад. Масалан, вожаи «сар» дар ашъори шоир чандин маъно дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

1) «**сар**» ҳамчун номи узви бадани инсон ва аҷноси олам, ки дар он узвҳои дигар: чашм, гӯш, бинӣ ва даҳон ҷо гирифтаанд. Ин узви бадан дар қисмати аз ҳама болои ҷисми инсон қарор дорад. Ба ин маънӣ шоир гуфтааст:

**Сар** ба зонуи хиёли бесуботӣ мондаем,

Чашми мо ҳам варна бедор аст чун мижгони субҳ [1,100]).

Албатта, ибораи «сар ба зонуи хаёл мондан» ибораи маҷозӣ аст ва вожаи «сар» ин ҷо ишора ба андешаю фикр ҳам кардан аст.

Байти дигаре низ дар ашъори шоир ба назар расид, ки вожаи «сар» ифодакунандаи ҳамин маънӣ мебошад, чунончи:

Чунон мастӣ, ки дорад чашми масташ,

**Саре** дар хилвати мино надорад [1,123].

2. Ба ҳамин маънии боло, ки «сар» дорад, ифодаҳои сари кӯҳ, сари девор, сари дарахт, сари теппа, сари санг пайдо шуда, умумияти маъно дар онҳо мушоҳида мешавад, чунончи:

а) Бо зишту накӯ шеваи инъоми ту ом аст,

Гул тоҷи **сари хор** кунад сабза чаманро [1,43].

б) Нест қумрӣ, ки саҳар магӯяд

Ба **сари кӯй**и ту куку, манамат [1,69].

в) Кабк, донӣ, бар эътибори ҷаҳон,

Бар **сари кӯҳсор** механдад [1,129].

3. Вожаи «сар» ба маънии ибтидо, ки он ҳам ба маънии «сар» чун ҷузъи аввали ҷисми инсону дигар аҷноси ҷондор вобаста мебошад, меояд, чунон ки дар байти зерини шоир омадааст:

Боди сабо бо **сар**и зулфат гузашт,

Чок бизан дар бари гул парниён[1,269].

4. Ба маънии изҳори итоат кардан, таслим шудан низ шоир аз вожаи «сар» кор гирифтааст, чунончи:

Ки эй дил бисмили шавқи ҳавоят,

**Сар**и таслим роҳандози поят [1,517].

5. Вожаи «сар» дар қолаби сохтаю мураккаб ва ибора низ омада маъноҳои гуногунро ифода менамояд, аз ҷумла, дар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн Кангуртӣ дар қолаби «саросар»(18 маротиба), «саропо» (7 маротиба), «сар то ба пой»(1 маротиба), «пой то сар»(4 маротиба) ба маънии пурра, комилан, ба тамомӣ бисёр ба назар расид, чунончи:

а) **Саропо** сӯхтам бо гиря чун шамъ.

Нашуд доғи дили бечора равшан [1,273].

***

б) Хамӯшӣ рехт бар овозаи чанг,

**Саросар** баста шуд бозори оҳанг [1,441].

***

в) Дар шоми бекасиҳо то вақти субҳгоҳӣ,

Чун шамъ з-оташи дил **сар то ба по** шарорам [1,245].

***

г) **Пой то сар** з-оташи дил, аз таби шавқам гудохт,

Ҳамчун шамъи ашкрезон бар мазори Бедилам [1,253].

Чунон ки аз маънохои вожаи «сар» маълум гардид, ин калима дар майдони маъноӣ ба калимаҳои «боло», «тор», «рӯй», «ибтидо», «аввал» ва ғайра хусусияти муродифӣ низ пайдо мекунад, чунончи: сари кӯҳ - тори кӯҳ; болои кӯҳ, рӯйи кӯҳ; сари девор - тори девор, болои девор, рӯйи девор; сари дарахт - болои дарахт, тори дарахт, рӯйи дарахт.

Дигар вожае, ки дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ хусусияти сермаъноӣ зоҳир кардаасту шоир ба ниятҳои услубан маъноҳоро ба кор бурдааст, калимаи «**чашм**» мебошад.

Дар фарҳангҳои тафсирии пешин ва муосири забони тоҷикӣ чандин маъноҳои вожаи «чашм» оварда шудаанд: 1) узви биниш дар инсон ва аҷноси ҷондор; 2) назар, нигоҳ; 3) умеду интизорӣ; 4) ҳар паҳлӯи чизе, ба монанди чашми сӯзан, чашми ғалбер.

Тафтишу пажӯҳиши осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ нишон дод, ки ин шоири нозукбаён чандин маъноҳои вожаи «чашм»-ро вобаста ба мазмуни ин ё он ғазал ҳадафи хеш ва ниятҳои услубӣ қарор додааст:

1. Чашм ба маънои узви биниши инсон:

Расид айёми пирӣ, **нури** **чашмат** кам шуд, эй ғофил,

Нашуд кам ҳирсу озат беш дорӣ ҳарзатозиҳо [1,22].

Дар байти фавқ вожаи «чашмат», яъне чашми ту, ишора ба инсон, яъне мухотаб аст.

2. Чашми танг ба маънии хасис, ҳирс, бахил:

Ба **чашми танги мардум** аз заифӣ метавон рафтан,

Ки ғайри риштаро раҳ нест дар сӯфори сӯзанҳо [1,34].

3. Чашми қабул ба маънии пазируфтан, қабул доштан:

Саросар кардаам, бешак, фузул аст,

Риҷоро аз карам **чашми қабул** аст [1,498].

Ба ин монанд, калимаи тоҷикии **абр** (бухори об, ки аз замин бо таъсири ҳарорат ба ҳаво пароканда шуда, аз он барфу борон ҳосил мешавад), метавонад дар маънои аслӣ ва якчанд маънои дигар, яъне маънои маҷозиро ифода кунад:

а) дар маънои аслӣ:

Кунун **абри** басоти ин баҳорам,

Чу **найсон** донаи гавҳарнисорам [1,422].

абри тира - абри боронӣ, абри сербориш:

Зи **абри тира** резад оташу об,

Кунад як қатраро чун кӯҳи селоб[1,387].

б) дар маъноҳои гуногун:

абри найсон - абре, ки ба моҳи апрел баробар меояд ва мувофиқи ривоят, гӯё аз қатраҳои борони ин моҳ ба даруни садаф марворид пайдо мешавад:

**Абри найсон** то наборад, дона чун хуррам шавад,
Меҳр то партав набахшад, ҳаста монад ҳаставор[1,385].

гарданда абр - абре, ки дар осмон давр мезанад ва зарару зиёне пеш намеорад:

Агар меҳр аст, ман **гарданда абр**ам
В-агар шер аст, ман гироҳужабрам[1,475].

абри раҳмат – абри кароматӣ; абре, ки аз чашмаҳои баҳақрасидагон борони раҳмат фурӯ резонад ва аз қатраҳои он гавҳари маънӣ падид ояд:

Ба рӯяш з-**абри раҳмат** шомиёнҳо
Хати борон таноби соябонҳо [1,424].

абри мижгон - ғамангез, дидаи тар, дарду алам, ғаму ғусса:

Баҳорам, **абри мижгон** қатраборам,
Бадахшон хун зи доға лолазорам [1,464].

**2. Муродифоти луғавӣ дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн**

Муродифоти луғавӣ дар осори шоир нақши муҳим дорад. Масалан, ӯ аз вожаи «**забон**» дар бисёр абёти худ истифода кардааст, чунончи:

Ба шамшери **забон** марди суханвар,
Кунад олам мусаххар чун Сикандар [1,420].

Дар ҷойи дигар аз вожаи арабии он «**лисон**» истифода намудааст:

Фасоҳат муъҷизи пайғамбарон аст,
Пас он гаҳ дар **лисон**и шоирон аст [1,421].

Вожаи «**ҷаҳон**» дар забони тоҷикӣ муродифоти зиёд дорад, ки аз онҳо Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бисёр муносибу ҳунармандона истифода кардааст. Аз силсилаи муродифоти ин вожа дар ашъори шоир калимаҳои «ҷаҳон», «олам», «чарх», «дунё», «фалак», «гардун» истифодаи фаровон доранд. Аз ин силсила калимаҳои «дунё», «олам» дар баробари калимаи «ҷаҳон», ки силсила аст, дар ҳамаи услубҳои нигориш ва ҳамаи гӯйишҳои забони тоҷикӣ серистеъмол мебошад. Дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ ин се вожаи муродифӣ серистеъмол аст, чунончи:

**Ҷаҳон** баҳри фиреби содалавҳон ҷилва бинмояд,
Ва шаш сӯ чун ғарон андар либоси беҳаёиҳо [1,26].

Дар ҳама луғату фарҳангҳои муътабар вожаи «ҷаҳон»-ро муродифи калимаҳои «олам», «дунё» ва «гетӣ» гуфтаанд. Дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн низ ин муродифҳои калимаи «ҷаҳон» дида шуд.

**Дунё**: Кай ба мо шуд ҷамъ **дунё**, то аз ӯ бигзаштаем,

Панҷаи нобастаро аз ранг во кардан ҳиност [1,77].

**Олам**: Чу чинӣ бар танам ҳар сӯ хати бишкастагӣ овард,
Кулаҳ чун дидам, он бебоки олам боз бишкастаст [1,61].

**Гетӣ**: Бимир, эй модари гетӣ, ки моро духтари толеъ,
Дар оғӯш асту бахт аз тифли васл обистан аст имшаб [1,52].

Дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн ғайр аз калимаи «дунё» ва «олам» ба маънии «ҷаҳон» вожаҳои «даҳр», «фалак», «гардун» ба сурати фаровон истифода шудааст, ки назари фарохи шоир дар шинохти муродифоти луғавӣ дарак медиҳад. Намунаҳо аз ашъори шоир:

**Даҳр**: Инқилоби даҳрро, Ҳоҷӣ, аз он фаҳмидаем,
Гунбаде болои сард орем, гоҳе зери пост [1,77].

**Фалак**: Гарди ҳар сар чун фалак гаштем бо пушти дуто,
Лаб ба дашномам кушуд, инкор кард аз марҳабо [1,52].

**Гардун**: Ҳоҷӣ, чӣ сон ба зурваи кӯйи ту раҳ барад?
Гардун куҷову пар задан мушти туробро [1,38].

Албатта дар ин силсилаи синонимҳо ҳар кадоме аз вожаҳои муродифӣ, ба мақсаду ниятҳои муайяни услубӣ истифода шуда, аз рӯйи дараҷаи истеъмол, доираи корбурд, обуранги эҳсосотӣ фарқ доранд. Ғайр аз ин дар осори манзум дараҷаи истеъмолу доираи корбурди онҳо ба талаботи вазну оҳангнокӣ низ вобаста мебошад.

Силсилаи муродифии дигаре, ки дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн нақши муҳим бозидааст, вожаҳои **рӯй, рух, рухсор, рухсора, чеҳра, ораз, симо, шамоил, намуд** мебошад. Дар ин силсила, чунон ки дар ҳамаи таҳқиқоти оид ба луғатшиносӣ, забону услуби осори мансуру манзуми адибони классику муосири адабиёти тоҷик бахшидашуда таъкид шудааст, сарсилсила вожаи «**рӯй**» мебошад. Калимаи рӯй ба маънии узви инсон ва ҳама аҷноси дорои рӯҳ, дорои маънии муътадил буда, серистеъмолу оммафаҳм мебошад ва дар ҳама услубҳои нутқ мустаъмал аст.

Дар силсилаи муродифии вожаҳо бо калимаи серсилсила- рӯй, ки вазифаи номбаркунии шаъйро дошта, маънии муътадилро доро буда, аз обуранги эҳсосотӣ маҳрум аст, дигар калимаҳои ин силсила дорои обуранги эҳсосотӣ ё мусбат, ё манфианд. Масалан, аз силсилаи муродифии **рӯй, рух, рухсор, рухсора, чеҳра, ораз, симо, афт, шамоил, андом, намуд, сурат, лиқо, суммот, башара** ва ғайра вожаи «**рӯй**»-муътадилмаъно, яъне сарсилсила буда, калимаҳои рух, рухсор, рухсора, чеҳра, ораз, симо обуранги эҳсосоти мусбат

дошта, калимаҳои **афт**, **шамоил**, **андом**, **намуд**, **лиқо**, **суммот**, **башара** дорои обуранги эҳсосотии манфианд. Аз ин силсила калимаи **сурат** вобаста ба маъно ва ҳадафи нависандаву гӯянда хусусияти мобайнӣ дорад: гоҳо маънии мустақилу мусбат дорад, гоҳо тобиши маънои манфӣ мегирад. Чунон ки таъкид шуд, ҳар кадоме аз вожаи муродифии силсилаи мазкур бо ин ё он тобиши маъно аз ҳамдигар тафовут доранд, чунончи, силсилаи вожаҳои бо калимаи «рӯй» ҳаммаъно ё наздикмаъно, ки дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дида шуд, аз ин вижагиҳо бархурдор аст:

1. **Рӯй**:

Эй дар хаёли **рӯй**и ту пурдоғ синаҳо
Дар дил ниҳон зи оташи шавкат дафинаҳо [1,14].

2. **Рух**:

Биё, ки бе **рух**и ту дидаи майл хоб надорад,
Ниҳоли гулшани умед бе ту хоб надорад [1,11].

3. **Рухсора**:

Ғоза бар **рухсора** аз ранги маосӣ кардаем,
Эй пушаймонӣ, куҷойӣ, бош, бо нисёни мо [1,15].

4. **Чеҳра**:

То ба рағми муҳтасиб бар мо хуморе бишканӣ,
**Чеҳра** гулгун созу бар каф соғари саҳбо, биё [1,32].

5. **Симо**:

Шуд об чу симоб нигоҳам зи табу тоб,
То ки нигаҳи гарм ба **симо**ш бубастам [1,235].

6. **Ораз**:

Назар зи тоби рӯйи ту шавад хафош бе басар,
Бувад шуои **ораз**ат чун меҳр дар шарораҳо [1,37].

Тавре ки аз шаш вожаи муродифие, ки ба силсилаи муродифии рӯй, рух, рухсора, чеҳра, симо ва ораз шомиланд, калимаи «рӯй» сарсилсила ё меҳвари ин силсила аст, яъне доминант мебошад. Дар силсилаи муродифии мавриди назар, ҳарчанд ки ҳамаи панҷ вожаи муродифии силсилаи ба калимаи «рӯй» муродиф шудаанд, аммо ҳар кадоме аз онҳо ба тобиши маъно, хусусиятҳои услубӣ, обуранги эҳсосотӣ тафовут доранд. Масалан, дар байти дуюм калимаи «**рух**» ба калимаи «рӯй»-и байти якум пурра хусусияти муродифӣ дорад. Агар талаботи вазни шеърро ба назар нагирем, онҳоро бехалали мазмуни байтҳо иваз кардан ҳам мумкин аст. Аммо вожаи «рух» мушаххасан барҷастагиҳои ду ҷониби рӯйи инсонро мефаҳмонад. Калимаи «**рухсор**» ва «**рухсора**» низ ба сурати нисбӣ ба калимаи «рӯй» муносибати муродифӣ доранд, зеро онҳо як тарафи барҷастаи рӯйи инсонро мефаҳмонанд. Аз ин ҷост, ки ифодаҳои ду рухсор ё ду рухсора; рухсораҳо дар забони тоҷикӣ мустаъмаланд. Дар байти

чаҳорум вожаи «**чеҳра**» бо калимаҳои «рӯй», «рухсор», «симо», «ораз» хусусияти муродифӣ дорад, аммо вожаи «чеҳра» бештар хоси услуби бадеӣ буда, тавсифҳои зиёде мегирад, ки дар осори дигар адибон дар истифода қарор доранд, аз ҷумла, чеҳраи зебо, чеҳраи сафед, чеҳраи гарм, чеҳраи гандумгун, чеҳраи хандон, чеҳраи ширин, чеҳраи шинос, чеҳраи ошно, чеҳраи равшан, чеҳраи кушод, чеҳраи кушода, аммо аз осори Ҳоҷӣ Ҳусайн истифода бо вожаи «чеҳра» ибораҳои чеҳраи гулгун, чеҳраи гулнор, чеҳраи давлат, чеҳраи бикшода, чеҳраи арғувони гулнорӣ истифода гардидааст, ки обуранги эҳсосотии ҳам мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Намуна:

Чу дида **чеҳраи гулгун**и ӯ, баҳор бирафт,
Сабову ғунчаву гул ҷамъ кард, бо ҳам сӯхт [1,70].
***
Дар маҳфиле, ки **чеҳраи гулнор** барфурӯхт,
Андар пиёла духтари раз аз ҳаёст сурх [1,102].
***
Зи зулм **чеҳраи давлат** сиёҳ мегардад,
Чу шом парда гушояд, ҷаҳон шавад чун қир [1,104].
***
Имтиёзи халқ андар **чеҳраи бикшода** аст,
Варна ҳамчу дай ҳамон шому саҳар дорад баҳор [1,167].
***
**Чеҳраи арғувони гулнорӣ**,
Лаъли майгун аз он ба хунхорӣ [1,202].
***
Мабодат **чеҳраи зард**ам фаромӯш,
Фиғонам ношнои пардаи гӯш [1,234].

Вожаи «**симо**» низ дорои обуранги эҳсосоти мусбат буда, ба калимаи «чеҳра» хусусияти муродифӣ дорад, аммо чун вожаи ҳамгун ба маънии **шаклу шамоил**, **қиёфа**, **образ**, **тимсол**, **шахсият** низ меояд.

Вожаи «**ораз**» низ ба калимаи «рӯй» хусусияти муродифӣ дошта бошад ҳам, аз рӯйи тобиши маъно, хусусияти услубӣ, дараҷаву доираи истеъмол ба вожаи «чеҳра» бештар наздик аст.

Ба ҳамин тариқ, дар забон вожаҳои муродифие, ки силсилаи муродифотро ташкил медиҳанд, ба сурати мувозӣ ё мутлақ вуҷуд надоранд. Аз ин нуқтаи назар, шоири тавоно ва сухандону маънираси борикназар дар истифодаи вожаҳои ҳаммаънову наздикмаъно хеле ҳунармандона муносибат кардааст. Бисёр наҷиб менамояд, ки шоир аз силсилаи муродифоти калимаи «рӯй» вожаҳои муродифии обуранги эҳсосотии манфидоштаро, ба истисноии калимаи

ба яке аз маъноҳо ба вожаи **қиёфа** ва **шакл**, **афт**, **андом**, **намуд** наздикмаъно - **шамоил**, ки он ҳам ҳамагӣ дар як байт истифода шудааст, ба кор набурдааст:

Сайфи ту ба ҳар тараф равона,
Дар **шаклу шамоили** ягона [1,188].

Бо ин чанд далел метавон чунин хулоса кард, ки Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ бо маҳорати баланди эҷодкорӣ аз боигарии луғавӣ ва воситаҳои грамматикии забони тоҷикӣ истифода намуда, барои пуробуранг, образноку таъсирбахш баромадани забони осори офаридааш ва «...сабки тасвир ва забони гуфтори ӯ форам ва ҳунармандона...» [Сӯфизода А., 2009, с. 67] будан, аз як қатор мафҳумҳои лексикӣ: вожаҳои якмаъною сермаъно, муродифҳо, ҳамгунҳо, калимаҳои зидмаъно ва аз санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла, аз воситаҳои тасвирсоз маҷоз, истиора, ташбеҳ ва гунаи инҳо моҳирона истифода намудааст.


**I. Манбаъ**

1. Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт. Виросторон ва сомондиҳандаи матн К. Чиллазоди Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдураҳимӣ. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 1054 с.

**II. Адабиётҳои илмӣ**

2. Ғиёсуллуғот. Таълифоти Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987, Ҷ.1. – 398 с.

3. Ғиёсуллуғот. Таълифоти Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1988, Ҷ.2. – 390 с.

4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикалогия, фонетика, морфология (Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ). Қисми 2. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.

5. Муминов А. Полисемия в таджикском языке/ А.Муминов (Автореф. дисс.).– Душанбе, 1972. – 17 с.

6. Саломиён, М. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV [Матн] / М. Саломиён. – Душанбе, 2020. – 158 с.

7. Сӯфизода, А. Бе сиёсат нест, Ҳоҷӣ, кори оламро низом [Матн] / А. Сӯфизода // Ахбороти АИ ҶТ (шуъбаи илмҳои ҷамъиятӣ), 2004, № 4. – С. 66-72.

8. Сӯфизода, А. Сухан – ҷавҳари фикр [Матн] / А. Сӯфизода. – Душанбе, 2009. – 110 с.Хоҷаев Д.

9. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013. – 343 с.

10. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ [Матн] / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2004. – 124 с.

# БАЪЗЕ ҲОДИСАҲОИ САВТИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РУСИ

**Яхшибаева Мукаддас Эгамбердиевна**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон
куч. М. Турсунзода 30, 734025,
Душанбе, Республика Таджикистан,
Тел: 904450904
E-mail: kafedra_tya@mail.ru

**Аннотация.** В статье даны основные понятия фонетики, которая изучает звуки и закономерности фонетических явлений, а также изучает строение и образовании звуков речи. В статье также рассматривается изменения звуков в речевом потоке. Указано соотношение звуков и способы их сокращения, уменьшения и чередования звукового потока на звуки, слоги и более крупные единицы.

**Ключевые слова:** *фонетика, речь, звуки, принцыпы, соотношение, фонетические явления, сокращение уменьшение, цепь, фонема, произношение, строение.*

## НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ФОНЕТИЧЕСКИХ ЯВЛЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Нутқи мо ба шакли хаттиаш, ки дар он ҳар як овози нутқро бо ҳарфи алоҳида менависад ва дар миқдори даркорӣ як ҳарфро ба ҳарфи дигар иваз мекунад. Ҷараёни нутқ аз силсилаи овозҳои паиҳам талаффузшаванда иборат аст, ки мо дар мавриди дилхоҳ як овозро ба овози дигар иваз карда тавонем. Нутқ сел ё занҷири овозиеро меноманд, ки дар он овозҳо чун халқаҳои занҷир ба тври ногусастанӣ бо ҳам пайваст мебошанд ва чунин тарзи истеъмоли онҳоро моҳияти сарфакорӣ ва талаби осонии забон муайян менамоянд: дастгоҳи гуфтори мо дар ҷараёни нутқ овозҳои аз лиҳози маҳраҷу тарзи тавлид гуногунро месозад ва табиати сарфаҷӯии забон имконият намедиҳад, ки узвҳои овозсоз тавлиди ҳар як овозро алоҳида амалӣ гардонанд, дар як они воҳид гоҳ як ҳолат, гоҳ ҳолати дигарро гиранд. Агар чунин мебуд, барои хондани як матни хурд чандин соат вақт лозим мешуд. Нутқи мо аз рӯи ҳамин ду қонуни забон (сарфакорӣ ва осонҷӯӣ) амал мекунад: узвҳои нутқ дар як ҳаракати худ як овозро сохта, барои тавлиди як ё якчанд овози минбаъда шароит фароҳам меоранд, дар як ҳолати худ тавлиди чанд овозро таъмин менамоянд.

Фонетика ҳамчун як соҳаи илм дорои мафҳумҳо ва категорияҳои хоси худ мебошад. Мафҳумҳо ва категорияҳои фонетикиро воҳидҳои фонетика ифода мекунад. Воҳидҳои фонетика маҷмуъи воситаҳои овозие мебошад, ки ҷиҳати воҳидҳои маънодори забонро меомӯзад. Овозҳое, ки мо таллафуз мекунем дар алоҳидагӣ маъно надоранд. Овозҳои нутқ танҳо дар сурате арзиши забонӣ пайдо мекунад, ки дар якҷоягӣ бо овозҳои дигари нутқ дар сохтани воҳидҳои маънодори забон - морфема, калима, синтагма, фраза ва ғайра иштирок намуда, тавассути онҳо бо маъно алоқаманд гардида вазифаи мухобиротии худро адо менамоянд [5, с. 55].

Воҳидҳои овозие, ки барои сохтани таркиби овозии воҳидҳои маънодор хизмат мекунанд, сохтмонӣ овози ё ҷиҳати овозии забонро ташкил медиҳанд. Масалан, овозҳои “о” ва “б” дар алоҳидагӣ маъно надоранд ва маъноеро ҳам ифода карда наметавонанд, вале, агар мо онҳоро ба тартиби муайян муттаҳид созем, калимаҳои нав “об” ё “бо” ҳосил мешаванд, ки дорои маъно мебошанд. Ҷиҳатҳои ифодашавию ифодакунӣ бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанад. Ба туфайли чунин алоқа ин ду ҷиҳат шинохтану фарқ кардани воҳидҳои маънодор, ҳамдигарро фаҳмидани аъзоёни ҷамъият инконпазир мегардад [5, с. 67].

Нутқи мо мисли занҷири овозӣ буда, дар он овозҳо чун ҳалқаҳо ба ҳам пайвастанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки талаффузи як овоз ба охир нарасида, дастгоҳи гуфтори мо барои талаффузи овози дигар омода мешавад. Дар натиҷа овозҳои ҳампаҳлӯ (ҳамсоя) ба тағйиротҳои гуногун дучор мешаванд, ки мо онҳоро **ҳодисаҳои овозӣ** меномем.

Ҷойивазкунӣ ҳодисаи овозиест, ки барои осон шудани талаффуз ду овози ҳампаҳлӯ (китф, қуфл) бо ҳамдигар ҷой иваз мекунанд. Ҷойивазкунӣ хоси ҳамсадоҳост.

Овозҳои нутқ аз ягон ҷиҳат ба ҳамдигар монанд мешаванд. Масалан, дар таркиби овозии (нб) дар калимаҳои шанбе, занбӯр, занбар ҳамсадом лабии б ҳамсадои нешизабони н -–ро ба худ монанд мекунад. Яъне дар зери таъсири б ҳамсадои н бо ҳамсадои м иваз мешавад: анбӯр нею амбӯр. **Инро дар забон монандшавии овозҳо мегӯянд.**

Дар забони тоҷики ин навъи тобишҳо, ки вобаста ба мавқеи фонема дар калима падид омада ҳодисаҳои гуногуни овозиро ташкил медаҳанд, масалан:

1. Ҳодисаҳои ихтисор
2. Ҳодисаҳои коҳишёбӣ
3. Ҳодисаҳои афзоиш
4. Ҳодисаҳои монандшавӣ

Ҳодисаҳои савт, овозро гуянд. Дар ҳар забон ҳодисаҳои гуногуни савтӣ ба вуҷуд меояд, чун талаботи табии ҳар забон ру ба ин дигаргуниҳои савтӣ дорад. Инсонҳо вожаҳои забони худро он гуна ки табиати фитрии онҳо қабул

мекнад, истифода мебаранд, ва вожаҳоро на танҳо аз руи маъно, аз ҳайси овозу таллафуз низ, тобеи табиати худ мекунанд. Ин боиси ба амал омадани баъзе дигаргуниҳо мешавад. Гоҳо овозҳо пасупеш, гоҳо партофта, гоҳи дигар баръакс афзуда мешавад, ин ҳолатро ҳодисаҳои фонетикӣ мегӯянд. Асоситарин ҳодисаҳои фонетикии тоҷикӣ инҳоянд:

**Ихтисор.** Калимаи арабӣ буда, маънои хусрон ва хусорон яъне вайроншавиро дорад. Дар забони тоҷикӣ ин маънӣ бештар барои кутаҳшавӣ истифода мешавад. Ин ҳодиса бештаро дар назм ба вуҷуд меояд, мисолҳо: к-он, к-ӯ, к-андар, ӯ-ш, в-он...

Гар зи талхӣ кунам фарду дод,
Хок сад раҳ дар сари <u>аҷзо-м</u> бод.

Мавлавӣ [4, с. 88].

Хирад беҳтар аз ҳар чӣ Эзид-т дод,
Ситоиши хирадро беҳ аз роҳи дод.

Фирдавсӣ [4, с. 96].

**Коҳишёбӣ.** Маънои ин калима кутоҳшавӣ ва шикастан мебошад. ин ҳодисаест, ки дар он вожа ба шикастан бархурд мешавад ва дар талаффуз як овози вожа меафтад. Мисолҳо: дастгир - дасгир, дастгоҳ - дастгоҳ, дастмона - дасмона, Мастчоҳ - Маччо, саҳифа – сайифа.... вале ҳангоми навиштан бояд тарзи дурусти калимаҳо навишта шавад.

**Афзоиш.** Ё афзудани овоз. Дар ин ҳодиса як овоз бар вожа меафзояд, ва бо ин ки ин ҳодиса мухолиф бар мантиқи забони мебошад дар забони адабӣ қабул мешавад. Мисолҳо: Кирдигор – Кирдгор, пирамард- пирмард, пиразан- пирзан, дост- дос, осиёб- осиё.... шакли дурусти ин вожаҳо шакли дуюмашон аст, ки дар осрои классикони мо бо ҳамон шакл истифодашудаанд.

**Монандшавӣ.** Дар ҳодисаи мазкур овози талаффузи як вожа ба овози талаффузи дигар вожа монанд мешавадин монандшавӣ танҳо дар талаффуз дмешавад, ҳангоми навиштан бояд шакли ду: занбар- замбар, чанбар- чамбар, танбур- тамбур, анбор-амбор, мағфират- махфират.

**Ҷойивазкунӣ.** Дар ин ҳодисаи савтӣ ҷои як овозро овози дигар мегирад. Мисолҳо: суфра- сурфа, китф-кифт, қуфл- қулф, ақвот-авқот.....

**АДАБИЁТ:**

1. Арзуманов С.Д., Сангинов А. Забони тоҷикӣ. - Душанбе,1988, 415 с.

2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.Ҷилди 1. Фонетика ва морфология. - Душанбе, 1985. - 356 с.

3. Зикрияев Ф.К., Зохидов А. Таджикский язык. Ч.1, Фонетика. Морфология. – Душанбе, 2008. - 141 с.

4. Ниёзмухамеддов Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология, қисми 1. - Душанбе, 1973. - 321 с.

5. Хаскашев Т.Н. Фонетикаи забони адабии тоҷик. - Душанбе: Маориф, 1989. - 343 с.

6. Файзов М. Альбом артикуляции звуков таджикского языка. - Душанбе, 2002.

**БАХШИ**
**“ТАЪРИХ ВА НАЗАРИЯИ ЖУРНАЛИСТИКА ВА ПУБЛИСИСТИКА”**
**РАЗДЕЛ**
**“ИСТОРИЯ И ТЕОРИЯ ЖУРНАЛИСТИКИ И ПУБЛИЦИСТИКИ”**

# АМНИЯТИ ЖУРНАЛИСТОН ПРОБЛЕМАИ МУҲИМИ ЗАМОНИ МУОСИР

**Мукимов М. А.**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
хиё.Рӯдакӣ, 17, 734025
ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Телефон: 93 501 72 32
E-mail: jovidm@mail.ru

**Аннотатсия**: Ҳоло касби журналистӣ хатарноктарин маҳсуб мешавад. Аз соли 1992 то ба 25-уми августи соли 2025 дар ҷаҳон 2974 нафар рӯзноманигор ва корманди ВАО кушта шудаанд. Ба маълумоти Кумитаи дифои журналистон аз аввали ҷанг дар навори Ғазза - 7 октябри соли 2023 то моҳи сентябри соли 2025, дар ҷанги Исроилу Ғазза 199 журналист кушта шудаанд.

Таъмин набудани амнияти журналистон ба худсонсурӣ меорад. Аксари муассисон, сармуҳаррирон ва худи журналистон дар вақти баррасии мавзуъҳои доғ даст ба худсонсурӣ мезананд.

**Калимаҳои калидӣ:** *Ғазза, “Ал-Ҷазира”, “Рейтер” ВАО, Би-Би-Си, Кумитаи дифои журналистон, ҷанг, журналистика, амният.*

# БЕЗОПАСНОСТЬ ЖУРНАЛИСТОВ ПРОБЛЕМА СОВРЕМЕННОСТИ

**Аннотация**: Сейчас профессия журналиста считается самой опасной. С 1992 года по 25 августа 2025 года в мире погибло 2974 журналиста и работника СМИ. По данным Комитета по защите журналистов, с начала войны в секторе Газа, с 7 октября 2023 года по сентябрь 2025 года, в ходе наступления Израиля на сектор Газа погибло 199 журналистов.

Отсутствие безопасности журналистов приводит к самоцензуре. Большинство учредителей, главные редакторы и сами журналисты прибегают к самоцензуре при обсуждении острых тем.

**Ключевые слова:** *Газа, Аль-Джазира, Reuters, СМИ, BBC, Комитет по защите журналистов, война, журналистика, безопасность.*

Воқеънигорӣ яке аз асосҳои фаъолияти журналистӣ аст ва он аз идораи воситаҳои ахбори омма интишор намудани иттилооти ба воқеият мувофиқро тақозо мекунад. Дар ин ҳол бояд журналист ва редаксия ҳангоми таҳия ва интишори мавод беғараз ва холис бошанд, аз ҷонибе дастгирӣ накунанд. Яъне, ВАО ва журналист набояд зери таъсири шахсон ё гурӯҳи алоҳида монда, ба касе ё гурӯҳе бартарӣ диҳад [6].

Мутаассифона, аксар вақт расонаҳо воқеаҳоро аз нигоҳи манфиати муассиси худ ва ё давлати худ инъикос мекунанд. Дар ин ҳол журналистон зери фишори равонӣ қарор мегиранд  ва ё ҳангоми инъикоси ҷанг ва муноқишаҳо кушта мешаванд. Ин нуктаро метавон ҳангоми инъикоси воқеаҳои навори Ғаззаи Фаластин ва амалиёти вижаи низомии Русия дар Украина мушоҳида кард.

Ба гуфтаи Телевизиони НТВ, дар ҷараёни амалиёти заминӣ ва бомбаборони навори Ғазза аз ҷониби Артиши Исроил аз аввали амалиёти ҷангӣ - 7 октябри соли 2023 то моҳи сентябри соли 2025 беш аз 64 ҳазор фаластинии ғайринизомӣ кушта шудаанд. Ҳамчунин 250 нафар хабарнигорон дар навори Ғазза аз ҳамлаҳои Исроил ба ҳалокат расидаанд [4].

Бахши русии Би-Би-Си 11 август дар такя ба иттилои Шабакаи телевизионии “Ал-Ҷазира”  иттилоъ дод, ки бегоҳи 10 август, вақти гулӯлаборони Исроил хабарнигорони телевизион Анас ал-Шариф ва Муҳаммад Қариқа, инчунин наворбардорон Иброҳим Зоҳир, Муҳаммад Нуфал ва Муаммиан Алива, кушта шуданд, дар хаймаи рӯзноманигорон, дар наздикии дарвозаи асосии бемористон қарор доштанд [9].

Шабакаи телевизионии “Ал-Ҷазира”  дар изҳороти худ гуфтааст, ки ин "куштори ҳадафмандона", ки шоми рӯзи якшанбе, 10-уми август сурат гирифтааст "як ҳамлаи ошкор ва қасдан ба озодии матбуот аст".

Дар тӯли ҷанг Исроил ба рӯзноманигорони байналмилалӣ иҷоза надод, ки озодона гузориш диҳанд, аз ин рӯ бисёре аз расонаҳо ба хабарнигорони маҳаллӣ такя мекунанд. "Онҳо дар хаймаи худ буданд ва аз хатти пеш хабар намедоданд" гуфт сармуҳаррири шабакаи “Ал-Ҷазира Муҳаммад Муавад дар бораи ҳамлаи Исроил. "Ҳақиқат ин аст, ки ҳукумати Исроил мехоҳад хабарҳоро аз дохили Ғазза хомӯш кунад", гуфт ӯ ба “The Newsroom” [5].

Ин гуфтаҳоро Радиои «Озодӣ» низ тасдиқ кардааст: "Ал-Ҷазира" гуфтааст, ки хабарнигоронаш Анас Шариф ва Муҳаммад Қариқа рӯзи якшанбеи 10-уми август дар ҳамлаи ҳадафмандонаи Исроил ҷон бохтанд. Ба гузориши ин расона, се наворбардори ин тим низ дар ин ҳамла кушта шудаанд [1].

Ин гурӯҳи хабарӣ гузоришҳои худро асосан аз шимоли Ғазза ва бо забони арабӣ таҳия мекард. Ба навиштаи хабаргузории Фаронса, хабарнигорон ҳангоми ҳамлаи ҳавоӣ дар хаймаи худ буданд.

Артиши Исроил ҳамла ба хабарнигорони "Ал-Ҷазира"-ро тасдиқ кард ва Анас Шарифро "террорист дар либоси хабарнигор" номид.

Артиши Исроил дар телеграм навишт, А. Шариф фармондеҳи як гуруҳи террористии вобаста ба Ҳамос ва масъули ҳамлаи мушакӣ ба Исроил мебошад.

Кумитаи дифои журналистон (CPJ) изҳор дошт, ки Артиши Исроил ҳеҷ далелеро барои тасдиқи ин иттиҳом пешниҳод накардааст ва куштори кормандони расонаҳоро дар Ғазза "як кӯшиши барқасдона ва системавии Исроил барои пинҳон кардани амалҳои худ" номид.

Шабакаи "Ал-Ҷазира" низ иттиҳоми артиши Исроилро рад карда гуфтааст, ки Анас Шариф хабарнигоре буд, ки ҷони худро барои инъикоси вазъияти мардуми Ғазза ба хатар андохт.

25-уми августи соли 2025 дар натиҷаи ҳамлаҳои ҳавоии Исроил ба бемористони Носир дар шаҳри Хон Юнуси навори Ғазза 20 нафар, аз ҷумла, боз панҷ хабарнигор кушта шуданд. Дар ин бора хабаргузории “Ассошейтед Пресс” бо такя ба Зоҳир ал-Воҳидӣ, раиси сабти Вазорати беҳдошти навори Ғазза, хабар дод. Reuters, AFP ва DPA низ дар бораи талафоти ҷонӣ дар миёни хабарнигорон хабар доданд [3]. Ин панҷ хабарнигор ҳамкори шабакаи “Ал-Ҷазира” низ буданд.

Антонио Гуттереш, дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, гуфтааст, ки ин ҳодиса хатари зиёд ба ҷони хабарнигорону табибонро нишон медиҳад. Дар ду зарбаи ҳавоӣ, ки яке пайи дигаре сурат гирифт, ба гуфтаи мақомоти фаластинӣ 20 нафар аз ҷумла панҷ хабарнигор аз “Рейтер”, “Ассошиэйтед Пресс”, “Ал-Ҷазира”, Эн-Би-Си ва “Middle East Eye” ба ҳалокат расиданд [11].

ОИ «Рейтер» 25 август тафсилоти воқеаро чунин хабар додааст: Исроил рӯзи душанбе ба бемористони Носир дар ҷануби навори Ғазза ҳамла кард ва камаш 20 нафар, аз ҷумла панҷ рӯзноманигоре, ки дар «Reuters», «Associated Press», «Al Jazeera» ва дигар расонаҳо кор мекарданд, кушта шуданд. Мақомоти беҳдоштии Фаластин гуфтанд, ки наворбардор Ҳусам ал-Масрӣ, ки тибқи қарордод бо «Reuters» кор мекард, дар наздикии истгоҳи пахши мустақим дар ошёнаи болоии бемористони Хон Юнус дар зарбаи аввал кушта шуд.

Кормандони беморхона ва шоҳидон хабар доданд, ки баъдан Исроил ҳамлаи дуввумро ба ҳамон макон анҷом дод, ки дар натиҷа хабарнигорони дигар, ҳамчунин наҷотдиҳандагон ва табибоне, ки ба ҷои ҳодиса расида буданд, кушта шуданд.

Дар миёни рӯзноманигорони кушташуда Мариам Абу Дагга, стрингери хабаргузории Ассошиэйтед Пресс ва дигар расонаҳо буданд: Муҳаммад Салама

дар шабакаи «Ал-Ҷазира»-и Қатар кор мекард; Муаз Абу Таҳа («Reuters») ва Аҳмад Абу Азиз стрингери чанд созмони хабарӣ буданд [18]. Суратгир Ҳотам Холид, ки тибқи шартнома ҳамкори «Reuters» буд, захмӣ шуд.

Раисҷумҳури Фаластин дар соҳили ғарбии ишғоли Исроил аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба хусус Шӯрои Амнияти Созмони Милал ва Созмони Милал хост, ки ҳимояти рӯзноманигоронро таъмин кунанд ва Исроилро ба ҷавобгарӣ кашанд.

Созмони рӯзноманигорони фаластинӣ Исроилро барои ин ҳамлаҳо маҳкум кард ва гуфт, ки ин ҳамлаҳо "ҷанги ошкоро алайҳи расонаҳои озод аст, ки ҳадафаш террори рӯзноманигорон ва ҷилавгирӣ аз иҷрои вазифаи касбии онҳо барои фош кардани ҷиноятҳои Исроил ба ҷаҳониён аст." Созмон изҳор дошт, ки аз оғози ҷанг аз 7 октябри соли 2023 беш аз 240 хабарнигори фаластинӣ бар асари гулӯлаборони Исроил дар навори Ғазза кушта шудаанд.

Кумитаи дифои рӯзноманигорон, теъдоди кушташудаи рӯзноманигорон ва кормандони расонаҳоро аз оғози ҷанг 197 нафар, аз ҷумла 189 фаластинӣ дар навори Ғазза арзёбӣ мекунад. CPJ аз “ҷомеаи ҷаҳонӣ хостааст, ки Исроил барои ҳамлаҳои ғайриқонунии худ ба рӯзноманигорон посух гӯяд,” навиштааст ОИ «Рейтер» [18].

Бояд гуфт, ки дар давраи солҳои 1992 - 2018 дар ҷаҳон ҳамагӣ 1331 журналист ҳалок шуда буданд, ки 83 нафари онҳо дар мунокишаҳои Русия кушта шудаанд [15].

Воқеан, амнияти рӯзноманигорон ин қобилияти дарёфт, эҷод ва паҳн кардани иттилоот бидуни таҳдиди ҷисмонӣ ё равонӣ мебошад. Вале имрӯз таъмини амнияти журналистон аз масъалаҳои мубрами рӯз мебошад. Зеро ҳоло касби журналистӣ хатарноктарин маҳсуб мешавад. Аз соли 1992 то ба 25-уми августи соли 2025 дар ҷаҳон 2974 нафар рӯзноманигор ва корманди ВАО кушта шуданд. Ба маълумоти Кумитаи дифои журналистон (CPJ) танҳо аз аввали соли 2025 то моҳи сентябр дар навори Ғазза 55 нафар рӯзноманигор ба ҳалокат расидаанд [14].

Соли 2023 Кумитаи дифоъ аз рӯзноманигорон гузориши "Нақшаи марговар"-ро нашр кард, ки дар он куштори журналистон аз дасти нерӯҳои исроилӣ ҳуҷҷатгузорӣ шудааст. Онҳо дар давоми 22 сол хабарнигоронро мекуштанд ва аз масъулият саркашӣ менамуданд, аз ҷумла бидуни далел иддао мекарданд, ки кушташудагон хабарнигор набуданд [16].

Ин амал ҳоло ҳам идома дорад. Масалан, 16 апрели соли 2025 Артиши Исроил ба рӯзноманигорон, аз ҷумла ба Фотима Ҳассун ҳамла кард ва ӯро кушт. Ин пеш аз намоиши филми ӯ дар ҷашнвораи Канн рух дод. Нерӯҳои дифои Исроил иддао карданд, ки вай яке аз ҷангҷӯёни «Ҳамос» будааст. Дар ин ҳамла даҳ нафар аз хонаводаи ӯ, аз ҷумла хоҳари ҳомиладораш кушта шуданд [7].

"Солҳои 2000-ум мо намегузоштем, ки бидуни ҷавшан бо ҳарфҳои "ТВ" ба ягон муноқиша ворид шавем. Ҳоло ин маънои онро дорад, ки мо ҳадафи садфоизаи душман ҳастем. Ҳоло рӯзноманигорон аз афсарон дида шадидтар шикор карда мешаванд. Ҳеҷ вақт заҳмати журналистон дар ҷанг ин қадар хатарнок набуд, гуфт директори генералии ТАСС Андрей Кондрашов дар маросими дафни хабарнигори ҳарбии News.ru Никита Ситсаги, 22 июни соли 2024 [2].

Дар ҷанги Русия ва Украина низ журналистон ҳангоми иҷрои вазифаи хидматӣ ҳалок мешаванд. Аз ҷумла, 18 рӯзноманигор ва кормандони ВАО дар пойгоҳи маълумоти Кумитаи дифои журналистон то 1 июни соли 2022 дар ҷанги Русия ва Украина ҳамчун фавтида сабт шудаанд: ҳафт нафар дар ҷанги солҳои 2014-2015 дар Донбасс, даҳ нафар дар ҳамлаи густурдаи Русия ба Украина дар соли 2022. То 11 октябри соли 2024, тибқи маълумоти Иттиҳодияи миллии рӯзноманигорони Украина, ҳадди ақал 18 рӯзноманигори мулкӣ ҳангоми иҷрои вазифа кушта шудаанд [12].

Моҳи июни соли 2024 президенти Русия Владимир Путин дар мулоқот бо намояндагони оҷонсиҳои хабарии хориҷӣ дар Анҷумани байналмилалии иқтисодии Санкт-Петербург гуфт, ки дар минтақаи амалиёти низомӣ дар Украина камаш 30 хабарнигори рус кушта шуданд [8].

Дар соли равон низ шумораи рӯзноманигорони дар ҷанг ҳалок гардида афзуда истодааст. Аз ҷумла, 4 январи соли 2025 хабарнигори мустақили «Известия» Александр Мартемянов дар ҳамлаи ҳавопаймои бесарнишини украинӣ ба мошин дар шоҳроҳи Донетск-Горловка кушта шуд.

Панҷ корманди расонаҳои Русия дар тӯли чанд рӯзи даҳаи охири моҳи марти соли 2025 низ қурбони ҳамлаҳои Нерӯҳои мусаллаҳи Украина шуданд. Се нафари онҳо — хабарнигори “Известия” Александр Федорчак (24 март), наворбардор ва ронандаи телевизиони “Звезда” Андрей Панов ва Александр Сиркелӣ (20 март) дар натиҷаи тирборони артиллерияи нерӯҳои мусаллаҳи Украина дар қаламрави Ҷумҳурии Мардумии Луҳанск кушта шуданд. Мухбири газетаи «Звезда» Никита Голдин, ки бо ин гурӯҳ буд, захмӣ шуд ва 24-уми апрели соли 2025 вафот кард. Хабарнигори ҳарбии «Шабакаи якум» Анна Прокофева 26-уми марти соли 2025 дар вилояти Белгород пас аз зер кардани минаи Украина ҷон дод. Наворбардори вай Дмитрий Волков сахт захмӣ шуд [13].

Дар минтақаи амалиёти вижаи низомӣ чанд намояндаи дигари расонаҳо, аз ҷумла, мухбири ТАСС Михаил Скуратов дар вилояти Курск ярадор шудааст. Мақомоти Русия ин ҳодисаҳоро куштори барқасдона номид ва Кумитаи тафтишоти Русия парвандаҳои ҷиноӣ боз кардааст.

Дар ҳамин ҳол 87% куштори рӯзноманигорон ифшо намешавад. Эдисон Ланза, гузоришгари вижа оид ба озодии баёни Комиссияи байниамрикоии ҳуқуқи башар, беҷазоиро монеаи аслӣ дар роҳи таъмини амнияти рӯзноманигорон медонад. Фрэнк Ла Ру, ёвари собиқи директори генералӣ оид ба иртибот ва иттилооти ЮНЕСКО бар ин назар аст, ки "сабаби аслӣ дар набудани иродаи сиёсӣ барои гузаронидани тафтишот, аз ҷумла аз тарси интиқом аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноӣ, инчунин заминаи нокифояи ҳуқуқӣ, системаи заъфи додгоҳӣ, захираҳои нокифояи ҷудошуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фасодкорӣ мебошад." [7].

Тибқи маълумоте, ки Кумитаи дифоъ аз рӯзноманигорон (CPJ) ҷамъоварӣ кардааст, шумораи хабарнигороне, ки бо иттиҳомоти марбут ба фаъолиятҳои зиддидавлатӣ, тӯҳмат, қасосгирӣ ва ё умуман бидуни иттиҳом зиндонӣ шудаанд, афзоиш меёбад. Соли 2022 CPJ гузориш дод, ки дар саросари ҷаҳон 363 рӯзноманигор бо иттиҳоми мухталиф зиндонӣ шудаанд. Ба гуфтаи ин созмони ғайридавлатӣ, нишондиҳандаи мазкур рекорди нави ҷаҳонӣ аст, ки "аз рекорди соли 2021 20% боло рафтааст ва як марҳалаи даҳшатноки бад шудани вазъи ВАО-ро нишон медиҳад." [7].

Тибқи маълумоти Созмони гузоришгарони бидуни марз, то моҳи декабри соли 2023 дар ҷаҳон 521 хабарнигор ба далели мухталифи марбут ба корашон боздошт шудаанд. Қариб чоряки боздоштшудаҳо аз Чин буда, Мянмар дар ин раддабандӣ дар ҷои дуюм ва Беларус дар ҷои сеюм қарор дорад. Дар Беларус 39 хабарнигор боздошт шудаанд. Ҳамчунин 54 корманди ВАО дар кишварҳои мухталиф гаравгон буда, 84 нафар бедарак шудаанд, ки аз ҳар се як нафари онҳо аз Мексика мебошанд [10].

Бояд гуфт, ки таъмин набудани амнияти журналистон ба худсонсурӣ меорад. Аксари муассисон, сармуҳаррирон ва худи журналистон дар вақти баррасии мавзуъҳои доғ даст ба худсонсурӣ мезананд. Тадқиқоти Созмони «PEN Америка» дар байни беш аз 520 муаллиф нишон дод, ки аксари онҳо аз назорати ҳукумат нигаронанд ва онҳо аз навиштан, таҳқиқ ва суханронӣ дар бораи баъзе мавзуъҳо худдорӣ мекунанд [17].

Тақрибан чоряки муаллифон қасдан дар суҳбатҳои телефонӣ ва почтаи электронӣ аз мавзуъҳои муайян канорагирӣ мекарданд, дар ҳоле ки 16% аз навиштан ё сухан гуфтан дар бораи ин ё он мавзуъ худдорӣ карданд ва 11% онро ҷиддӣ баррасӣ намуданд.

Тадқиқоти Шӯрои Аврупо дар соли 2017 дар байни 940 рӯзноманигор аз 27 давлати узви Иттиҳоди Аврупо нишон дод, ки 15% рӯзноманигорон дар баробари хушунати ҷисмонӣ ё маҷбурӣ аз инъикоси хабарҳои ҳассос ва интиқодӣ худдорӣ мекунанд, дар ҳоле ки 31% матолиби худро нармтар мекунанд, вале 23 фоиз пинҳон кардани маълумотро афзалтар медонанд [7].

Дар ҳамин ҳол сол аз сол ҳукуматҳо мехоҳанд, ки ВАО ва журналистонро таҳти назорати худ гиранд ва онҳоро ба манфиати худ истифода бикунанд. Ин амал дар кишварҳои худкома бештар ба мушоҳида мерасад.

## АДАБИЁТ


1. "Ал-Ҷазира" аз кушта шудани панҷ кормандаш дар Ғазза хабар дод/Радиои «Озодӣ». 2025. - URL: https://www.ozodi.org/a/al-jazira-az-kushta-shudani-panj-kormandash-dar-ghazza-khabar-dod/33499765.html (Санаи истифодабарӣ: 11.08.2025).
2. В Москве простились с военкором Никитой Цицаги/ТАСС. 2025. - URL: https://tass.ru/obschestvo/21170881 (Санаи истифодабарӣ: 15.09.2025).
3. Гибель репортеров в Газе: ФРГ требует от ЦАХАЛ прозрачности/ Медиакомпания DW. 2025. - URL: https://www.dw.com/ru/frg-prizvala-izrail-k-transparentnosti-posle-gibeli-reporterov-v-gaze/a-73763057 (Санаи истифодабарӣ: 25.08.2025).
4. «Голод, голод и еще раз голод»: сектор Газа лежит в руинах/НТВ. 2025. - URL: https://www.ntv.ru/novosti/2937441/ (Санаи истифодабарӣ: 07.09.2025).
5. Израиль готовится к наступлению на Газу и наносит удары по городу/ ББС. 2025. - URL: https://www.bbc.com/russian/articles/cqjy14559z8o (Санаи истифодабарӣ: 24.08. 2025).
6. Муқимов М. А. Инъикоси нафратангезӣ ва миллатгароӣ дар ВАО /Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2025. -№2. - С. 275-286. ISSN 2413-516X.
7. Насилие в отношении журналистов. Журналистика — общественное благо: мировые тенденции в области свободы выражения мнений и развития СМИ; глобальный доклад 2021/2022,ЮНЕСКО/ЮНЕСКО. 2025. - URL: https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000380618.locale=fr (Санаи истифодабарӣ: 19.09.2025).
8. Путин назвал число погибших в зоне боевых действий российских журналистов/РБК. 2025. - URL: https://www.rbc.ru/rbcfreenews/6660b0b19a79478371578b25 (Санаи истифодабарӣ: 15.09.2025).
9. Пять журналистов «Аль-Джазиры» погибли при ударе по Газе. Израиль назвал одного из них лидером ячейки ХАМАС/ББС. 2025. - URL: https://www.bbc.com/russian/articles/ckgeey4dqgxo (Санаи истифодабарӣ: 11.08.2025).

10. «Репортеры без границ»: 45 журналистов погибли при исполнении обязанностей в 2023 году/The Insider. 2025. - URL: https://theins.ru/news/267604 (Санаи истифодабарӣ: 05.09.2025).

11. Созмони Милал ҳамлаи Исроилро ба як шифохона дар Ғазза маҳкум кард/Радиои “Озодӣ”. 2025. - URL: https://www.ozodi.mobi/a/sozmoni-milal-hamlai-isroilro-ba-yak-shifokhona-dar-ghazza-mahkum-kard/33513435.html (Санаи истифодабарӣ: 26.08.2025).

12. Список журналистов, погибших во время российско-украинской войны/Википедия. 2025. - URL: https://en.wikipedia.org/wiki/List_of_journalists_killed_during_the_Russo-Ukrainian_War (Санаи истифодабарӣ: 21.08.2025).

13. Четыре сотрудника российских СМИ погибли из-за атак ВСУ за несколько дней/Лента. Ру. 2025. 2025. - URL: https://lenta.ru/news/2025/03/27/gibel-zhurnalistov-v-zone-svo/ (Санаи истифодабарӣ: 27.03.2025).

14. 55 Journalists Killed/ CPJ. 2025. - URL: https://docs.google.com/spreadsheets/d/1hxGTnsevwZVOjP3FQFBLycsa8LEOf52fFntJnpHBCio/edit?gid=1189366744#gid=1189366744 (Санаи истифодабарӣ: 26.09.2025).

15. 1343 Journalists Killed/CPJ.ORG. 2025. - URL: https://cpj.org/data/killed/?status=Killed&motiveConfirmed%5B%5D=Confirmed&type%5B%5D=Journalist&start_year=1992&end_year=2018&group_by=year (Санаи истифодабарӣ: 25.09.2025).

16. Marked for Assassination: Gaza Journalists on Israeli Hit List Refuse to Stop Reporting/Drop Site News, Inc. 2025. - URL: https://www.dropsitenews.com/p/gaza-journalists-hit-list-hossam-shabat (Санаи истифодабарӣ: 31.03.2025).

17. Pen America. 2013. Леденящие душу последствия/Pen America Group. 2025. - URL: https://pen.org/sites/default/files/2014-08-01_Full%20Report_Chilling%20Effects%20w%20Color%20cover-UPDATED.pdf (Санаи истифодабарӣ: 22.09.2025).

18. Israel hits Gaza hospital, killing at least 20 people, including five journalists/Reuters. 2025. - URL: https://www.reuters.com/world/middle-east/israel-hits-gaza-hospital-killing-least-20-people-including-five-journalists-2025-08-25/ (Санаи истифодабарӣ: 25.09.2025).

# ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА ТАРБИЯИ ЖУРНАЛИСТОНИ СОҲАВИИ ТЕЛЕВИЗИОН

**Муъминҷонов Зулфиддин**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода”
734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбард, 73 а
Тел.: (+992) 93 505 14 63
E-mail: zulfiddin.m@mail.ru

**Аннотатсия:** Дар мақола мазкур мавзуи зеҳни сунъӣ ва истифодаи он дар таҳияи барномаҳои соҳавии телевизион баррасӣ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** *зеҳни сунъӣ, истифода, соҳавӣ, журналистика, телевизион, касбият, омӯзиш, жанр, барномаи соҳавӣ, таҳия.*

## ИСКУССТВЕННЫЙ ИНТЕЛЕКТ И ПОДГОТОВКА ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ТЕЛЕЖУРНАЛИСТОВ

**Аннотация:** В данной статье рассматривается тема искусственного интеллекта и его использование в подготовке специализированных телевизионных программ.

**Ключевые слова:** *искусственный интеллект, использование, специализированный, журналистика, телевидение, профессионализм, обучение, жанр, специализированная программа, подготовка.*

Пешрафти иқтисодиёт ва ташаккули рақобатпазирии он бе саҳми илму техника ва сармояи инсонӣ ғайриимкон аст. Вобаста ба ин дар қатори дигар ташаббусҳои ҷаҳонии Ҷумҳурии Тоҷикистони 25 июли соли 2025 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи махсусро зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», ки аз тарафи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Мубоҳисаҳои умумии иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид 24 сентябри соли 2024 пешниҳод гардида буд, бо дастгири аксарият қабул намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илмро яке аз омилҳои асосии пешрафти кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа ҳисобида, бо мақсади рушду такомули ҳаматарафаи он ва беҳтар намудани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм имкониятҳои заруриро муҳайё карда истодааст.

Барои татбиқ ва истифодаи самараноки зеҳни сунъӣ «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» қабул карда шуда, барои вусъати ҷараёнҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳаматарафаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотии рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025-2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шудааст. Ин далолат ба он мекунад, ки дар тарбияи кадрҳои ихтисоси журналистикаи соҳавии телевизион фанни «Зеҳни сунъӣ дар журналистикаи соҳавии телевизион» ба роҳ монда шавад. Устодони факултету шуъбаҳои журналистикаи телевизион ва радио дар донишгоҳҳои давлатҳои пешқадами дунё барои ба таври васеъ азхуд кардани нозукиҳои зеҳни сунъӣ аз такмили ихтисос гузаранд. Дар баробари ин «Маркази зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотӣ» бо озмоишгоҳҳои зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотии рақамии муосир таъсис дода шаванд. Зеро вазифаи асосии зеҳни сунъӣ ин бо системаҳо омӯзонидани қобилияти фикр намудан ва омӯхтан мебошад. Зеҳни сунъӣ ба кам кардани истифодаи қувваи меҳнат ба воситаи технология оварда, меҳнат ҳамчун ҷараён бештар тавассути технологияи муосири рақамӣ ва компютер идора ва амалӣ карда мешавад.

Дар замони муосир, ки марзҳои илм ва технологияи иттилоотӣ рӯ ба рӯи ҳамдигар ҷой гирифта, боиси ҷаҳон дар чорроҳаи ахлоқӣ ва рақамӣ қарор гирифтан гардидааст. Бо истифода аз ин вазъ миллатҳои бофарҳанг метавонанд аз нав пешоҳанги тамаддуни инсонӣ гарданд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин рисолати таърихиро тақвият дода, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кишвари ташаббускор дар сиёсати байналмилалӣ табдил додаанд.

Бо ба ҳисоб гирифтани аҳамияти ин масъалаи муҳим Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо супориши Пешвои миллат мақоми илм, олимону аҳли маориф ва интелегенсияи эҷодкорро зина ба зина боло бардошта, бо амалӣ намудани барномаҳои стратегии гуногун барои ба таври васеъ истифода бурдани зеҳни сунъӣ дар ташаккули иқтисодиёти Тоҷикистон заминаи бунёдӣ гузошта истодааст. Бо ин мақсад солҳои 2020 – 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид. Баҳри татбиқ ва истифодаи самараноки зеҳни сунъӣ «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»-ро қабул карда шуда, барои вусъати ҷараёнҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳаматарафаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотии рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025-2030 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шудааст.

Инчунин барои ҳавасманд намудани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» таъсис дода шудааст, ки

ҳамасола ҷавонони зиёде дар он иштирок намуда, барои худ роҳи донишро дар омӯзиши илмҳои дақиқу нозукиҳои зеҳни сунъӣ мекушоянд. Вобаста ба ин вақти он расидааст, ки дар тарбияи ихтисоси журналистони соҳавии телевизион фанни «Зеҳни сунъӣ дар журналистикаи соҳавии телевизион» ба роҳ монда шавад. Устодони факултети журналистикаи телевизион ва радио дар донишгоҳҳои давлатҳои пешқадами дунё барои ба таври васеъ азхуд кардани нозукиҳои зеҳни сунъӣ аз такмили ихтисос мегузаранд. Дар баробари ин дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода «Маркази зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотӣ» бо озмоишгоҳҳои зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотии рақамии муосир таъсис дода шаванд. Зеро вазифаи асосии зеҳни сунъӣ ин бо системаҳо омӯзонидани қобилияти фикр намудан ва омӯхтан мебошад. Зеҳни сунъӣ ба кам кардани истифодаи қувваи меҳнат ба воситаи технология оварда, меҳнат ҳамчун ҷараён бештар тавассути технологияи муосири рақамӣ ва компютер идора ва амалӣ карда мешавад.

Имрӯз технологияи рақамӣ ва алгоритмҳои рушдкардаи зеҳни сунъӣ ба тамоми соҳаҳои муҳими ҳаёти инсонӣ таъсири худро мерасонанд. Яке аз самтҳои муҳим ин таҳсилоти олӣ ба ҳисоб меравад. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ  танҳо аз сатҳи омӯзиши назариявӣ вобаста набуда, балки ба омодагии донишҷӯ барои омӯзиши касбии ихтисос ва иҷрои вазифаҳои амалӣ низ нигаронида шудааст. Вобаста ба ин зеҳни сунъӣ метавонад ҳамчун абзори муассир барои беҳтар намудани сифати таълим, мутобиқ намудани барномаҳои омӯзишӣ ба талаботи бозори меҳнати муосир ва инкишофи малакаҳои касбӣ хизмат намояд. Яке аз ҷиҳатҳои муҳими татбиқи зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олӣ ин автоматизатсияи ҷараёни омӯзиш мебошад. Масалан, платформаҳои омӯзишӣ бо истифода аз алгоритмҳои зеҳни сунъӣ метавонанд сатҳи дониш ва қобилияти ҳар донишҷӯро таҳлил кунанд ва барномаи таълимиро ба таври инфиродӣ мутобиқ созанд. Ин на танҳо қобилияти донишҷӯро барои омӯхтани касб беҳтар менамояд, балки сифати омӯзиши амалӣ ва назариявиро низ афзоиш менамояд. Илова бар ин, зеҳни сунъӣ барои омӯзгорон низ абзори муассир мебошад. Масалан, таҳлилҳои пешрафтаи иттилоотӣ метавонанд ба омӯзгор нишон диҳанд, ки кадом мавзуъҳо барои донишҷӯён мушкил мебошанд ва кадом усулҳо натиҷаи беҳтар дода метавонад. Ин ҷараён ба баланд намудани самаранокии таълим мусоидат менамояд.

Дар ҷаҳони муосир мамлакатҳое, ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон ва Ҷопон аз системаҳои зеҳни сунъӣ барои таҳсилоти олӣ истифода мебаранд. Дар лабораторияҳои техникии Германия барномаҳои «adaptive learning» барои омӯзиши касби муҳандисӣ ва технология татбиқ мешаванд, ки бо ёрии онҳо донишҷӯён метавонанд ҳамзамон малакаҳои амалӣ

ва назариявӣ омӯзанд. Дар Япония системаҳои зеҳни сунъӣ барои омӯзиши касби хизматрасонӣ ва туризм истифода бурда мешаванд, ки таҷрибаи донишҷӯёнро бо моделҳои симулятсионӣ беҳтар менамоянд.

Имконоти татбиқи зеҳни сунъӣ дар таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле васеъ мебошанд. Дар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ метавон системаҳое таъсис дод, ки бо истифода аз алгоритмҳои зеҳни сунъӣ малакаҳои амалӣ ва назариявии донишҷӯёнро таҳлил кунанд, ба онҳо тавсияҳои инфиродӣ пешниҳод намоянд ва барои омӯзгорон ҳисоботи мукаммал омода созанд. Ин ҷараён метавонад ба беҳтар шудани сифати таълим ва омода намудани мутахассиони бозоргир мусоидат намояд. Вале татбиқи зеҳни сунъӣ мушкилӣ низ дорад. Нахуст, масъалаи хароҷоти таҷҳизоти муосири технологияи рақамӣ мебошад. Насб ва нигоҳдории системаҳои зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ маблағи зиёд ва мутахассисони баландихтисос талаб мекунад. Дуюм, масъалаи тайёр намудани омӯзгорон ва донишҷӯён барои истифодаи чунин системаҳо мебошад. Агар мутахассисон бо технологияи нав шинос набошанд, таъсири зеҳни сунъӣ ба таълим метавонад кам бошад. Сеюм, масъалаҳои ахлоқӣ ва муҳофизати маълумоти шахсӣ низ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд.

Ояндаи тамоми соҳаҳо ва пешрафту ташаккули онҳо дар замони имрӯза ба истифодаи касбиёнаи зеҳни сунъӣ вобаста аст. Дар оянда технологияҳои рақамии муосир тавассути зеҳни сунъӣ на танҳо самаранокии соҳаҳоро баланд мебардоранд, балки иқтидори ҳар як кишварро инъикос менамоянд. Дар ҷаҳони пурталотуми имрӯза зеҳни сунъӣ дар рушду ташаккули таълим низ нақши асосӣ ва муҳим мебозад. Бинобар ин беҳуда нест, ки Президенти кишварояндаи илму маорифи ватаниро дар рушду ташаккули зеҳни сунъӣ мебинанд ва қайд менамоянд, ки дар замони муосири ҷаҳонишавӣ танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро муҳофизат карда, пешрафт намоянд, ки аҳолиаш саводнокӣ ва фарҳанги баланд, илмдӯсту соҳибкасб бошанд.

Ояндаи тамоми соҳаҳо ва пешрафту ташаккули онҳо дар замони имрӯза ба истифодаи касбиёнаи зеҳни сунъӣ вобаста аст. Дар оянда технологияҳои рақамии муосир тавассути зеҳни сунъӣ на танҳо самаранокии соҳаҳоро баланд мебардоранд, балки иқтидори ҳар як кишварро инъикос менамоянд. Дар ҷаҳони пурталотуми имрӯза зеҳни сунъӣ дар рушду ташаккули таълим низ нақши асосӣ ва муҳим мебозад. Бинобар ин беҳуда нест, ки Президенти кишварояндаи илму маорифи ватаниро дар рушду ташаккули зеҳни сунъӣ мебинанд ва қайд менамоянд, ки дар замони муосири ҷаҳонишавӣ танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро муҳофизат карда, пешрафт намоянд, ки аҳолиаш саводнокӣ ва фарҳанги баланд, илмдӯсту соҳибкасб бошанд.

Хулоса, зеҳни сунъӣ метавонад дар беҳтар намудани сифати тарбияи журналистони соҳавии телевизион нақши калидӣ бозад. Он имконият медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ ба таври инфиродӣ мутобиқ шаванд, малакаҳои амалӣ ва назариявӣ самараноктар омӯзонида шаванд ва донишҷӯён мувофиқ барои бозори муосири меҳнат тарбия карда шаванд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки таҷрибаи пешқадами ҷаҳониро омӯхта, инфрасохтор ва захираҳои инсониро барои татбиқи зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои олии касбӣ таҳким диҳад. Танҳо дар ин ҳолат метавон аз имкониятҳои фаровони зеҳни сунъӣ барои рушди таҳсилоти олии касбӣ ва боло бардоштани сифати кадрҳо истифода кард. Инчунин дар замони муосир зеҳни сунъӣ дигар танҳо як технология набуда, балки он муҳаррики асосии пешрафти эҷод аст. Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, роҳи истифодаи масъулонаву бунёдкоронаи онро нишон медиҳад. Ин роҳ бояд бо эҳтироми арзишҳои фарҳангӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва қонунҳои байналмилалӣ ҷараён ёбад. Дар ин ҳолат зеҳни сунъӣ метавонад на танҳо ба такмили тарбияи журналистони соҳавии телевизион, балки ба пешрафту ташаккули фарҳанг ва иқтисоди дунявӣ мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдусалом Р. Телевизион оинаи зиндагист/ Р. Абдусалом – Душанбе, 2002. – 143 с.

2.Муминджонов З. Эволюция Таджикского телевидения в годы независимости/ З. Муминджонов – Душанбе, 2021. - 336 с.

3. Муъминҷонов  З. Телевизион муъҷизаи аср/ З. Муъминҷонов – Душанбе, 2023. – 223 с.

4. Муъминҷонов  З. Жанрҳои телевизион/ З. Муъминҷонов – Душанбе, 2024. – 265 с.

5. Тайёр намудани мутахассисони воситаҳои электронии ахбори омма дар шароити гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ. – Душанбе, 2021. – 296 с.

6. Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад. Душанбе, 2022.

7. Роҳҳои тарбияи кадрҳои баландихтиссоси соҳавии журналистикаи телевизион. – Душанбе, 2023, - 239 с.

8. Универсальная журналистика. – М.: Аспект – пресс, 2016. – 408 с.

9. Хлызова А.А. Интерактивность как новое свойство современного телевидения, Журналистика в 2014 году. СМИ как фактор общественного диалога: Сб. Материалов международной научно-практической конференции. М.: МедиаМир; ф-т журналистики МГУ им. М.В. Ломоносова, 2015.

10. Чертовских О.О., Чертовских М.М. Искусственный интелект на службе современной журналистики: история, факты и перспективы развития// Вопросы теории и практики журналистики. 2019. Т.8., №3. С. 555-568.

11. Шестеркина Л.П. Современные подходы к формированию структуры жанров телерадиожурналистики// [Электронный ресурс].Режим доступа: http://www.ipk. ru/index. Php?id=2115 (дата обращения: 29.09..2025).

## БРЕНДИНГИ ТИҶОРАТ ВА САМАРАНОКИИ PR ДАР ТОҶИКИСТОН ТАВАССУТИ ВАСОИТИ ЭЛЕКТРОНИИ АХБОР

**Хамидиён Илхомджон Иномзода**
доктори илмҳои филологӣ, профессор
факултаи гуманитарӣ-педагогӣ,
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Борбад, 48/5
Тел.: +992 919708170
E-mail: i.hamidiyon@gmail.com

**Аннотатсия:** Сармоягузорӣ ба имиҷ ва обрӯ сармоягузории дарозмуддат аст, ки аз таъсири эҳтимолии мусбат сурат мегирад, манфиатзо аст ва бо гумони ғолиб, талафотро пешгирӣ менамояд. Бренд гуфта, ном, истилоҳ, аломат, тарҳ ё омезишеро мефаҳманд, ки маҳсулот ва хизматрасонии фурӯшандаро муайян намуда, онро аз маҳсулот ё хизматрасониҳои рақибон фарқ мекунонад.

**Калидвожа:** *Тоҷикистон, бренд, имиҷ, PR, брендинг, васоити электронии ахбор, барандагони иттилоот, таъсир.*

## БИЗНЕС-БРЕНДИНГ И ЭФФЕКТИВНОСТЬ PR В ТАДЖИКИСТАНЕ ПОСРЕДСТВОМ ЭЛЕКТРОННЫХ СМИ

**Аннотация**: Инвестиции в имидж и репутацию представляют собой долгосрочные вложения, направленные на создание потенциально положительного эффекта, который приносит прибыль и, как правило, предотвращает убытки. Бренд представляет собой название, термин, знак, символ, дизайн или их сочетание, которые идентифицируют продукцию или услуги продавца и отличают их от товаров или услуг конкурентов. Брендинг, PR и использование электронных средств массовой информации играют ключевую роль в формировании и поддержании имиджа бренда, оказывая значительное влияние на восприятие его в общественном и рыночном

пространстве. Таким образом, эффективное использование информационных каналов и стратегий PR позволяет создавать устойчивое воздействие и положительный имидж среди потребителей и в обществе.

***Ключевые слова***: *Таджикистан, бренд, имидж, PR, брендинг, электронные средства массовой информации, информационные лидеры, влияние.*

Бунёди имиҷи мусбат барои ҳамаи ташкилотҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ширкатҳо ба паҳн кардани маълумоти мусбат дар бораи худ дар қонеъ кардани манфиатҳои гуногуни иттилоотии аудитория манфиатдоранд. Дар ин раванд истифода аз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба сифати таҷассуми моддии бренди ширкат дониста мешавад..

Расонаҳо (аз ҷумла, корпоративӣ) барои аксарияти муассисаҳо ҳамчун қисми таркибии бренди ширкат ва воситаи муассири маъракаи PR баромад менамоянд. Барои ҷалби таваҷҷуҳи харидорони эҳтимолӣ ба маҳсулот ва ё хизматрасонӣ ва қонеъ кардани ниёзҳои иттилоотии аҳолӣ ширкатҳо аз васоити электронии ахбор фаъолона истифода мебаранд. Ба таъкиди олими англис МакКуал Д., «расонаҳо қодиранд, ки зери таъсири гузоришҳои ахборӣ ва дигар маводи журналистӣ тафаккури одамонро тағйир диҳанд» [14, с. 378]. Ба таври дигар гӯем, ба ғайр аз вазифаи муҳимтарини иттилоот дар бораи маҳсулот (ё ширкат, фаъолияти он ва ғайра), формат ва шакли пешниҳоди хабар ба аудитория ба падидаи назаррас табдил меёбад.

Шароити муосир тақозо менамояд, ки ВЭА бояд доираи васеи маводи жанриро фаро гиранд, ки қаҳрамони онҳо як ширкати бузург ё филиалҳои он хоҳад буд. Онҳо ҳамчун платформаи ҷойгиркунии маводи тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ баромад мекунанд. Бо назардошти он, ки матбуоти даврӣ, телевизион, радио, интернет ва ғайра воситаи паҳн кардани маълумоти зарурӣ ҳастанд, ВЭА, мутаносибан, барои ташкили маъракаҳои васеи PR дар ҳама гуна ташкилот, новобаста ба шакли моликият ва фаъолият, метавонанд хизмати шоиста кунанд.

Тавре маълум, барои пешбурди тиҷорати муваффақ, ширкат бояд бо ҳар роҳ таваҷҷуҳи ҷомеаро ҷалб кунад ва одамонро барои иштирок дар ҳаёти созмон ташвиқ намояд. Барои ҷалби бештари диққати аудитория падидае мисли PR истифода мешавад. PR (робита бо ҷомеа, иртиботи ҷамъиятӣ) – амалияи паҳн кардани маълумоти зарурӣ дар бораи ширкат ба аҳолӣ мебошад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути паҳн кардани мавзуъҳо ва иттилооти муҳим амалӣ карда мешаванд. Он омиле, ки PR-ро аз реклама ҳамчун як шакли муоширати маркетингӣ фарқ мекунонад, дар ҳамин унсур ифода меёбад. Ҳадафи PR – огоҳ кардани ҷомеа, мизоҷони эҳтимолӣ, сармоягузорон,

шарикон, кормандон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор дар бораи ҳаёти ширкат бо мақсади дар ниҳоят ташаккул додани идеяи муайяни ташкилот, идоракунии он, маҳсулот ва ғайра мебошад. Ассотсиатсияи маркетинги Амрико муайян кардааст, ки бренд – ном, истилоҳ, аломат, тарҳ ё омезишест, ки маҳсулот ва хизматрасонии фурӯшандаро муайян намуда, онро аз маҳсулот ё хизматрасониҳои рақибон фарқ мекунонад. Албатта, қобилияти «фарқ кардан, интихоб кардан ва дӯст доштан» ба аудиторияи содиқ ва эҳтимолӣ нигаронида шудааст.

Яке аз коршиносони шинохтаи брендинг дар ҷаҳон Жан Ноэл Каперер манфиатҳои брендро барои истеъмолкунанда чунин шарҳ додааст:

*Ҷадвали 1. Манфиатҳои бренд барои истеъмолкунанда*

| ВАЗИФАҲО | МАНФИАТ |
|---|---|
| Муайянсозӣ | Муайянсозии фаврии маҳсулоти зарурӣ ва дарёфти онҳо аз нуктаҳои муайя |
| Муносиб | Сарфаи вақт ва нерӯ дар ҷараёни ҷустуҷӯи мавод бо назардошти майлу рағбати мушаххас |
| Кафолат | Эътимод ба сифати масулот новобаста ба замон ва макони харидории он |
| Беҳсозӣ | Боварӣ ба он, ки масулоти харидоришуда дар байни дигарон беҳтарин дониста мешавад. |
| Нишони тафовут | Махсус қайд кардани сифатҳои маҳсулот ва барои ҳамин харидор будани он |
| Доимият | Эътимод ба як бренд, ки имтиҳони зиёдро гузаштааст |
| Роҳатфизо | Роҳат кардан аз унсурҳои шаклдиҳандаи маҳсулот ва бренд, эҳсоси ризоият аз ширкати истеҳсолкунанда: логотип, воситаҳо ва шаклҳои иртиботи ширкат бо истеъмолкунанда |
| Этика | Фаъолияти ҷамъиятӣ, хайриявӣ ва дигар эҳсонкории ширкат |

Аз нақшаи мазкур мо метавонем дарк намоем, ки бренд на танҳо маҷмӯи маҳсулоти «шинос» аст. Он ба ҳайси василае баромад менамояд, ки вазифаҳои гуногунро фаро мегирад ва барои истеъмолкунанда ҷиҳати дарёфти маҳсулот (ва ё хизматрасонӣ)-ии зарурӣ кӯмак мерасонад. Инчунин, бренд дар ташаккули афзалиятҳои истеъмолкунандагон нақши шоиста дорад.

Фаъолиятҳои ба PR нигаронидашуда самти асосии фаъолияти ширкат нест, яъне на маҳсулот, балки ном реклама ва таблиғ мешавад. Бо вуҷуди ин,

PR ва бренд байни ҳамдигар мубодила мекунанд, то ном дертар ба рекламаи худи маҳсулот табдил ёбад.

Ба таъкиди коршинос Реутова П. С., «барои фаъолияти беҳтари ширкат намояндагони дигар расонаҳо бо муассиса ҳамкориро ба роҳ мемонанд. Ҷойгир кардани маводи рекламавӣ дар ВЭА ба мутахассисон имкон медиҳад, ки маълумоти заруриро ба шунавандагони мақсаднок расонанд. Модели классикии вокуниши истеъмолкунандагон тавассути формулаи «огоҳӣ-фоида-хоҳиш-амал» ва самаранокии таъсири бевоситаи ВАО ба аудитория дар доираи маъракаи мушаххаси PR муайян карда мешавад» [7, с. 101].

Фаҳмидани хусусияти кори ҳар навъи ВАО аз ҷониби PR-менеҷерон муҳим буда, ҷиҳати шинохти гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон вобаста ба хусусиятҳои иҷтимоию демографии аудитория муҳим ҳастанд. Дақиқ намудани сатҳи таваҷҷуҳи харидорони эҳтимолӣ ба маҳсулоти пешниҳодшуда барои муайян кардани миқёси маъракаи PR афзалият дорад.

Масалан, 24-уми сентябри соли 2022 дар «Наврӯзгоҳ»-и шаҳри Душанбе чорабинии ширкати мобилии «Мегафон Тоҷикистон» таҳти унвони «МегаФон Life Фест-2022» баргузор гардид. Тавре интизор мерафт, қариб 15 ҳазор меҳмонон – сокинони Душанбе дар чорабинӣ иштирок намуданд. Тавре сомонаи муассиса хабар медиҳад, «Ҳаёт бо усули МегаФон» («Жизнь в стиле МегаФон») барои иштирокчиён ҷашни дурахшон, шавқовар ва аз ҷиҳати технологӣ пешрафта гардид. Ба нақли онҳо, иштирокчиёни фестивал бо сароянда JONY суруд мехонданд, зери мусиқиҳои DJ-ҳои машҳур рақс мекарданд, бо роботҳо суҳбат намуда, digital-хизматрасониҳои муосири рақамиро меомӯхтанд. Ғолибият дар намоиши истеъдодҳо имкон медод, ки дар zipline парвоз намуда, 10 000 МБ трафики интернетро ба даст оранд ва ё дар майдони варзишии «Mortal Kombat» мубориза баранд. Гуфта мешуд, ки ширкати «Мегафон Тоҷикистон» барномаи фестивалро бо назардошти манфиат ва хоҳиши ҳар як меҳмон тартиб додааст.

Шахсоне, ки бо аҳли оила омаданд, дар майдончаи бачагонаи «Мадагаскар» бозӣ намуданд. Дар хабари нашршуда аз номи сарвари хонадон Дониёр ишора мегардад, ки ӯ барои тамоми оила танҳо як чипта харидааст: дуюмро бо пайвастшавӣ ба тарофаи #NaMaximum тухфа гирифтааст. Ду кӯдаки даҳсола ройгон ворид гардиданд. Дар идомаи ин хабар гуфта мешуд, ки ҷавонон гӯшаи технологияҳои муосирро интихоб карданд. Баъзе одамон аз Wi-Fi-и ҷамъиятӣ истифода бурда, аксҳои худро ҳамон лаҳза дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр намуданд. Дар фестивал меҳмононро технологияҳои муосир ҳамроҳӣ карданд. Ҳамин тариқ, ассистенти овозӣ “Алиса” ҳунармандонеро, ки дар саҳнаи асосӣ баромад мекунанд, эълон намуд. Дар идома таъкид мегардад, ки “«МегаФон Тоҷикистон» рисолати худро дорад – шод кардани муштариён.

Маҳз ба ҳамин далел, ширкат хизматрасониҳои пешрафтаи рақамиро роҳандозӣ намуда, MegaFon Life Fest-ро ташкил кардааст. Чеҳраи шоди меҳмонон, табассуми онҳо... Беҳуда нест, ки мо барои омода кардани фестивал ин қадар моҳ сарф кардем. Умедворам, ки онҳо аз ид танҳо хотираҳои хуш доранд!” – хулоса мекунад директори иҷроияи «МегаФон Тоҷикистон» Анатолий Изюмников.

Ташкили чунин фестивал барои «МегаФон Тоҷикистон» барои муаррифии хизматрасониҳои нав ба ҳукми анъана даромадааст. Соли 2021 низ ба ифтихори 20-солагии таъсисёбии худ ин ширкат бо даъвати сарояндагони шуҳратёр Jah Khalib ва Баста дар «Наврӯзгоҳ»-и Душанбе MegaFon Life Fest ташкил намуда, хизматрасониҳои гуногуни худро муаррифӣ менамуд.

Мавҷудияти расонаҳои электронӣ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки ҷойгиркунии маводи рекламавиро ба таври назаррас дастрас намояд ва хусусиятҳои иҷтимоию демографии аудиторияро муайян созанд. Ин кӯмак дар қонеъ кардани ниёзҳои аудитория ба иттилооти саривақтӣ ва ҷолиб, танзими ҷараёнҳои иттилоотӣ ва муайян кардани «рӯзномаи» худ барои ширкат маънидод мегардад.

Тавре Чемякин Ю. В. менигорад, «Ҳар қадаре, ки аудитория дар бораи баъзе фаъолиятҳои ширкат маълумот дошта бошанд, ҳамон қадар ташкилот ба онҳо бештар писанд меояд, ҳамон қадар ташкилот истеъмолкунандагонро нисбат ба худ устувортар месозад. Ин эътимод метавонад на ба фаъолияти асосии ширкат иртибот дошта бошад. Азбаски «дониш» аз «суҳбат» бармеояд, платформаҳои паҳнкунии иттилоот дар иҷрои вазифаҳои муқарраршудаи PR накши муҳим доранд. Дар ин ҳолат, рӯзнома барои озодии комили ҷойгиркунӣ саъй менамояд, яъне ширкат кӯшиш мекунад, ки масъалаи паҳнкунии маводи таблиғотиро мустақиман ҳал намояд. Ҳузури васоити ахбори омма ширкатро аз зарурати ҳамоҳангсозии амали худ бо расонаҳои сеюме, ки ба созмон тааллуқ надоранд, озод мекунад» [11, с. 176].

Васоити электронии ахбор ба сифати минбар ва васоити муаррификунандаи ширкат дар чорабиниҳои дохилӣ ва хориҷӣ баромад намуда, аз тарафи муассиса танзим мегардад ва имкон медиҳад, онро ба сифати фишанги тавонони PR истифода намоем. Тавре аз таҷрибаи Тоҷикистон бармеояд, хоҳиши аксарияти ташкилотҳои гуногунро ҷиҳати соҳиб шудан ба расонаҳои шахсӣ ҳамин омил асоснок мекунад. Аммо бояд дар назар дошт, ки чунин васоити ахбори омма камбудӣ низ доранд – онҳо ба истеъмолкунандагоне равона карда шудаанд, ки аллакай бо ширкат робитаи муайян барқарор кардаанд.

Агар шахс дар бораи мавҷудияти созмон маълумот надошта бошад ва ба фаъолияти он муфассал таваҷҷуҳ накунад, пас, мавҷудияти ВАО низ шояд ин

масъаларо ҳал карда натавонад. Ва ҷалби истеъмолкунандагони эҳтимолӣ тавассути матбуоти даврӣ, телевизион, радио, интернет ва ғайра васоити исботшуда ҳастанд.

Ҳамин тариқ, усулҳо ва самаранокии PR тавассути васоити электронии ахбор ва интихоби воситаи иртиботӣ «ба вазифаҳои гузошташуда алоқаманд мебошанд» [13, с. 12]. Масалан, агар зарурати ҷалби аудиторияи нав пайдо шавад, ширкат ҳамкориро бо ин ё он ВАО бояд васеътар намояд. Ҳамзамон, бо мақсади нигоҳ доштани таваҷҷуҳи аудиторияи содиқ ва доимӣ, муассиса дар сохтори худ бояд ВАО ташкил ва аз он самаранок истифода барад.

Бо вуҷуди ин, ғояи ташвиқи маҳсулот на тавассути реклама, балки расонаҳои худӣ дар давраи интернет такони ҷиддӣ гирифт. 27 марти соли 2013 дар «Washington Post» мақолае таҳти сарлавҳаи «To build brand, companies produce slick content and their own media» («Ширкатҳо брендро тавассути контенти ҷолиб ва расонаҳои худӣ месозанд» нашр гардида, тамоюли муҳиммеро таъкид менамояд: «Ғояи ҷалби истеъмолкунандагон эҳтимолан аз ҷониби пешниҳоди маълумоти муфид бояд сурат гирад. Агар контент ҷолиб бошад, барои истеъмолкунанда муҳим нест, ки онро кӣ истеҳсол кардааст. Агар Шумо як қиссаи ҷолиб нақл кунед, одамон барои паҳнкунии он бо Шумо кор мекунанд, корманди ройгони Шумо мешаванд».

Лозим ба таъкид аст, ки таваҷҷуҳи корпоратсияҳо ба васоити ахбори омма падидаи муқаррарӣ ва ё амали системавӣ аст. Яъне дар ҷомеаҳое, ки саноат ба таври зарурӣ рушди бесобиқа надорад, маркетологҳо ба хусусиятҳои таъсиррасонии мавод такя мекунанд. Талош барои ба даст овардани таваҷҷуҳи харидори эҳтимолӣ бо иловаи муҳобот, афсонабофӣ ва эҳсосот сурат мегирад. Олими амрикоӣ Л. Одден мегуфт, ки «... афсона ва эҳсосот маҳсулоти нақлкунандагон аст. Ҳар қадар дар нақли Шумо унсурҳои боварнокарданӣ зиёд бошад ва онҳо бо эҳсосоти зиёд нақл гарданд, мардум ба он бовар мекунад».

Дар шароити муосир ширкатҳо омодаанд, ки нисбат ба реклама ба шаклҳои нави ташвиқот муроҷиат намоянд. Моҳияти онҳоро на пешниҳоди тиҷоратӣ, балки контенти ҷолиб ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, маркетинг мафҳуми *«storytelling»* («нақли қисса»)-ро аз журналистика гирифтааст. Ҳамин тариқ, мо гуфта метавонем, ки ширкатҳо ба як навъ сабқати таъсиси ВАО ворид шуданд ва дар ин ҳошия якчанд тамоюлҳоро мушоҳида намудан мумкин аст.

Аввалан, ҳоло контенти ҷолиб дар сомонаҳо ҷойгир карда мешаванд. Гузашта аз ин, дар интернет гӯшаҳои хабарӣ ва таҳлилҳо пайдо шуданд - одамони машҳур ва шинохта аз саҳифаҳои якуми расонаҳо ба мо нигоҳ карда, дар мавзуъҳои гуногун суҳбат мекунанд. Масалан, соли 2006 аз саҳифаи якуми маҷаллаи «Ориёно» ҳунарманди саршинос Андӣ Мададиён дар иҳотаи рӯзноманигорони нашрия оид ба муҳим будани даъвати ӯ ба Тоҷикистон, ки

сарпаратии онро муассиси маҷалла – ҶСК «Ориёнбонк» бар дӯш дошт, қисса менамояд.

Мисолҳое буданд, ки рақибони дерина (Coca-Cola ва Pepsi) сомонаҳои худро пурра аз нав тарҳрезӣ карда, онро ба васоити ахбори омма табдил доданд ва бахшҳои тафреҳ, варзиш, фарҳанг ва ғайра онро ғанӣ мегардонид.

Имрӯз ҳам дар Тоҷикистон сомонаҳои https://www.somonair.com/ https://alif.tj/, https://finca.tj/, https://www.ssb.tj/, https://www.eskhata.com/, https://www.spitamenbank.tj ва ғайра дорои сохтор ва мундариҷае ҳастанд, ки ба арзишҳои ширкат ва муштариёни он мувофиқат мекунад. Меҳмонони сомона дар бораи рӯйдодҳо ва тамоюлҳои нави соҳавӣ маълумоти нав мегиранд. Онҳо бештар ба ҷавонон равона ва нигаронида шудаанд. Дар ин марҳила на роҷеъ ба мафҳуми сомонаи тиҷоратӣ, балки сомона барои ҷавонон сухан меравад.

Ба таъкиди муҳаққиқ Ромашова И. П. «... имрӯз дар сомонаҳо фишанги таъсиррасонӣ ва унсурҳои қолибсозӣ хоса барои насли наврас ва ҷавонони муосир корбарӣ мегардад» [6, с. 19]. Як навъ шаклгирии мундариҷаи сомонаҳои ватанӣ имрӯз мушоҳида мегардад, ки ҳамчун манбаи муътамади иттилоот дар бораи ширкат, маҳсулот ва арзиши онҳо, инчунин хизматрасонӣ баромад менамояд. Муҳаққиқ Всеволод Грабелников бар ин ақида аст: «... имрӯз ширкатҳо аудиторияи худро ба таври касбӣ таълим медиҳанд ва аз усулҳои муосир ва муассир кор мегиранд – ахбори зарурӣ ва ҷолиб дар сомонаҳо, баррасию андешаронихо, подкастҳо, мусоҳиба бо ситораҳо ва ғайра аз ҷумлаи ин усулҳо ҳастанд» [3, с. 95].

Ҳамчун тамоюли махсус қайд мекунем, ки гоҳе шахси аввали ширкат мундариҷаи ВАО-ро ташкил накарда, ҳамчун «чеҳраи ВАО» баромад мекунад. Ин фаъолиятро, масалан, соҳибкори маъруфи тоҷик Саидмурод Давлатов моҳирона истифода мебарад. Ӯ роҳбари Маркази байналмилалии рушди инсон «Само» буда, тибқи иттилои сомонаи марказ, «мураббии тиҷорат аз Шарқ, молик ва шарики 30 тиҷорати пешрафта буда, дар тӯли 7 сол ба таври инфиродӣ 303 соҳибкорро таълим додааст ва 53 миллионери доллариро ба воя расонид. Мултмиллионер ва сармоягузор, соҳиби холдинги UDI GROUP аст, ки 30 ширкатро фаро мегирад. Узви Ассотсиатсияи миллии коршиносон, нависандагон ва суханварони ИМА (The National association of experts, writers and speakers USA), муаллифи бозии тиҷоратии «Ман ва пул», китоби серфурӯши «Ман ва пул» ва силсилаи китобҳои «Фалсафаи мӯрчагон» бо 8 забон буда, теъдоди умумии нашри онҳо аз 2 миллион нусха гузаштааст» [15].

Номбурда «сирри тиҷоратӣ»-и худро барои моликони тиҷорат тариқи ташкили машваратҳо ва бизнес-турҳо мефурӯшад. Барои мисол, лоиҳае пешниҳод мешавад, ки тӯли 7 рӯз (13-20 апрели соли 2024) дар шаҳрҳои Токио, Киото ва Осакаи Ҷопон бар ивази 8000 доллари амрикоӣ омӯзиши таҷрибаи

муваффақи ширкатҳои ҷаҳонӣ таълим дода мешавад. Иштирокчиёнро дарсҳои ҷолиб, посуххои Саидмурод Давлатов, муҳити муваффақи тиҷоратӣ, робитаҳои нав, шарикон ва мизоҷони эҳтимолӣ интизор аст. Дар барнома боздид аз ширкатҳои бузурги маҳаллӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фаъолият доранд, пешбинӣ гардида, тамошои намоишгоҳҳо ва шунидани лексияи профессор Андрей Белов дар мавзуи: «Иқтисодиёт ва тиҷорати Ҷопон: дар остонаи давраи нав?» дар назар аст. Тариқи сомонаи https://worldsamo.com/ кӯшиш мешавад, ки симои С. Давлатов дар ҳама бахшу рубрикаҳои он мисли бренд муаррифӣ гардад.

Бори аввал исми ин соҳибкори ватанӣ дар сомонаи Президенти Тоҷикистон 25 марти соли 2020 зимни боздиди Пешвои миллат аз намоишгоҳи кишоварзӣ ва гармхонаи замонавӣ дар хоҷагии деҳқонии «Дӯстобод-2»-и ноҳияи Спитамен ишора мешавад. Санаи 8 октябри соли 2021 дар хабари «Ифтитоҳи Мактаби Оксфорд дар шаҳри Хуҷанд» гуфта мешавад, ки ин муассисаи таълимии хусусӣ «бо иқдоми соҳибкори ватанӣ Саидмурод Давлатов бо сарфи 17 миллиону 695 ҳазор сомонӣ бо лоиҳаи ҷолиб, истифодаи тарҳу услубҳои миллӣ ва аврупоӣ, ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ бунёд гардидааст» [16]. Дар хабари «Ба истифода додани гармхонаи инноватсионии ҶДММ «Витаминҳои Тоҷикистон» дар шаҳри Левакант» бори сеюм дар сомонаи Президенти Тоҷикистон номи ин соҳибкори ватанӣ ва фаъолияти ибратомӯзи ӯ ситоиш карда мешавад.

Ё мисоли дигар. Фаъолияти ибратомӯзи соҳибкори ватанӣ Акбар Ғуломов, ки роҳбари Гурӯҳи корхонаҳои «Ғаюр» аст, ба санаи 20 январи соли 2024 тариқи сомонаи Президенти Тоҷикистон 11 маротиба ситоиш ва ёдрас гардидааст.

Дар ду мисоли болозикр мо метавонем натиҷагирӣ намоем, ки онҳо дар симои худ тавонистанд образи намунавӣ ва бренди шахсиятро ба вуҷуд оранд. Агар Саидмурод Давлатов худро аз оилаи коргар ва деҳқони камбағал муаррифӣ намуда, ба аудитория ва харидорони эҳтимолии маҳсулоташ «бачаи худие, ки худро сохтааст» намудор гардад, чеҳраи Акбар Ғуломов, пеш аз ҳама, бо хизматҳои шоистаи падараш ва давомдиҳандаи кори ӯ будани номбурда намудор мегардад. Асадулло Ғуломов, падари соҳибкор, солҳои 2003-2006 муовини Сарвазир ва солҳои 2006-2011 муовини аввали Сарвазири Тоҷикистон фаъолият карда, барои пешрафти мамлакат, махсусан рушд бахшидани самтҳои сохтмон, энергетика, саноат ва нақлиёт корҳои назаррас ва хизмати бесобиқа анҷом додааст. То вафоти ӯ (3 августи соли 2011) дар бораи фаъолияти ибратомӯз ва созандаи Акбар Ғуломов камтар медонистанд ва ВАО дар ин хусус қариб мавод дарҷ намекард. Аз соли 2014 ба ин сӯ оид ба корҳои

созандаи Акбар Ғуломов, махсусан дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон зиёд мегӯянд ва менависанд.

Тамоюли эҷоди контенти худӣ боиси пайдоиши ВАО мегардад, ки иттилоотро ба арзишҳо ва манфиатҳои муштариёни эҳтимолӣ ва ё мақсадноки ширкат боз ҳам наздиктар мекунанд. Бояд дарк намуд, ки доштани сомона дар шабакаи ҷаҳонии интернет шакл ё формати кифояи фаъолияти интернетӣ нест. Манбаи электронии ширкат бояд на танҳо молу хизматрасониҳои худро пешкаш намояд, балки ба корбар маҳсулоти босифати иттилоотӣ манзур созад. Мутахассиси робита бо ҷомеа барои муаррифии корпоратсия дар интернет бояд матни ҷолибе нависад, ки дар он аломатҳои PR баръало намудор буда, иттилоот дар маҷмуъ, нав ва муфид бошад. Агар мо сохтори жанрии матнҳое, ки дар сомонаҳои болозикр ҷойгир шудаанд, таҳлил намоем, ба хулосае ҷолиб меояд: матнҳо дар қолабҳои ба ҳамдигар хеле монанд, якмаром ва бо истифода аз ҷумлабандиҳои маъмулӣ навишта шуда, дар қолаби жанрҳои публитсистӣ эҷод шудаанд. Ба истиснои https://alif.tj/, маводи дигар аз матнҳои матбуотӣ фарқ намекунад.

Барандагони иттилоот имрӯз танҳо ВАО-и анъанавӣ нестанд, ки қаблан худро «ҳокимияти чаҳорум» меномиданд. Рақобати шадид дар симои шабакаҳои иҷтимоӣ ва шахсони алоҳида – корбарони интернет (блогерҳо) ва дар ниҳоят, корпоратсияҳо абзори иттилоотӣ ва таҳвили ахборро таъмин менамоянд. Журналистикаи анъанавӣ даромадро аз даст медиҳад ва маҷбур аст ба маркетинг (қонеъ кардани ниёзҳои рекламавии корпоративӣ, ҷойгиркунии реклама ва PR) муҳоҷират кунад, вале корпоратсияҳо – баръакс, ба самти журналистика ҳаракат намуда, шаклҳои функсионалӣ ва жанрии онро аз худ мекунанд. Ҳадафи асосии ин ҳаракат нишон додани он аст, ки чӣ гуна ва то кадом дараҷа ширкатҳои ватанӣ метавонанд вазифаҳои расонаҳои навро иҷро намоянд.

## АДАБИЁТ:


1. Абдуллаев, М. А. Создание и трансформация имиджа «трудового мигранта» в СМИ Российской Федерации в 1991-2008 гг. [Текст] / М. А. Абдуллаев, Е. А. Петрушкова // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – Душанбе, 2016. – №4 (56). – С. 187-194.

2. Алькова, И. И. Внутритекстовый монтаж как инструмент создания имиҷа субъекта и объекта журналистики: дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Алькова Ирина Ильинична. – Душанбе, 2013. – 161 с.

3. Грабельников, В. А. Развитие корпоративных СМИ в новой медиасреде (на примере интернет-портала): дис. … канд. филол. наук : 10.01.10 / Грабельников Всеволод Александрович. – М., 2012. – С. 136.

4. Никишкин, В. В. Влияние юзабилити сайта банка на восприятие его имиджа корпоративными клиентами [Текст] / В. В. Никишкин, М. Д. Твердохлебова // Вектор науки Тольяттинского государственного университета. Серия: Экономика и управление. – Тольятти, 2014. – № 1 (16). – С. 78-85.

5. Почепцов, Г. Г. Профессия: имиҷмейкер [Текст] / Г. Г. Почепцов. – СПб., 2001. – 256 с.

6. Ромашова, И. П. Корпоративные СМИ как новые медиа [Текст] / И. П. Ромашова // Коммуникативные исследования. – М., 2015. – № 3 (5). – С. 26.

7. Реутова, П. С. Корпоративные СМИ как основная часть бренда организации [Текст] / П. С. Реутова // Проблемы современной науки. – М., 2015. – № 17. – С. 101.

8. Сафарзода, М. А. Имиҷсозӣ ва бренд (дастури таълимӣ) [Матн] / М. А. Сафарзода. – Душанбе, 2023. – 76 с.

9. Хамидов, И. И. Имиджмейкинг и роль телевидения в его формировании [Текст] / И. И. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2017. – № 4/5. – С. 280-283.

10. Ференец, Я. В. Роль корпоративных медиа в формировании имиджа и продвижении продукции [Текст] / Я. В. Ференец // Агзамовские чтения-2023. Сборник материалов и научных статей Международной научно-практической конференции. – Казань, 2023. – С. 416-421.

11. Чемякин, Ю. В. Вузовское бренд-медиа как перспективное направление развития корпоративных коммуникаций / Ю. В. Чемякин // Корпоративные медиа в процессе реализации государственной политики Республики Беларусь. Материалы международной научно-практической конференции. – Минск, 2022. – С. 176.

12. Широкова, И. Корпоративная пресса – атрибут имиджа и формирования лояльности к брэнду [Текст] / И. Широкова // Ремедиум. Журнал о российском рынке лекарств и медицинской технике. – 2011. – № 1. – С. 16-22.

13. Kapferer J. The New Strategic Brand Management: Creating and Sustaining Brand Equity Long Term. – London & Philadelphia: Kogan Page Publishers, 2008. – P. 12-13.

14. McQuail, D. McQuail's Mass Communication Theory. – London, 2005. – P. 539.

15. https://worldsamo.com/trainers/saidmurod

16. http://www.president.tj/node/26935

# ВИЖАГИҲОИ ИНЪИКОСИ АВЗОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ БАРОИ АУДИТОРИЯИ ТОҶИК

**Сухроби Мирзоали**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент кафедраи журналистикаи байналмилалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918873484 (м);
E-mail: suhrobjsm@mail.ru

**Аннотатсия**. Дар мақола хусусиятҳои инъикос ва таҳлили авзои байналхалқӣ барои аудиторияи тоҷик таҳқиқ гардида, шеваи фаъолияти бахши ахбори хориҷӣ ва байналхалқии телевизионҳои “Ҷаҳоннамо”, “Сафина” ва “Телевизиони Тоҷикистон” таҳлил шудааст.

**Калид вожаҳо**: *Ҷаҳоннамо, Сафина, Телевизиони Тоҷикистон, журналистикаи байналхалқӣ, ахбори хориҷӣ, Навид, Ахбор, Хабар.*

## ОСОБЕННОСТИ ОСВЕЩЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ НОВОСТЕЙ ДЛЯ ТАДЖИКСКОЙ АУДИТОРИИ

**Аннотация**. В статье рассматриваются особенности освещения и анализа международных событий для таджикской аудитории, анализируется работа редакций зарубежных и международных новостей телеканалов «Джахоннамо», «Сафина» и «Телевидение Таджикистана».

**Ключевые слова:** *Джахоннамо, Сафина, Телевидение Таджикистана, международная журналистика, зарубежные новости, «Навид», «Ахбор», «Хабар».*

Инъикоси рӯйдодҳои байналхалқӣ дар васоити ахбори омма ба раванди ояндаи инкишофи ҳаёт дар курраи замин ва муносибат миёни кишварҳову миллатҳо таъсири бузург доранд, ки ин аз чи гуна арзёбӣ шудани рӯйдод дар ВАО бисёр вобастагӣ дорад.

Дар ҳар барномаи иттилоотӣ доир ба рӯйдодҳои муҳими ҷаҳон иттилоъ дода мешавад, вале бештар дар бораи офатҳои табиӣ, куштор, террор, дуздӣ, паҳншавии бемориҳо, бебаркӣ (дар фасли зимистон ва ё дар ҳолатҳои фавқулода), намоишҳои эътирозӣ дар давлатҳои пешрафта ва дигар хабарҳои манфӣ инъикос мегарданд. Дар баробари ин пайдарҳамии ахбор аз рӯйи мавзуъ ё муҳимият кам ба назар мерасад. Ахбор на бояд танҳо барои пур кардани вақти барнома бошад, балки ба аудитория иттилооти заруриро пешниҳод намояд. Муҳаққиқи ҷавон Раҳими Карим дар ин масъала ба ин назар аст: “Иттилоот на

танҳо воситаи хабаррасонӣ ва маълумотдиҳӣ аз рӯи факту рақамҳои муайян мебошад, инчунин воситаи табодули афкор ва тарғиби огоҳонаи ғояҳо низ ба шумор меравад”[3, с. 286].

Инъикоси рўйдодҳои хориҷӣ дар барномаҳои иттилоотии «Навид» -и телевизиони “Сафина”, “Ахбор”- телевизиони Тоҷикистон ва “Хабар”и телевизиони Ҷаҳоннамо ба таври доимӣ сурат гирифта, хабарнигорон аз таҳаввулоти нав ба нави олам тамошобинонро огоҳ менамоянд.

Дар Телевизиони Тоҷикистон барномаи “Имрўзи ҷаҳон” пурра ба инъикоси ба рўйдодҳои олам бахшида шуда, дар барнома аз 10 то 20 хабар таҳия ва ҳамарўза нашр мегардад ва ҳаҷми барнома аз 10 то 15 дақиқа мебошад. Аз хабарҳои ин барнома 4-5 хабари муҳим дар барномаи иттилоотии “Ахбор” истифода мешавад. Аммо на хабарҳои барномаи мазкур ва бахшҳои ахбори хориҷии телевизионҳои Тоҷикистон барои аудиторияи тоҷик аҳамияти ҷамъиятӣ надоранд. Дар ин масъала муҳаққиқи ҷавон Фирдавс Холов бо мо ҳамназар аст. Ў чунин мешуморад, ки хабари ҳуҷуми як марди бо корд мусаллаҳ ба се нафар дар шаҳри Лиони Фаронса барои тамошобинони Телевизиони “Тоҷикистон” ягон аҳамият надорад. Вобаста ба чунин ҳолат Фирдавс Холов чунин пешниҳод менамояд: “Бояд аз таҳияи чунин хабарҳо даст кашид ва воқеоте ба таваҷҷуҳи мардум расонда шавад, ки ба доираи васеи мардум таалуқ дошта бошад” [8, с. 207].

Шабакаи телевизионии «Ҷаҳоннамо» бештар ба пахши ахбори ҷаҳон машғул аст ва бештари маводи ин шабака аз телевизионҳои байналмилалию кишварҳои хориҷӣ, агентиҳои иттилоотӣ, радио, матбуот ва Интернет мебошад. Маводи аз манбаъҳои номбурда гирифташуда, пас аз тарҷума ва таҳрир дар барномаҳо истифода мешавад. Маводи гирифташуда ду намуд мешавад: матнӣ ва навордор. Маводи матнӣ аз саҳифаҳои рўзномаҳо, маҷаллаҳо, агентиҳои ахборӣ ва радио гирифта шуда, ҳамчун матни ахбори баррандагон истифода мегардад. Аммо маводи навордор аз Интернет ва шабакаҳои телевизионии байналмилалию хориҷӣ дастрас мешавад. Бисёр вақт барои маводи матнии аз Интернет ва дигар ВАО пайдо карда, наворро аз шабакаҳои телевизионӣ пайдо намуда, аз онҳо дар якҷогӣ як гузориш ё хабар омода менамоянд.

Муҳаққиқи журналистикаи тоҷик Усмонов И. дар он андеша аст, ки кишварҳои имкониятҳои молиявӣ надошта наметавонанд ба нуқтаҳои доғ хабарнигори худро бифиристанд ва аз ин рў, дастнигари ахборе мешаванд, ки аз манбаъҳои бузург меоянд. Ва бо истифодаи ахбори манобеи мазкур онҳо таҳти таъсири он кишварҳо мемонанд. Ҳамзамон муҳаққиқи мазкур таъкид менамояд: «кишварҳои аз чунин манбаъҳо истифодабаранда, ҳамон гаперо мегўянд, ки он манбаъ мегўяд ва дар натиҷа аз ду ҳолат яке ба амал меояд: ё воситаи ахбори мамлакати кўчак бо истифодаи доимии як манбаи хориҷӣ

ҳамеша ҳамсони вай сухан мегӯяд, ё воситаи ахбори мамлакати кӯчак бо истифодаи манбаъҳои мухталиф дар як мавзуъ гапҳои гуногунро мегӯяд. Пагоҳӣ як фикр, чошт ақидаи дигар, шом сухани дигаре ва шаб тамоман фикри нав. Худ раҳгум мезанад ва аудиторияи худро ҳам раҳгум мезанонад» [5, с.5]. Барои баромадан аз чунин ҳолат муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки ВАО-и кишвари кӯчак бо истифодаи сурат ва навори дигар кӯшиш намояд, ки сухани худро гӯяд. Ҳарчанд бо гузашти солҳо вазъият дар ин самт каме беҳтар шуда бошад ҳам, баъзан ҳамон амал такрор мегардад.

Барои инъикоси рӯйдодҳои ҷаҳон репортажҳои телевизионҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар телевизионҳои Тоҷикистон тарҷума мешаванд. Чунин усули таҳия дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» хеле маъмул аст: «Онҳо ба истифода аз чанд репортаж барои шабакаи худ хабар ё нигориш омода месозанд ва наметавон маводи хориҷии дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» пахшшударо репортаж гуфт» [2, с.273].

Муҳаққиқ Родриго Замит фарогирии ахбори байналхалқиро омӯхта ба чунин хулоса омадааст: "Таҳлили ахбори байналхалқӣ нишон медиҳад, ки рӯйдодҳои марбут ба кишвари аз лиҳози фарҳанг ва ҷуғрофӣ наздик назар ба кишварҳои дур бештар инъикос мегардад. Масалан, аудиторияи амрикоӣ аксар вақт дар бораи Британияи Кабир нисбат ба Ҷопон ахбори бештар мегиранд, зеро ИМА назар ба Ҷопон дида, бо Британияи Кабир муштаракоти фарҳангӣ, забонӣ ва таърихӣ дорад" [10, с.136]. Ҳамин тарзи муносибат ва инъикоси рӯйдодҳои олам дар журналистикаи дигар кишварҳо низ мушоҳида мешавад, аммо чунин тарзи фаъолият хоси на ҳамаи расонаҳои Тоҷикистон аст. Масалан, телевизионҳои Тоҷикистон дар бахши ахбори хориҷии худ аз навигариҳои давлатҳои ҳамсоя ва ҳамзабонон дида, бештар рӯйдодҳои кишварҳои пешрафта ва кишварҳои ҷаҳони сеюм, махсусан ахбор доир ба офатҳои табиӣ, садамаҳо ва ё дигар ахбори манфиро инъикос менамоянд. Муҳаққиқ Эшматов З. муайян намудааст, ки "мавзуъҳои моҷароҳои сиёсӣ, дину оин, қатлу хунрезӣ, заминларзаву обхезӣ, фаҳшу фоҳишагӣ ва ғайра" [9, с.122] барои телевизиони Тоҷикистон дар замони шӯравӣ бегона будааст.

Муҳаққиқ Усмонов И.К. такя ба матолиби хориҷӣ намудани журналистонро "на танҳо нишони ҷуръати хос надоштан, балки ҳамчунон дуруст дарк накардани сиёсати хориҷии кишвари худ" [6, с.4] маънидод намуданд, ки ҳақиқат дорад. Бозтоби навигариҳои олам ва пешниҳоди маводи таҳлилӣ доир ба авзои байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон бо роҳҳои нашри тарҷумаи мавод, бознашр бо забони асл (дар расонаҳои русӣ), таҳияи мавод бо истифодаи факту далелҳои ВАО-и байналхалқӣ ва хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Агар дар тарҷумаи маводи хориҷӣ масъулони расонаҳо каме заҳмат кашанд, вале дар таҳияи ахбор ва маводи таҳлилӣ дар асоси факту

далелҳои расонаҳои хориҷӣ журналистон заҳмати бештар мекашанд. Дар ин гуна мавридҳо ҷаҳонбинии васеъи журналист ва ковишҳои ӯ ба кор мераванд. Бознашри маводи расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ заҳмати эҷодиро талаб наменамояд, зеро саҳифаҳои тоҷикӣ ва форсии расонаҳои хориҷӣ манбаи асосии онҳоянд.

Расонаҳои Тоҷикистон инчунин маводи таҳлилиро доир ба авзои кишварҳо, минтақаи алоҳида, тамоми ҷаҳон ва дигар равандҳои ҳаёти байналхалқӣ ба аудиторияи тоҷик пешкаш намуда, ба ташаккулёбии афкори ҷомеа, шинохти авзои олам аз ҷониби аудитория мусоидат менамоянд. Таҳияи маводи таҳлилӣ доир ба авзои ҷаҳон бештар аз ҷониби журналистон, коршиносон, баъзан олимон ва сиёсатмадорон омода мешаванд. Муҳаққиқ Усмонов И. К. чунин мешуморанд, ки "журналистикаи мо то ҳол ба зинаи журналистикаи таҳлилӣ нарасидааст ва имрӯз дар мавқеи информатикӣ қарор дорад, яъне хусусияти хабаррасониаш бештар аст" [7, с.219]. Воқеан ҳам бо гузашти 20 сол аз навиштаи муҳаққиқ чунин вазъият имрӯз низ ҷой дорад. Дар ҳамаи расонаҳои ҷумҳурӣ ҳар масъуле ки забони хориҷиеро медонад, метавонад ба таҳияи ахбори хориҷӣ машғул шавад, вале на ҳамаи кормандони расонаҳо тавоноии омодасозии маводи таҳлилиро дорад. Коршиноси сиёсӣ Шералӣ Ризоиён ҳалли ин мушкилиро дар "ворид намудани фанҳои тахассусии таҳлилӣ барои донишҷӯёни факултаи журналистика" ва "рушди мактаби таҳлилгарӣ дар кишвар" [4, с. 29] дониста, онро яке аз атрибутҳои муҳими давлатдории муосир мешуморад. Омодасозии кадрҳо дар рушди соҳа масъалаи асосӣ аст ва дар ин маврид муҳаққиқ Аъзамҷон Азимов таъкид менамояд, ки "дар тайёр кардани кадрҳои журналистӣ нақши муҳим ва бузургро таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мебозад" [1, с. 31]. Воқеан ҳам дар масъалаи таҷрибаомӯзӣ саҳлангорӣ намудан дуруст нест ва ҳамкориро дар ин самт бо Вазорати корҳои хориҷӣ ва идораҳои ВАО ҷиҳати роҳандозии таҷрибаомӯзии журналистони байналхалқии оянда хеле зарур аст.

Мушкилоти ин самт дар он аст, ки журналистони тоҷик дар асоси маводи ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ маводи худро омода менамоянд, ки он аз дид ва мавқеи ҷонибе таҳия шудаанд. Маводи дар асоси ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ омодашуда, дар се шакл таҳия мегарданд. Аввалан маводи ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ айнан ба забони тоҷикӣ тарҷума ва пешкаши аудиторияи тоҷик мегардад. Дуюм журналистони тоҷик дар асоси маводи ВАО-и хориҷӣ ва байналхалқӣ маводи худро омода месозанд. Дар ин ҳолат танҳо факту далел ва ё аксҳо ва наворҳоро ҳамчун пуркунандаи мавод аз расонаҳои ҷаҳонӣ дастрас менамоянд. Сеюм журналистони тоҷик ақида ва ё мавзуи маводи худро аз расонаҳои хориҷӣ пайдо мекунанд.

Расонаҳои Тоҷикистон ҳарчанд барои муаррифии авзои олам ва таҳлили вазъияти он талошҳо намоянд ҳам, дар ин самт мушкилиҳо ҷой доранд. Надоштани мухбирони худӣ дар хориҷа бинобар мушкилоти молиявӣ, интихоби нодуруст дар пешниҳоди рӯйдодҳои олам, надоштани таҳсилоти журналистии баъзе аз кормандони бахши ахбори хориҷӣ, бештар ба ахбори манфии кишварҳо таваҷҷуҳ намудани расонаҳои ватанӣ, ба эътибор нагирифтани аҳамияти ахбор барои аудиторияи ватанӣ ва байналхалқӣ, вусъат ёфтани фаъолияти расонаҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар фазои иттилоотии кишвар ва дигар масъалаҳо боиси коҳишёбии аудиторияи расонаҳои ватанӣ гардидааст.

Аз ин рӯ, барои беҳтар гаштани инъикоси рӯйдодҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ дар расонаҳои Тоҷикистон чунин пешниҳод дорем:

- Зимни интихоб ва таҳияи хабарҳои хориҷӣ ва байналхалқӣ бояд ба муҳимияти он ба аудиторияи тоҷикистонӣ аҳамият дод.

- Ба шуъбаи ахбори хориҷии шабакаҳои телевизионӣ бояд хатмкардаҳои факултет ва шӯъбаҳои журналистӣ ба кор қабул карда шаванд. Зеро дар ҳайати эҷодии бахши хориҷӣ мутахассисони соҳаи аграрӣ, ҳуқуқшиносӣ ва дигар соҳаҳо низ фаъолият доранд.

- Ҳар як рӯйдоди хориҷие, ки марбут ба тоҷикон ва тоҷикистониён аст, ҳатман инъикос гардад. Ин боиси бештар шудани аудитория ва афзудани эътибори расонаҳои ватанӣ дар кишвар мегардад.

- Ба журналистони телевизон, радио ва матбуот, ки ба таҳияи ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ машғуланд, доир ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи ахбори байналхалқӣ машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ гузаронида шавад.

- Зарурати ташкили идораи ахбори хориҷӣ ва байналхалқӣ дар назди Кумитаи телевизион ва радио дар заминаи муттаҳид намудани шуъбаҳои ахбори хориҷии телевизионҳои давлатӣ ба миён омадааст. Чунки онҳо дар алоҳидагӣ фаъолият доранд ва барои ба мавқеи Тоҷикистон мувофиқ пешниҳод намудани рӯйдодҳои ҷаҳон ва пешгирӣ аз роҳёбии тарғиботи дигар кишварҳо ташкили чунин марказ зарур аст.

- Расонаҳои ватанӣ зимни инъикос ва таҳлили авзои олам ба масъалаи бумисозии мавод аҳамияти бештар диҳанд;

- Ҳамкорӣ дар бахши табодули мустақими иттилоот бо расонаҳои дигар кишварҳо ва байналхалқӣ роҳандозӣ гардад;

- Факултет ва шуъбаҳои журналистиро зарур аст, ки барои тарбияи журналистони байналхалқии таҳлилгар ҳамкориро бо журналистон ва марказҳои таҳлилию омӯзишии Вазорати корҳои хориҷӣ ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд.

**Адабиёт:**


1. Азимов, А. Таҷрибаомӯзӣ чун рукни муҳимтарини пайванди назария ва амалия дар журналистика[Матн]/ А. Азимов //Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад: маҷмӯаи мақолаҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – С. 30 – 33.
2. Муллоева, Н.С. Мавқеи жанри репортаж дар барномаи иттилоотии телевизион. [Матн]/ Н.С. Муллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 270-276.
3. Раҳими, К. Баррасии гузоришҳои рӯйдодӣ-хабарӣ дар телевизиони «Ҷаҳоннамо» [Матн]/ К. Раҳими // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 5. – С. 284-291.
4. Ризоиён, Ш. Малакаҳои таҳлилӣ барои журналистон: имконият ва дурнамо [Матн] / Ш. Ризоиён //Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад: маҷмӯаи мақолаҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Душанбе, 2022. – С. 19-29.
5. Усмонов, И. Дар бораи хислати ВАО-и муосир [Матн] / И.Усмонов // Журналистикаи байналхалқӣ (Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе: Озар, 2009. – С. 3-8.
6. Усмонов, И. Нигоҳи ВАО ба сиёсати хориҷӣ [Матн] / И.Усмонов // Журналистикаи байналхалқӣ. – Душанбе: Озар, 2008. – 64 с.
7. Усмонов, И.К. Журналистика қисми I. [Матн] /И.К. Усмонов. – Душанбе, 2005. – 480 с.
8. Холов, Ф. Мавқеи ахбори хориҷӣ дар телевизиони “Тоҷикистон” [Матн]/ Ф. Холов // Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон: вазъият, мушкилот ва пешомад. – Душанбе, 2022. – С. 202-2016.
9. Эшматов, З. Таъсис ва ташаккули телевизиони Тоҷикистон [Матн]/ З. Эшматов. – Душанбе, 2016. – 130 с.
10. Zamith, R. The international journalism handbook. Concept, challenges and contexts. – Amherst, 2022. – 243 p.

# МАСЪАЛАҲОИ РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚИИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР ВАО-И ИНТЕРНЕТӢ

**Самадова Дилбар Ҳасановна**
номзади илмҳои филология,
дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд. 735700
E-mail: d-samadova@mail.ru
**Мирсалимов Ҷаҳонгир Раҳматҷонович**
муаллими кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд. 735700
E-mail: jaha9262@gmail.com

**Анотатсия:** Дар мақолаи мазкур вазъи риояи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ дар мисоли маводи чанд расонаҳои онлайнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, бо ин васила сифати муҳтавои журналистӣ дар робита ба ин меъёрҳо арзёбӣ мегардад. Илова бар ин муйянсозии тамоюли нақзи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ дар чанд расонаи мавриди интихоб ва муқоисаи онҳо бо назардошти нишондиҳандаҳои нақзи ин меъёрҳо, таснифи бандҳои меъёрҳои ахлоқии касбӣ, ки бештар нақз мешаванду дар фаъолияти ВАО дар ин ҷода камбудиҳо ба чашм мерасад, яке аз ҳадафҳои дигари мақолаи мазкур маҳсуб мешавад.

**Калидвожаҳо:** *Меъёрҳои ахлоқи касбӣ, ВАО-и интернетӣ, худтанзимкунии фаъолияти ВАО, ҳуқуқи инсон, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ.*

# ВОПРОСЫ СОБЛЮДЕНИЯ ЖУРНАЛИСТСКОЙ ЭТИКИ В ИНТЕРНЕТ-СМИ

**Аннотация**: В данной статье рассматривается состояние соблюдения этических норм журналистики на примере материалов нескольких онлайн-изданий, с целью оценки качества журналистского контента в контексте этих норм. Кроме того, одной из задач статьи является выявление тенденций нарушения этических норм в выбранных изданиях и их сравнение с учетом показателей нарушений данных норм. Также в статье проводится классификация наиболее часто нарушаемых профессиональных этических норм в деятельности СМИ, а также выявляются недостатки, существующие в этой сфере.

**Ключевые слова**: *Профессиональные этические нормы, интернет-СМИ, саморегулирование деятельности СМИ, права человека, неприкосновенность частной жизни.*

Масъалаи пажӯҳиши меъёрҳои ахлоқи касбии журналистӣ дар Тоҷикистон аз зумраи мавзуъҳои мубрам барои муайянсозии вазъи журналистики миллӣ ба шумор рафта, он имкони таҳлили дурусти набзи фаъолияти ВАО-ро фароҳам меорад. Риояи меъерҳои ахлоқӣ пеш аз ҳама ба худи рузноманигор ва расона вобаста аст ва барои таъмини амнияти рузноманигор, мақом, обрӯ ва эътибори вай дар назди ҷомеа хеле муҳим аст. Баъзе аз муҳаққиқони соҳа бар онанд, ки меъёрҳои ахлоқӣ бояд ҳангоми омӯзиши касби журналистӣ чӣ дар донишгоҳ, чӣ дар курсҳои кутоҳмуддат ва чӣ дар тренингу семинарҳо бояд дар мадди аввали назар бошанд ва ҳамаҷониба, бодиққат омӯхта шаванд.

Дар робита ба ин мавзӯъ дар Тоҷикистон баъзе пажуҳишҳо анҷом дода шуда, ҳар яке аҳамият ва махсусияти худро доро аст. Зимнан дар ин ҷода зикри кори пажуҳишӣ-таҳлилии Бахтиёр Хуррамбоев ва Эрик Фридман (Ethics and Journalism in Central Asia: A Comparative Study of Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan and Uzbekistan) бамаврид аст [1]. Ба андешаи ин муаллифон журналистика ба як қатор буҳронҳои ахлоқӣ рӯбарӯ аст. Бахусус, дар Осиёи Марказӣ, ки фаъолияти рӯзноманигорӣ бо паҳншавии васеи рафторҳои ғайриахлоқӣ тавсиф меёбад, набудани тавозун ва беғаразӣ, истифодаи якчанд номҳои сохта, фурӯш ва/ё хариди хабарҳо, ришвахӯрии рӯзноманигорон ва дигар ҳолатҳо ба мушоҳида мерасанд. Ин тадқиқот назария ва амалияи ахлоқии рӯзноманигорони Осиёи Марказиро таҳлил карда, чор ҷумҳурии собиқ шӯравӣ — Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро меомӯзад ва муқоиса мекунад.

Як қатор муҳаққиқони тоҷик, чун Иброҳим Усмонов, Рано Бобоҷонова, Хушдил Раҳимҷонов, Мутриба Бобоҷонова ва чанд нафари дигар низ дар мавзуи мазкур пажуҳишҳо анҷом дода, дар доираи рисола ва мақолаҳои илмии худ онро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. [8], [7], [2].

Муҳаққиқон риояи меъёрҳои ахлоқиро омили муҳими таъминкунадаи журналистикаи касбӣ ва эътимодбахш арзёбӣ мекунанд. Ба андешаи коршиносону таҳлилгарон маҳз меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун як санади муҳим масъулияти кормандони ВАО-ро дар назди ҷомеа тақвият мебахшад. Дар робита ба ин масъала муҳаққиқи рус В.Ворошилов иброз медорад, ки «Яке аз сабабҳои таҳия намудани кодексҳои этикаи касбӣ ин кӯшиши аз як тараф, пур кардани холигӣ дар сохтори қонунгузориҳои мавҷуда аст” [3, с. 354].

Ин нуктаро муҳаққиқи тоҷик И. Усмонов тақвият бахшида, зимнан чунин таъкид кардааст: «Агар қонун қабул шавад, иҷрои онро мақомоти расмӣ талаб мекунанд. Пас, хоставу нахоста ВАО ба чорчӯбаи маҳдудият гирифтор мешаванд, ҳатто дар сурате, ки сензура мавҷуд набошад. Барои меъёрҳои ахлоқӣ бошад масъулияти судӣ муайян карда намешавад, зеро барои масъалаи ахлоқ ҷазои судӣ муайян нашудаанд. Махсусан, ки ин ахлоқ ба касб тааллуқ дошта бошад, зеро меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби худи журналистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ назорат шудани воситаҳои ахбори оммаро дар назар дорад, аз ин лиҳоз, чунин назоратро бо мафҳуми худтанзимкунӣ ифода мекунанд» [7, с. 5].

Дар доираи ин мақола мо талош намудем, ки вазъи риояи меъёрҳои ахлоқии касбии рӯзноманигориро дар мисоли маводи ВАО-и онлайнӣ мавриди таҳлил қарор диҳем.

Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон соли 2009 аз ҷониби намояндагони ВАО, коршиносони дохилию байналмилалӣ таҳия ва қабул гардида, татбиқи риояи онро Шӯрои воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон бар душ дорад. Он аз 17 банд иборат буда, замони таҳия ҷанбаҳои фаъолияти журналистонро мутобиқ ба замони таҳияаш фаро мегирифт. Мушоҳида ва таҷриба нишон дод, ки пешрафти босуръати илму техника ба фаъолияти журналистӣ низ таъсири худро гузошта, самтҳои нав ба миён овард ва ё самтҳои мавҷударо такмилу тақвият бахшид.

Аз ин рӯ, зарурати бозбинии Меъёрҳои ахлоқи фаъолияти рузноманигорӣ ба миён омада, он борҳо аз ҷониби коршиносони миллӣ ва хориҷӣ аз нав коркард гардида ба он бандҳои нав ворид карда шуд. Айни ҳол ин санади танзимкунандаи фаъолияти касбии журналистӣ 10 боб ва беш аз 50 бандро дар бар мегирад.

Шӯрои ВАО ҳамасола бо ташкили ҷаласаҳои вижа аз натиҷаи мониторинги фаъолияти ВАО дар самти риояи талаботи меъёрҳои ахлоқӣ ҳисоботҳо пешкаш месозад ва вазъи амалигардии муқаррароти меъёрҳои ахлоқиро мавриди баррасӣ қарор дода, ҳамчунин барои оянда пешниҳодҳо ба миён мегузорад.

Тибқи матолибе, ки ин созмон дар сомонааш ҷой додааст, давоми панҷ моҳ (аз 1 июл то 31 ноябри соли 2024) кори 13 расонаро дар Тоҷикистон арзёбӣ ва дақиқ кардааст, ки онҳо то куҷо меъёрҳои ахлоқиро риоя мекунанд. Мо ба натиҷаи таҳлилҳои анҷомдодаи ин созмон дастрасӣ пайдо намудем, ки аз ҷумла, асардуздӣ, истифодаи суханони нафратангез ва паҳни маълумоти фаҳшомезро дарбар мегирад.

Арзёбӣ ё мониторинги Шӯрои ВАО матолиби 4 нашрияи давлатӣ ва 9 расонаи ғайридавлатиро аз қабили “Азия-Плюс”, “Тоҷикистон”, “СССР”, “Фараж”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Омӯзгор”, “Самак”, “Истиқлол”, Муҳаббат

ва оила", "Минбари халқ", "Оила" ва оҷонсиҳои хабарии "Ховар"-у "Авесто" фаро мегирад.

Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон тамоюли нақзи меъёрҳои ахлоқиро давоми давраи мавриди назар чунин нишон додааст:




*Манбаъ: Шӯрои ВАО*

Моҳи марти соли 2025 оҷонсии иттилоотии Asia-Plus дар саҳифаи расмиаш дар Instagram хабареро таҳти унвони "Дар Русия бе "патент" кор кардан имконпазир шуд" нашр намудааст. Дар хабар гуфта шудааст, ки Владимир Путин, раиси ҷумҳурии Русия қонунеро имзо кардааст, ки бар асоси он муҳоҷирон дар ин кишвар бидуни "патент" кор карда метавонанд. Аммо кор кардан бе "патент" дар асоси фармони Путин чанд шарт дорад. "*Ин шартҳо иборат аз онанд, ки муҳоҷирон бояд аз ташхиси изи ангушт, муоинаи тиббии маводи мухаддир ва бемориҳои хатарноки сироятӣ гузаранд*".

Маводи мазкур дар худ унсурҳои дурӯғро дорад. Зеро тибқи Фармони Президенти Федератсияи Русия аз 20.03.2025 № 159 "Дар бораи мушаххасоти вазъи ҳуқуқии категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Федератсияи Русия, тағирот ва беэътибор донистани баъзе фармонҳои Президенти Федератсияи Русия" шаҳрвандони хориҷӣ дар Луганск, Донетск, Запорожйе ва вилояти Херсон метавонанд, бо иҷрои як қатор шартҳо бидуни патент кор кунанд. Ба таври умумӣ "Дар Русия бе патент кор кардан имконпазир шуд" гуфтан, таҳрифи ҳақиқат аст ва муаллифи мавод талаботи боби 1 банди 1.1-и Кодекси меъёрҳои ахлоқии журналистиро вайрон намудааст.

Оҷонсии иттилоотии "Вечёрка" ва "Avesta.tj" рӯзи чоруми декабр хабаре таҳти сарлавҳаи "Байни Хуҷанд ва Тошкент хатсайри нави роҳи оҳан кушода шуд", нашру паҳн карданд. Дар матлаби мазкур омадааст, ки гӯё аз 3 декабри соли ҷорӣ қатораи барқӣ дар масири "Тошканд – Хуҷанд – Тошканд" ба ҳаракат шурӯъ кардааст. Иқтибос: "*Нархи роҳкиро барои калонсолон 20 ҳазор сум ва*

*барои кӯдакон 11,5 ҳазор сум, вақти сафар тақрибан 1 соату 15 дақиқа аст*". Дар хабари мазкур ҳатто соатҳои ҳаракати қатора зикр шудааст.

Хабари мазкур дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гардида, боиси баҳсу баррасиҳои гуногуни корбарон гардид.

Баъди нашру паҳни ин хабар пойгоҳи далелсанҷии factcheck.tj хабари мазкурро санҷида дурӯғ будани онро исбот кард. Вале то замони санҷиши ин хабар бисёри аз корбарон ба он бовар ҳам карданд. Бино ба навиштаи сомонаи factcheck.tj хабари мазкур ягон асоси воқеӣ надошта, расонаҳое, ки ин хабарро паҳн кардаанд ба ҷои Ҳоҷикент Хуҷанд навиштаанд.

Агар аз нигоҳи меъёрҳои ахлоқӣ бингарем, расонаҳои "Вечёрка" ва "Avesta.tj", ки ин хабарро носанҷида нашру паҳн карда, боби 3-и меъёрҳои ахлоқиро нақз кардаанд.

Баъди ба таври оммавӣ паҳн шудани хабар аз ҷониби ин расонаҳо ва нашри вокунишу инкори хабари мазкур расонаҳои болозикр ин хабарро аз саҳифаҳояшон ҳазф карданд. Ба андешаи мо бо дарназардошти банди 3.9, боби 3-и Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ин расонаҳо бояд, бо нашри раддия бобати роҳ додани иштибоҳ хонандаро хабардор созанд.

Сомонаи «Оила» санаи 20-уми декабр бо нашри хабаре навиштааст, ки "Дар Русия ба мардони мусалмон 4 зан гирифтанро иҷозат доданд". Дар матлаби мазкур омадааст, ки Шӯрои уламои Идораи руҳонии мусалмонони Русия ба мардони мусалмон иҷозат дод, ки бо бастани никоҳи динӣ то 4 зан бигиранд, албатта ба шарте, ки ҳамсарони худро баробар таъмин ва нигоҳубин намуда, адолатро риоя намоянд. Ин расона ишора ба РИА "Новости", як хабаргузории маъруфи Русия кардааст. Иқтибос: "*Ҳамин тавр, мардони мусалмоне, ки дар Русия зиндагӣ мекунанд, ҳатто дар сурати зану фарзанд ва никоҳи расмӣ доштан, минбаъд метавонанд, зани дуюм, сеюм ва ҳатто чорум бигиранд*."

Дар Русия бисёрзанӣ тибқи қонун расман мамнӯъ аст. Кодекси оилаи Федератсияи Русия муқаррар кардааст, ки ақди никоҳ танҳо байни як мард ва як зан ва танҳо дар сурате баста мешавад, ки ҳарду дар вақти бақайдгирӣ дар никоҳи дигар набошад.

Ин муқаррарот дар моддаи 14-и Кодекси оилаи Федератсияи Русия (Ҳолатҳое, ки ба издивоҷ халал мерасонанд) муайян карда шудааст.

Ин маънои онро дорад, ки дар Русия аз рӯи қонун шаҳрванд наметавонад, издивоҷи нав барпо кунад, то он даме, ки издивоҷи қаблӣ тавассути хати талоқ расман бекор карда нашавад.

Дар сомонаи расмии Идораи руҳонии мусулмонони Русия дар бораи ин фатво хабари расмие нашр нашудааст. Хабари мазкур байни хонандагон баҳсҳоеро ба миён овард. Ҳатто нафароне буданд, ки хабарро ҳаргуна тавзеҳ

додаву бо дигарон қисмат мекарданд. Дар ҳоле, ки воқеияти хабари мазкур зери суол аст.

Аз ин лиҳоз гуфтан мумкин аст, ки сомонаи “Оила” хабари мазкурро аз сарчашмаҳои аслӣ муайян накарда, онро расонаӣ намудааст.

Бо назардошти муҳтавои хабар гуфтан мумкин аст, ки дар матлаби мазкур талаботи боби 1 банди 1.2 ва 1.2 боби 3-и Меъёрҳои ахлоқи фаъолияти журналистӣ нақз гардидааст.

Агентии миллии иттилоотии “Ховар” матлаберо таҳти унвони “Ҷинояткорон дастгир шуданд” нашр намудааст. Дар хабар аз боздошти чанд тан гуфта шудааст. “Тибқи иттилои корманди дафтари матбуоти Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар натиҷаи гузарондани чораҳои фаврӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони шуъбаи бахши кофтукови ҷиноии вилояти Суғд шаҳрвандон Муродҷони Яҳёзода соли таваллудаш 1992, бекор, Ҳасан Азимов соли таваллудаш 1991, бекор, Бобурҷони Эгамбердӣ соли таваллудаш 1991, бекор, Элмурод Алимов соли таваллудаш 1991, бекор ва Ғайратҷон Турсунов соли таваллудаш 1991, бекор, сокинони шаҳри Истаравшан, ҳамчун гумонбар дастгир карда шудаанд. Нисбати ин шахсон парвандаи ҷиноӣ бо моддаи 250 (қ.2) КҶ ҶТ оғоз карда шуд”. Ҳарчанд дар матни мавод гуфта мешавад, ки нисбати нафарони номбурда парванда боз шудааст, вале дар сарлавҳа аз онҳо “Ҷинояткорон” ном бурда шудааст. Бо ин далел расона талаботи боби 7-и “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ” нақз шудааст.

Дар робита ба ин масъала бояд расона ба масъалаи эҳтимолияти бегуноҳӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Чун ҳанӯз гуноҳи нафарони дар боло зикршуда собит нашудаву нисбати онҳо ҳукми суд эълон нашудааст, истифодаи вожаи “ҷинояткор” нисбати онҳо ғалат аст. Чун нафароне, ки дар боло ҳамчун “ҷинояткор” ном бурда шудаанд, дар суръати исботи бегуноҳӣ метавонанд, алайҳи расона ба суд шикоят баранд.

Бино ба маълумоте, ки мо аз Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон дастрас намудем, дар давраи аз 1 июл то 31 ноябри соли 2024 зимни анҷоми мониторинги фаъолияти расонаҳо ин ниҳод бештар нақзи талаботи бандҳои 2.2, 3.3, 5.1, 3.7, 3.8 ва ғайраро ба қайд гирифтааст.

Дар ин замина бояд қайд кард, ки ҳадафи асосӣ аз тартиби ин меъёрҳо барои ҷомеаи журналистон пешгирӣ аз ҳолатҳои ба вуҷуд омадани баҳсҳои ҳуқуқӣ бо намояндагони ВАО аст. Зеро дар сурати поймол гардидани ин ё он талаботи меъёрҳои ахлоқӣ ягон эҳтимолияти ба миён омадани ягон паёмади ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Масалан барои риоя нашудани талаботи банди 5.1-и меъёрҳои ахлоқӣ “Ҳангоми инъикоси ҳама гуна мавзӯъ бояд назокатҳои ахлоқи миллиро пос доранд. Ба интишори иттилоот ва маълумоте, ки бадахлоқию фаҳш (порнография) – ро таблиғ мекунанд ва ахлоқи миллиро коста

мегардонанд, роҳ надиҳанд”. Барои риоя накардани банди зерин дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар моддаи 241 барои ғайриқонунӣ паҳн намудан, намоиши оммавӣ ё рекламаи мавод ё предметҳои порнографӣ ҷарима ба андозаи аз чорсад то шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то чор сол ҷазо пешбинӣ шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур собит месозанд, ки масъалаи риояи меъёрҳои ахлоқии журналистӣ дар расонаҳои интернетии Тоҷикистон то ҳол паҳлуҳои баҳсталаб доранд. Баррасии маводи сомонаҳои иттилоотии «Asia-Plus», «Вечёрка», «Avesta», «Ховар» ва «Оила» нишон дод, ки дар фаъолияти амалии онҳо ҳолатҳои гуногуни сарфи назар намудани принсипҳои ахлоқии касбӣ мушоҳида мегардад. Аз ҷумла, мушкилоти вобаста ба таъмин нагардидани сареҳият ва саҳеҳияти ахбор, риояи принсипҳо бобати эҳтимолияти бегуноҳӣ, ҷудо будани матолиби хусусияти тиҷоратидошта ва костагии риояи меъёрҳои ҳифзи шахсият ба назар мерасанд.

Ин раванд метавонад ба эътимоднокӣ ва нуфузи воситаҳои ахбори омма таъсири манфӣ расонад ва ҳамзамон ба ташаккули муҳити солими журналистии миллӣ халал ворид намояд. Бо вуҷуди ин, пажуҳиш нишон медиҳад, ки бархе расонаҳои интернетӣ дар самти риояи стандартҳои касбӣ ва ахлоқии журналистӣ икдомоти мусбат анҷом медиҳанд, ки ин тамоюл қобили таҳсин аст.

Бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти мавҷуда, зарурати таҳкими сатҳи маърифати ҳуқуқии кормандони ВАО, баланд бардоштани масъулияти касбии рӯзноманигорон, ҳамчунин такмили заминаи меъёриву қонунгузорӣ дар бахши ахлоқи журналистӣ эҳсос мегардад. Тадқиқоти мазкур метавонад ҳамчун заминаи илмӣ ва амалии таҳлилҳои минбаъда дар самти рушди масъулияти журналистӣ ва низоми худтанзимкунии ВАО дар шароити муосири Тоҷикистон хизмат намояд.

**Феҳрасти адабиёт**


1. Хуррамбоев Б., Фридман Э. "Ethics and Journalism in Central Asia: A Comparative Study of Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan and Uzbekistan” / Б. Хуррамбоев, Э. Фридман // 2019. JOURNAL OF MEDIA ETHICS https://doi.org/10.1080/23736992.2019.1700119

2. Furthermore Бобоҷонова, М. С. Риояи этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилоятӣ (дар мисоли нашрияҳои вилояти Сугд) /М.С. Бобоҷонова. - Душанбе, 2019. - 154 с.

3. Ворошилов, В.В. Журналистика / В. В. Ворошилов. - Москва, 2004. - 656 с.

4. Иноятов И., Қаршибоев Н. Тафсири Меъёрхои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон / И. Иноятов, Н. Қаршибоев. - Душанбе, 2011. - 40 с.

5. Лазутина, Г. В. Профессиональная этика журналиста / Г. В. Лазутина. - Москва, 1999. - 208 с.

6. Маҷмуаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситахои ахбори омма. -Душанбе, 2012. - 130 с.

7. Хушдил Раҳимҷонов “Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике” – Душанбе: Ирфон, 2017. – 176с.

8. Усмонов, И. Шарҳи "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон " / И. Усмонов. - Душанбе, 2011. - 64 с.

**Маводи интернетӣ**

1. Дар Русия бе "патент" кор кардан имконпазир шуд- https://archive.ph/ss0Vc#selection-457.2-457.49

2. Байни Хуҷанд ва Тошкент хатсайри нави роҳи оҳан кушода шуд - https://archive.vn/EQjtY

3. Дар Русия ба мардони мусалмон 4 зан гирифтанро иҷозат доданд - https://www.instagram.com/oilatj/p/DDygUqUsBkM/

4. Кодекси оилаи ФР - https://pravo.gov.ru/proxy/ips/?docbody=&nd=102038925

5. Ҷинояткорон дастгир шуданд - https://khovar.tj/2010/06/1206-inoyatkoron-dastgir-shudand/

## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ОҶОНСИҲОИ ИТТИЛООТИИ ҶАҲОНӢ ВА НИГАРОНӢ АЗ ОҶОНСИИ «СИНХУА»

**Комилов Каримбой Исломович**
номзади илмҳои филология,
дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд. 735700
E-mail: komilov-62@mail.ru
**Азизова Моҳира Ғуфронҷоновна**
ассистенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд. 735700

**Аннотатсия:** Муаллиф дар мақола бузургтарин оҷонсиҳои иттилоотии сатҳи ҷаҳониро баррасӣ намуда, нақши онҳоро дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ муаррифӣ намудааст. Ҳамчунин, дар мақола мавқеи бештар пайдо кардани оҷонсии иттилоотии Чин “Синзуа” ва рақобати он бо оҷонсиҳои дигар хусусан амрикоӣ баррасӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** *оҷонсиҳои иттилоотӣ, ҷаҳон, Associated Press, Agence France-Presse, Reuters, Синхуа, USIA.*

## РАЗМЫШЛЕНИЯ О МИРОВЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ АГЕНТСТВАХ И ОПАСЕНИЯ ПО ПОВОДУ АГЕНТСТВА «СИНЬХУА»

**Аннотация:** Автор статьи рассматривает крупнейшие мировые информационные агентства и раскрывает их роль в мировом информационном пространстве. Также рассматриваются растущая роль китайского информационного агентства «Синьхуа» и его конкуренция с другими агентствами, особенно американскими.

**Ключевые слова**: *информационные агентства, информационный мир, Associated Press, Agence France-Presse, Reuters, Xinhua, USIA.*

Ҳар як кишвар оҷонсии миллии иттилоотии худро дорад, аммо танҳо чанд оҷонсии хабарии пешбари ҷаҳонӣ вуҷуд дорад, ки ҳамарӯза фазои иттилоотии ҷаҳониро бо иттилоот таъмин менамоянд.

Мувофиқ ба маълумотҳои интернетӣ дар ҷаҳон алҳол, зиёда аз 130 оҷонсӣ (2024) мавҷуд аст, ки тибқи таснифи ЮНЕСКО 4 намуди иттилоотро паҳн мекунанд: а) дар бораи кишвари худ барои худашон; б) дар бораи кишвари худ барои хориҷиён; в) дар бораи дигар кишварҳо барои худ; г) дар бораи дигарон барои дигарон.

Ба бузургтарин оҷонсиҳои иттилоотии сатҳи ҷаҳонӣ Associated Press (AP), Agence France-Presse (AFP), Reuters ва ИТАР-ТАСС дохил мешаванд, ки бо шабакаи ҷаҳонии хабарнигорони худ ва фарогирии васеи ахбор дар бахшҳои сиёсат, иқтисод ва фарҳанг маъруфанд. Собитқадамона Оҷонсии «Синхуа»-и Чин дилпурона ба ин панҷгона наздик мешавад. Ин оҷонсиҳо шабакаи густурдаи идораҳо ва хабарнигоронро дар саросари ҷаҳон доранд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки иттилоотро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷамъоварӣ ва паҳн намоянд.

Илова бар инҳо, Bloomberg ва Dow Jones, ки ба иттилооти молиявӣ тахассус доранд, низ дар қатори оҷонсиҳои пешқадами ҷаҳонӣ қарор доранд.

Reuters як оҷонсии иттилоотии Британиё аст, ки соли 1851 аз ҷониби Пол Ҷулиус Ройтер таъсис ёфтааст. Тахассуси асосии он паҳнкунии иттилооти хориҷӣ мебошад. Зиёда аз 15 ҳазор рӯзнома, оҷонсии иттилоотӣ, ширкати

телевизион ва радиои Британияи Кабир ва 150 мамлакати дигари ҷаҳон бо ин оҷонсӣ ҳамкорӣ мекунанд.

Ин Оҷонсӣ доираи васеи маълумот ва таҳлилро барои мизоҷони мухталиф: аз ташкилотҳои расонаӣ ва корпоратсияҳо то ҳукуматҳо, пешниҳод менамояд. Имрӯз Reuters қисми таркибии ширкати бузургтарини Thomson Reuters мебошад, ки ҳалли ҳамаҷонибаро дар соҳаҳои молия, ҳуқуқ, андозбандӣ, моликияти зеҳнӣ ва ВАО (расонаҳо) пешниҳод мекунад.

Reuters дар як рӯз беш аз 5 500 000 калимаро ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, испанӣ ва арабӣ пахш мекунад. Оҷонсӣ ҳудуди 14 ҳазор корманд дорад, ки дар 197 намояндагӣ дорад. [1]

Маҳсулоти расонаҳои Reuters барои корбарон дар шаклҳои гуногун дастрасанд: хабарҳои матнӣ, репортажҳои телевизионӣ, аксҳо ва графикаи ахбор. Reuters инчунин ахборро барои паҳн кардан дар вебсомонаҳои шахсони сеюм пешниҳод мекунад.

France-Presse - Оҷонсии Франс Пресс қадимтарин оҷонсии ҷаҳон аст, ки соли 1835 аз ҷониби Ш.Л. Ҳавас таъсис ёфтааст. Оҷонсӣ аз ҷониби ҳукумати Вичи баста шуд ва бо номи кунунии худ дар соли 1944 барқарор карда шуд. Муштариёни оҷонсӣ беш аз 12 000 расонаи Фаронса ва ҷаҳон.

France-Presse ҳар рӯз ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, испанӣ, арабӣ ва португалӣ беш аз 600 000 калима пахш мекунад. Оҷонсӣ дар 190 дафтари воқеъ дар 150 кишвари ҷаҳон 2,5 ҳазор корманд дорад [2].

Associated Press (AP) бузургтарин оҷонсии иттилоотии ИМА. Соли 1846 дар шаҳри Ню Йорк таъсис ёфтааст. Ин созмон дар ибтидо аз ҷониби панҷ рӯзномаи Ню-Йорк барои кам кардани хароҷоти дарёфти маълумот таъсис дода шуда буд. Маблағе, ки ба AP дода шуда буд, барои пардохти саёҳатҳо, маблағгузории хидматрасонии интиқоли почта ва пардохти хароҷоти телеграф истифода мешуд. AP калонтарин оҷонсиҳои иттилоотии ҷаҳон буда, соли 1978 бо оҷонсии ЮПИ бозори дохилии иттилоотиро комилан монополия кардааст.

Имрӯз, AP ҳар рӯз беш аз 20 миллион калимаро интиқол медиҳад ва ба беш аз 15 000 расонаҳои хабарӣ дар саросари ҷаҳон хидмат мерасонад. Пахши матлаб бо забонҳои англисӣ ва испанӣ. AP тақрибан 4100 корманд ва 243 дафтари худро дар 97 кишвари ҷаҳон дорад.

AP дар фазои иттилоотии қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон муаррифӣ шудааст. Ҳиссаи матлабҳои AP дар матбуоти як қатор мамлакатҳо ба 75-90 % мерасад. Мақомоти роҳбарикунанда - Шӯрои директорон, ки ба мӯҳлати се сол интихоб мешавад. AP дар саросари ҷаҳон зиёда аз 8500 муштарӣ дорад ва аудиторияи тахминӣ як миллиард нафар дар 111 кишвари ҷаҳон. Тиҷоратнамоии хидмати интиқоли тасвири рақамӣ самти дигари AP ки Leaf ном дорад, ки зуд ба стандарти ҷаҳонӣ мубаддал гашт.

АР даъво дорад, ки вазифаи оҷонсӣ — «бо сарфакорӣ ва самаранокӣ ҷамъоварӣ намудани гузориши дақиқ ва беғаразонаи ахбор» — аз замони таъсисаш тағйир наёфтааст, аммо технологияи рақамӣ паҳнсозии гузоришҳои АР-ро ба як талоши мутақобила байни АР ва 1400 рӯзномаҳои узви он дар ИМА, инчунин пахшкунандагон, муштариёни байналмилалӣ ва фармоишгарони онлайн табдил додааст.

Кори оҷонсӣ на ҳама вақт мураттаб бобарор аст. АР ба диверсификатсияи имкониятҳои ҷамъоварии ахбори худ шурӯъ кард. То соли 2007 АР танҳо тақрибан 30% даромади худро аз рӯзномаҳои Иёлоти Муттаҳида ба даст меовард ва то соли 2024 ин рақам ба 10% коҳиш ёфт [4].

37% аз муштариёни пахши ҷаҳонӣ, 15% аз корхонаҳои онлайн ва 18% аз рӯзномаҳои байналмилалӣ ва аз хабарнигории аксӣ ба даст омадааст [3].

Барои оҷонсӣ ногувор аст, ки дар моҳи марти соли 2024, Gannett, бузургтарин нашири рӯзномаҳои ИМА аз рӯи шумораи умумии муомилоти ҳаррӯза, эълон кард, ки аз 25 марти соли 2024 интихобан аз истифодаи муҳтавои АР даст мекашад. Сухангӯи АР гуфт, ки онҳо аз ин тасмим «ҳайрон ва ноумед» шуданд [4].

Шабакаи рӯзномаҳои McClatchy низ эълон кард, ки аз истифодаи баъзе хидматҳои АР даст мекашад. Gannett ва McClatchy ҳарду истифодаи маълумоти натиҷаҳои интихоботии АР-ро идома медиҳанд [5].

USIA - United States Information Agency - Оҷонсии иттилоотии ИМА. Конгресси Амрико 1.08.1953 барои гузаронидани ҷанги равонӣ таъсис дода буд. Аввал шуъбаи муҳорибаҳои равонӣ фаъол буд, ки президент Трумэн онро ба Идораи ҳамоҳангсозии амалиёт табдил дод. Президент Картер ЮСИА-ро Раёсати корҳои хориҷӣ карда, баъзе воҳидҳои департаменти давлатиро ба он дод, ки буҷет хеле афзуд. Баъдан, шуъба номи пештараашро гирифт. Буҷаи USIA тақрибан $1 млрд.

Хабаргузории чинии Синхуа (Xinhua) - оҷонсии расмии иттилоотии ҳукумати Ҷумҳурии мардумии Чин (ҶМЧ) аст. Оҷонсӣ моҳи ноябри соли 1931 ҳамчун «Оҷонсии иттилоотии Чини сурх» таъсис ёфтааст. Аз соли 1937 инҷониб номи имрӯзаи худро дорад.

Соли 1944 пахши байналмилалӣ бо забони англисӣ оғоз гардид.

Идораи марказии Синхуа дар шаҳри Пекин ҷойгир шудааст. Оҷонсии Синхуа дар бисёр кишварҳои Осиё, Шарқи Наздик, Амрикои Лотинӣ ва Африқо иттилоот паҳн мешавад ва ин манотиқи дунё зиёда 130 марказҳои намояндагии худро дорад.

Ҳамагӣ тахминан беш аз даҳ сол пеш Синхуа нав мавқеи худро мустаҳкам намуда, хабарҳои саросари ҷаҳонро бо ҳафт забон, аз ҷумла чинӣ, англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, испанӣ, арабӣ ва ҷопонӣ инъикос мекард. Ҳарчанд

маблағгузори оҷонсӣ ошкоро нест, лекин имкониятҳои зиёд ва афзудани намояндагии он дар хориҷи кишвар шаҳодат медиҳад, ки Чин дар кори иттилоотрасонӣ ва ташвиқу тарғиби сиёсати иттилоотии худ маблағро дареғ намедорад, зеро дар кашмакашиҳои иттилоотӣ нишон додани худ ишора ба қудраи кишвар арзёбӣ мешавад.

Имрӯз «Синхуа» бо зиёда аз 15 забон, аз ҷумла хитоӣ, англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ, арабӣ, кореягӣ, португалӣ, русӣ, ҷопонӣ ва ғайра хабарҳо, аксҳо, инфографика ва маводи видеоиро паҳн мекунад. Оҷонсӣ тавассути шабакаи ҷаҳонии иборат аз 144 бюрои худ дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла 33 бюрои дохили Чин, фаъолият мекунад, ки ин боис ба инъикоси рӯйдодҳо дар манотиқи мухталифи ҷаҳон мегардад.

Дар моҳи июни соли 2022 Фу Ҳуа, узви Кумитаи марказии 20-уми Ҳизби коммунистии Чин ва Котиби пешини Кумитаи ҲКЧ-и рӯзномаи «Beijing Daily», Президенти Синхуа таъйин шуд. Дар моҳи сентябри соли 2022 Фу изҳор дошт: «Синхуа ҳеҷ гоҳ аз хатти ҳизбӣ, ҳатто як дақиқа ҳам, берун нахоҳад рафт ва аз роҳе дур нахоҳад шуд, ки Котиби генералӣ Си Ҷинпин гузоштааст».

Ин ҷо зарурат пеш меояд, ки дар мавриди зуд мавқеъёбии оҷонсии чинӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба ташвиш мондани амрикоён баъзе мулоҳизаҳоро баён намоем. Амрикоиён соҳиби фазои иттилоотии ҷаҳонианд, бинобар ин хавфу ташвиши онҳо аз пурзургардии мавқеи иттилоотии Чин фаҳмост.

Моҳи ноябри соли 2018 Оҷонсии иттилоотии Синхуа ва Ассошиэйтед Пресс (AP)-и Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ёддошти ҳамкорӣ ба имзо расониданд, то ҳамкориро густариш диҳанд. Бархе аз қонунгузорон дар Конгресси ИМА аз AP хоҳиш карданд, ки матни ёддошти ҳамкории худро бо Синхуа нашр кунад [6].

Моҳи декабри соли 2022 рӯзноманигор Ҷошуа Курлантзик гуфт, ки Синхуа дар муқоиса бо дигар расонаҳои давлатии Чин, ба монанди Шабакаи телевизионии ҷаҳонии Чин (China Global Television Network) ва Радиои байналмилалии Чин (China Radio International), дар иҷрои нақши худ дар ҳамлаи расонаии Чин муваффақияти бештар ба даст овардааст, зеро Синхуа бо бисёр оҷонсиҳои хабарии ҷаҳон созишномаҳои мубодилаи муҳтаво ба имзо расонидааст.

Ӯ қайд кард, ки «бар хилофи, масалан, як пойгоҳи телевизионӣ, ки тамошобин бояд онро фаъол гардонад ва эҳтимолан шабакаро медонад, аксари хонандагони матбуот ё онлайн (дар интернет) ба ному насаби муаллифи хабарҳо таваҷҷӯҳ намекунанд — ин имкон медиҳад, ки нусхаи маводи Синхуа ба хонандагон ба осонӣ ворид шавад».

Инчунин, ӯ қайд намуд: «Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, Синхуа бештар ба фазои холӣ ворид мешавад, ки аз ҷониби дигар хабаргузориҳо ба монанди Ассошиэйтед Пресс боқӣ мондааст, зеро муҳтавои Синхуа ройгон ё арзон аст» ва дар бораи истифодаи муҳтавои Синхуа аз ҷониби расонаҳои маҳаллӣ дар кишварҳое ҳушдор дод ва гуфт: «Хонандагон дар ҳақиқат пай намебаранд, ки ин иттилоот аз куҷо меояд. Ин метавонад андешаҳои хонандагонро дар умум тағйир диҳад ва ин оқибат хеле хатарнок аст» [7].

Ҳамин тавр оҷонсиҳои бузурги иттилоотии ҷаҳонӣ Associated Press (AP), Agence France-Presse (AFP) ва Reuters мебошанд, ки бо шабакаҳои глобалии худ фазои иттилоотии ҷаҳонро таъмин мекунанд. Bloomberg ва Dow Jones ба иттилооти молиявӣ тахассус доранд.

Агентии давлатии Чин, Синхуа босуръат ба ин қатори пешсафон наздик мешавад. Коршиносон ҳушдор медиҳанд, ки Синхуа бо пешниҳоди муҳтавои ройгон ё арзон дар кишварҳои рӯ ба инкишоф мавқеи худро мустаҳкам карда, дар ҳоле ки роҳбарияти он содиқ будан ба Хатти ҳизби коммунистии Чинро таъкид менамояд. Ин муттаҳидшавии қудрати иттилоотии Чин боиси нигаронии ИМА ва дигар кишварҳо шудааст.

**Пайнавишт:**


1. История создания и развития Thomson Reuters // Международный Издатель, All Rights Reserved, http://123mi.ru/articles/Istoriya-sozdaniya-i-razvitiya-Thomson-Reuters.php 2025

2. Франс Пресс https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%81#cite_ref-_d15c03421d1e5c43_7-0

3. Hau, Louis (February 14, 2008). "Down On The Wire". Forbes. Archived from the original on March 31, 2009. Retrieved April 9, 2009.

4. Korach, Natalie (March 19, 2024). "USA Today Publisher Gannett to Drop Associated Press Content Across All Publications". Yahoo News. Archived from the original on March 19, 2024. Retrieved March 19, 2024.

5. Mullin, Benjamin; Robertson, Katie (March 19, 2024). "Gannett and McClatchy Cut Back Relationship With A.P."New York Times. Archived from the original on March 20, 2024. Retrieved March 20, 2024.

6. Rogin, Josh (24 December 2018). "Congress demands answers on AP's relationship with Chinese state media". The Washington Post. Archived from the original on 26 December 2018. Retrieved 27 December 2018.

7. Scott, Liam (6 December 2022). "How China became a global disinformation superpower". Coda Media. Archived from the original on 15 December 2022. Retrieved 15 December 2022

# МАВҚЕИ ЖАНРИ МАҚОЛА ДАР РӮЗНОМАИ “ҶУМҲУРИЯТ”

**Саидхоҷаева Маликахон Алиевна**
номзади илмҳои филология,
дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд. 735700
+992 (92) 715 12 80
E-mail: msafss0007@gmail.com

**Аннотатсия.** Мақолаи мазкур ба нақш ва ҷойгоҳи жанри мақола дар рӯзномаи расмии “Ҷумҳурият” ва сатҳи инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии ҳаёти ҷумҳурӣ дар қолаби ин жанри таҳлилӣ бахшида шудааст. Муаллиф хулоса мекунад, ки рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар интишори жанрҳои таҳлилӣ, аз ҷумла мақола роҳу равиши хос ва усулии худро дошта, хусусияти ҳирфаии ин жанрро, пеш аз ҳама, дараҷаи касбияти муаллифон, тарзи фарогирии мавзуъ, масъалаҳо ва сабки нигориш, ки муассириву фасоҳат аз мухтассоти он аст, муайян ва мушаххас менамояд.

**Калидвожаҳо:** *рӯзномаи “Ҷумҳурият”, жанри мақола, мавзуъҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ.*

## МЕСТО ЖАНРА СТАТЬИ В ГАЗЕТЕ «ДЖУМХУРИЯТ»

**Аннотация:** Данная статья посвящена роли и месту жанра статьи в официальной газете «Джумхурият», а также уровню отражения политических и социально-экономических реалий жизни республики в рамках этого аналитического жанра. Автор приходит к выводу, что газета «Джумхурият» имеет свой собственный подход и методику в распространении аналитических жанров, включая статью, и определяет профессиональные особенности данного жанра, прежде всего, через уровень компетентности авторов, подход к освещению темы, проблем и стиля изложения, который отличает эффективность и яркость, являясь неотъемлемой частью жанра.

**Ключевые слова:** *газета «Джумхурият», жанр статьи, социальные, экономические, политические, культурные темы.*

Маводи дар марҳалаҳои гуногун чопшудаи рӯзномаи «Ҷумҳурият» собит сохт, ки жанрҳои таҳлилӣ барои ин нашрия василаи муҳим ва муассири инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии ҳаёти ҷумҳурӣ дар солҳои гуногун буда, ҷанбаи амиқи публитсистӣ, таъсиргузорӣ ва моҳияти ғоявии онҳоро афзудааст.

Жанри мақола аз ибтидои фаъолият то ба имрӯз дар саҳифаҳои рӯзнома ҷойгоҳи хос дошта, воситаи муҳим ва таъсиргузор дар инъикоси воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ ва берун аз он мебошанд. Маводе, ки дар жанрҳои таҳлилӣ эҷод ва чоп шудаанд, ба тарзи дарки ашё, инъикоси воқеиятҳо, миқёси хулосаҳову умумиятдиҳӣ ва хусусияти услубии воситаҳои баёну тасвир фарқ мекунанд [2, с. 81-95].

Вақте аз ҳамин дидгоҳ саҳифаҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият»-ро аз назар мегузаронем, маълум мешавад, ки нашрия бештар ба чопи жанри мақола диққат додааст. Дар интихоб ва корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар таҷрибаи нашрия нахуст омили ҳирфаӣ, баъдан, омилҳои замонӣ ва талаботҳои маънавию ахлоқии ҷомеа, ки зери таъсири сиёсати вақт шакл гирифтааст, нақши хос ва таъсиргузор доштаанд.

Муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла, М.С. Черепахов, Б.П. Балуев, А. Саъдуллоев ва П. Гулмурод мақоларо як намуди жанрҳои таҳлилии матбуот doниста, таҳлил ва андешаю мулоҳизаро аносири асосии жанрсоз дар он донистаанд [4, с. 15].

И. Усмонов ин жанрро «беҳтарин василаи баёни фикр ва дарҷи андеша» дониста, таъкид ҳам кардааст, ки «талошҳо барои озодии баён бештар дар атрофи ҳамин жанр сурат» [7, с. 59] гирифтааст.

Донишманди рус А.А. Тертичний мақоларо «дар журналистикаи таҳлилӣ асосӣ» ба шумор меоварад [6, с. 149]. М. Муродов мухтассоти жанрии мақоларо дар «предмети таҳқиқи он» ва «масоили ҳалталаб» дида, меафзояд, ки «муаллиф дар асоси факту ҳодиса ва воқеаҳои муайян фикр ва ё ғояи умумиро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, дар мақола ақида, таҳлил, мулоҳиза мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар ҳалли проблемаҳои баррасишаванда на танҳо донишу таҷриба, малакаи таҳлилӣ ва ҷаҳонбинии васеъ, балки ақлу фаросат низ ба кор меояд [3].

Дар асоси таҳлили мақолаҳои дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба чоп расида метавон гуфт, ки аксари мақолаҳо хусусиятҳои бунёдии жанрро фаро гирифта, ҳадафҳои жанрӣ ва мундариҷавии онро ифода мекунанд. Дар мақолаҳое, ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар давраҳои гуногун ба чоп расидаанд, муаллифон ва масъулини нашрия дар аксар мавриd талаботи зикршудаи жанрро ба эътибор гирифтаанд. Бинобар ин, мақолаҳои аз ҷониби шахсони гуногунихтисос навишташуда, пеш аз ҳама, бо фарогирӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву адабӣ ва фарҳангӣ ва ҷуз ин, диққати хонандаро ҷалб кардаанд, ки барои ҷомеа арзиши муҳимми маънавӣ доранд. Дар адабиёти илмӣ доир ба анвои мақола назарҳои гуногун ва зидду нақз вуҷуд доранд.

Мақола ва баъзе навъҳои он дар нашрияи «Ҷумҳурият» ҷойгоҳи хос дошта, ҳадафи асосии он ҷалби таваҷҷуҳи хонанда ба муҳимтарин масъалаҳои

сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рӯз мебошад. Аз ҷумла, мақолаҳои «Ангишт дар табиат фаровону дар бозор гарон, чаро?» (1-уми феврали соли 2023), «Ҷашни Сада мерос аз ниёгони мост» (1-уми феврали соли 2023), «Ҷашни озодагон ва озодагӣ» (27-уми марти соли 2025), «Чакан. Садранги зиндагӣ» (20-уми марти соли 2025), «Тоҷикона мепӯшем» (20-уми марти соли 2025), «Суманак дар ҷӯш мо кафча занем» (20-уми марти 2025), «Сароғози матбуоти миллӣ» (8-уми марти соли 2025), «Наврӯз. Яке аз муҳимтарин ҷашни миллӣ» (20-уми марти соли 2025), «Ифротгароии ҷавонон – асоси нигаронии ҷомеа» (19-уми марти соли 2024) ва ғайра масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро, ки ҳис ва андешаи муаллифонро барои дарк ва ироаи мушкилоти ҳаёти ҷомеа ифода мекунад, ба миён гузоштаанд. Мақолаҳое, ки дар давраҳои гуногун дар рӯзнома чоп шудаанд, аллакай аз қолаби маъмулии мақоланависии замони шуравӣ берун буда, мустақилияти масъалагузориҳо ва интиқоди бетарафона хусусияти мундариҷавӣ ва жанрии онҳоро муайян менамояд.

Ба ифодаи А. Саъдулло ва П. Гулмурод, мақолаҳоро метавон фаврӣ унвон кард [4, с. 21], зеро дар онҳо масъалаҳои муҳим ва оҷилан ҳалталаби сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба миён гузошта шудаанд. Муқоисаи баъзе мақолаҳои дар рӯзнома чопшуда нишон дод, ки дар онҳо «андеша, тезисҳо, мушкилот» [4, с. 4] унсури муҳимми мундариҷавӣ ва жанрӣ будаанд. Ҳамчунин, дар эҷод ва нашри чунин мақолаҳо муаллифон ва масъулини рӯзнома эҳтиёҷи маънавии оммаи хонандагонро низ ба назар гирифта, ба ҳамафаҳмӣ, сохтор, забон ва интихоби мавод диққати махсус додаанд. Муаллифони ин гуна мақолаҳо «на фақат ба масъалаи аниқи нишондод такя кардаанд, балки воситаи таъсири ҳиссиро низ фаровон корбаст намудаанд» [1, с. 4], ки ба хонанда эътимод бахшида, дар ӯ руҳияи муайянро бедор ва барои иҷрои ин ё он амал илҳом мебахшанд. Яке аз ҳамин гуна мақолаҳое, ки ба талаботи сохторӣ ва мундариҷавии ин жанр пурра ҷавобгӯст, мақолаи таҳқиқии Ташрифулло Саъдуллоев «Ангишт дар табиат фаровону дар бозор гарон, чаро?» мебошад [5].

Зимнан бояд гуфт, ки ҳамаи анвои мақолаҳо бар пояи таҳқиқ ва арзёбии дақиқу устувори ҳодиса, санаҳо, амал ва кирдори шахсият қарор доранд, вале мақолаҳои таҳқиқӣ сирф пас аз таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба бо шеваҳои илмӣ таҳия мешаванд ва дар онҳо охирин натоиҷи бадастомада аз як пажуҳиши муайян мавриди баҳс қарор мегирад. Ин гуна мақолаҳо аз ҷониби касоне навишта мешаванд, ки дар яке аз риштаҳои улуму фунун ва ҳунар ба дараҷаи камол расида бошанд. Муаллифи мақолаи мавриди назар Ташрифулло Саъдуллоев, мавзуъро мутаносиб бо иттилоот, истеъдод ва салоҳияти касбиаш баррасӣ карда, дар заминаи як пажуҳиши дақиқ бо такя ба асноди иқтисодӣ

вазъи иқтисодии ҷумҳуриро дар замони муосир баррасӣ ва арзёбӣ менамояд. Ин мақолаи таҳқиқӣ дар таъйиди вазъи андӯхбори молӣ ва конҳои истеҳсолии кишвар дар як давраи ҳассос ҳарфи бодалел буда, хонандаро водор менамояд, ки аз умқи андешаҳо ва натиҷагириҳои муаллиф убур кунад. Хонанда пас аз мутолиаи дақиқи мақола аз ҷустуҷӯҳо ва раҳнамоиҳоои судманди муаллифи мақола огоҳ шуда, дарк мекунад, ки «баробари ин, нархгузории он имрӯзҳо беинсофона ба назар мерасад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки истихроҷ ва интиқолу дастраскунии ангишт пурра дар дасти сохтори давлатӣ бошад». Мақола бо суханони зерин анҷом меёбад, ки як навъ натиҷагирии муаллиф аз ҷустуҷӯҳояш дар мақолаи ёдшуда мебошад: «Чаро имрӯз захирагоҳҳои давлатии ангишт дар шаҳру ноҳияҳо амал намекунанд, то мардум аз онҳо бо нархи арзон ангишт харида, маблаѓ ба буҷети давлат ворид шавад? Дар акси ҳол, баъзе тоҷирону корхонаҳо ба ҳар баҳона сол ба сол арзиши ангиштро ба хости дили худ боло бурда, гароние дар кӯлбори зимистонгузаронии сокинон ба бор оварда истодаанд» (24-уми феврали соли 2023). Дар мақола муаллиф дар такя ба санадҳо вазъи иқтисодиро дар ҷумҳурӣ амиқ таҳлил ва натиҷагирӣ карда, мушкилоти фарогири соҳаро ба хонанда намудааст. Муаллиф масъалаи нархгузории ангиштро дар ҷумҳурӣ бо таҳлили вазъи соҳа дар мақола ба миён гузошта, умедвор аст, ки ба шарофати истиқлоли миллӣ тағйироти куллие дар ин соҳа ба вуҷуд меояд. Чаро имрӯз захирагоҳҳои давлатии ангишт дар шаҳру ноҳияҳо амал намекунанд, то мардум аз онҳо бо нархи арзон ангишт харида, маблағ ба буҷети давлат ворид шавад? Дар акси ҳол, баъзе тоҷирону корхонаҳо ба ҳар баҳона сол ба сол арзиши ангиштро ба хости дили худ боло бурда, гароние дар кӯлбори зимистонгузаронии сокинон ба бор оварда истодаанд.

Ба ин далел, муаллифони зикршуда аз пажуҳиши худ натиҷаи матлуб ба даст овардаанд, ки хонандаро ҳам ҷалб ва ҳам бовар мекунонад. Хулосаҳои таҳқиқӣ ва натиҷагириҳои амали ӯ ба таҷрибаи шахсиаш дар соҳаи иқтисодиёт такя дошта, пешгӯйиҳояшро низ бармало месозад.

Нашри мақолаҳои таҳқиқиву таҳлилӣ дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» василаи муассире будааст барои инъикоси воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон. Бештарини ин мақолаҳо паёми созанда дошта, ба хонанда ва муҳити иттилоотӣ таъсиргузоранд. Муаллифон дар ин гуна мақолаҳо мушкилотеро, ки ҳалли он барои ҷомеаи тоҷикон муҳим мебошад, ба муҳокима кашида, андешаву орояшонро дар ин боб ба сароҳат баён доштаанд. Ба андешаи М. Муродов, ҳадафи ин гуна мақолаҳо «омӯзиши қонунмандиҳои гуногун, анъана ва дурнамои соҳаҳои гуногуни ҷомеаи муосир» [3, с. 154] мебошад. Ба ин далел, ҳар гоҳ табиб, гиёҳшинос, адиб, муаррих, равоншинос, бахусус, рӯзноманигор, ба таҳқиқи мавзуи нав ё кашфи тозае рӯбарӯ шавад ва онро қобили шарҳ донад, ба таҳқиқ мепардозад ва натиҷаи мутолиот ва таҳқиқашро

дар шакли мақола нашр мекунад, то мавриди истифодаи аҳли фан ва баҳрабардории хонандагон қарор гирад. Дар ин замина, бояд таъкид кард, ки аксари мақолаҳое, ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» чоп шудаанд, масъалаҳои забон, таърих ва фарҳанги тоҷиконро дар бар гирифтаанд. Ин мақолаҳоро аксаран касоне навиштаанд, ки дар ҳамон соҳа тахасссуси комил доштаанд. Мақоланависон мутаносибан бо истеъдод ва захираи илмию иттилоотии худ ба он кор даст задаанд.

Ба ин тартиб, рӯзномаи «Ҷумҳурият» дар интишори жанрҳои таҳлилӣ, аз ҷумла мақола роҳу равиши хос ва усулии худро дошта, хусусияти ҳирфаии ин жанрро, пеш аз ҳама, дараҷаи касбияти муаллифон, тарзи фарогирии мавзуъ, масъалаҳо ва сабки нигориш, ки муассириву фасоҳат аз мухтассоти он аст, муайян ва мушаххас менамояд.

**Адабиёт:**


1. Балуев, Б.П. Поблемная статья в газете [Текст] / Б.П. Балуев // Вестник Московского университета. – 1959. – № 1. – С. 15-56.
2. Виноградова, С.М. Приемы убеждающего воздействия в публикациях на международную тему [Текст]/ С.М. Виноградова // Печать в системе идейно-политического воспитания и экономического образования. Выпуск 13. – Ленинград, 1987. – С. 81-95.
3. Муродов, М. Асосҳои эҷоди журналистӣ. Китоби дарсӣ [Матн] / М. Муродов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
4. Саъдулло, А. Жанрҳои таҳлилии матбуот / А. Саъдулло, П. Гулмурод. – Душанбе, 1994. – 60 с.
5. Саъдуллоев, Т. Ангишт дар табиат фаровону дар бозор гарон, чаро? // Ҷумҳурият. – 2023. – 1-уми феврал.
6. Тертичный, А.А. Жанры периодической печаты: Учеб. пособие для студентов вузов [Текст] / А.А. Тертичный. 3–е изд., испр, и доп. – М.: Аспект Пресс, 2006. – 320 с.
7. Усмонов, И. К. Жанрҳои публитсистика / И. К. Усмонов. – Душанбе, 2009. -140 с.

# ТАҶАССУМИ МАВЗУЪҲОИ ФАРҲАНГӢ ДАР ҚОЛАБИ ЖАНРҲОИ ЖУРНАЛИСТӢ

**(дар мисоли рӯзномаи “Ҳақиқати Суғд”)**


**Саидхоҷева Маликахон Алиевна**
номзади илмҳои филология,
дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд. 735700
+992 (92) 715 12 80
E-mail: msafss0007@gmail.com
**Зикриёева Фарзона Баховаддиновна**
магистранти соли 2-ми
кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд. 735700
+992 (92) 890 75 79
E-mail: farzona.0297@gmail.com



**Аннотатсия.** Мақола ба тарғиби мавзуъҳои фарҳангӣ дар матбуоти даврӣ бахшида шуда, муаллифон баррасии масъалаи мазкурро дар заминаи маводи нашрияи “Ҳақиқати Суғд” бо назардошти талаботи жанрҳои журналистӣ аз қабили гузориш ва мақола таҳқиқ намуда, унсурҳои ин қабил жанрҳоро аз китоби муҳаққиқони соҳа исбот намудаанд.

Хулоса, ҳангоми баррасии гузориши масъала ва шарҳи он дар жанрҳои таҳлилӣ мушоҳида шуд, ки риояи қолаби жанрӣ боиси хуб, фаҳмо ва нишонрас будани матлабҳо гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** *фарҳанг, матбуоти даврӣ, нашрияи “Ҳақиқати Суғд”, жанр, гузориш, мақола.*


## ВОПЛОЩЕНИЕ КУЛЬТУРНОЙ ТЕМАТИКИ В ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ЖАНРАХ (НА ПРИМЕРЕ ГАЗЕТЫ «ХАКИКАТИ СУГД»)


**Аннотация:** Статья посвящена пропаганде культурных тем в периодической прессе. Авторы исследуют этот вопрос на примере материалов издания «Хакими Суғд» с учётом требований таких журналистских жанров, как репортаж и статья, опираясь на работы исследователей в данной области. В ходе анализа этих жанров, авторы доказывают, что элементы этих жанров, согласно трудам научных специалистов, проявляются в материале.

В заключение, при рассмотрении репортажа и его интерпретации в аналитических жанрах было отмечено, что соблюдение жанровой формы способствует лучшему, более понятному и яркому изложению материала.

**Ключевые слова:** *культура, периодическая пресса, издание «Хакими Суғд», жанр, репортаж, статья.*

Агар ба таърихи ташаккули матбуоти даврии тоҷик бингарем, мутмаин мешавем, ки он ҳамеша посдоранда ва нигоҳдорандаи фарҳанг ва тарғибгари аносири он, аз ҷумла забони тоҷикӣ, будааст. Дар ин самт махсусан нақш ва хидмати матбуоти даврии замони истиқлол бузург аст. Дар ин замон матбуоти даврӣ на танҳо ба эҳёи фарҳанги миллӣ, тарғиби арзишҳои он ва инкишофи анъанаҳои фарҳанги асили тоҷикон таваҷҷуҳи бештар намуд, балки масъалаҳои марбут ба фарҳангро дар меҳвари контексти мундариҷавии худ қарор дод.

Масъалаи фарҳанги миллӣ, аслан, мавзуи хеле доманадору васеъ аст. Он таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаҳои гуногун, алалхусус, фарҳангшиносонро, ҷалб менамояд, аммо дар маркази диққати мо, он таҳқиқоте қарор хоҳанд гирифт, ки таҳлил ва баррасии мавзуи мазкурро дар воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуот, аз нигоҳи илми журналистика дида бошем.

Азбаски инъикоси масоили фарҳанги миллӣ бо худшиносӣ робитаи ногусастанӣ дорад, метавон гуфт, ки таҳқиқоти бевосита дар ин самт аз ҷониби Масрур Абдуллоев асари монографӣ зери унвони “Публитсистикаи тоҷик ва худшиносии миллӣ” («Таджикская публицистика и национальная идентичность») [1] анҷом ёфтааст.

Китоби таҳқиқотии фарҳангшинос, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ислом Раҳимов тахти унвони “Фарҳанг ва ойинҳои мардумӣ” ба масъалаҳои анъана ва суннатҳои миллии тоҷикон бахшида шуда, муаллиф дар заминаи омӯзиши таърихи онҳо хусусиятҳои хос ва ҷовидонаи одатҳои мардумиро ба қалам додааст. Нигоштаҳои муаллиф хонандаро натанҳо бо анъанаву суннатҳо ошно мекунад, балки дар пойдории онҳо пешниҳодҳои мушаххас баён месозад [7].

Нақш ва мақоми матбуоти маҳаллӣ як андоза дар корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ таҳқиқ шудааст. Профессор Мурод Муродов дар китоби “Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ” ва дар мақолаҳои зиёди илмӣ вазъ ва дурнамои матбуоти маҳаллиро таҳқиқ кардааст [5].

Маҷаллаи илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Паёмномаи фарҳанг» [3] ҳам яке аз он нашрияҳои тахассусиест, ки дар шумораҳои худ ба паҳлуҳои мухталифи

масъалаҳои фарҳанги миллӣ, фарҳанги ақаллиятҳои миллии сокинони кишвар таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

Мақсади таҳқиқоти мо, муайян намудани сатҳи инъикоси мавзуъҳои фарҳангӣ дар нашрияи "Ҳақиқати Суғд" маҳсуб меёбад. Рӯзномаи "Ҳақиқати Суғд" - нашрияи ҷамъиятиву сиёсӣ буда, бо забони тоҷикӣ нашр мешавад. Дар рӯзнома бештар мавзуъҳои шарҳу тавзеҳи рафти воқеаҳо дар Тоҷикистон ва вилояти Суғд ва шарҳи масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии вилояти Суғд мунъакис мегарданд.

Рӯзнома ҳафтае се маротиба рӯзҳои сешанбе, панҷшанбе ва шанбе аз чоп мебарояд, аз чор саҳифа иборат буда, дар ҳаҷми саҳифаи А2, бо тиражи 8080 нусха мебарояд, ҳудуди паҳншавиаш минтақавӣ мебошад.

Муассиси рӯзномаи "Ҳақиқати Суғд" Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд мебошад. Сармуҳаррири рӯзнома Аминҷон Шарифзода буда, рӯзнома дар маркази компутерии "Ҳақиқати Суғд" омода ва дар ҶДММ "Хуросон" чоп мешавад.

Рафоат Муъминова мавод таҳти унвони „Поянда бод дар рифъати мудом мақоми азизи ту“ (ҲС. – №50 (18977) аз 29-уми апрели соли 2025) нашр кардааст. Аз ҷиҳати қолаби жанрӣ ба талаботи жанри хабарии гузориш ҷавобгӯ буда, муаллиф аз рафти ташрифи сардорони давлатҳои ҳамсоя таҳти раҳнамоии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон, муҳтарам Садир Жапаров ба Маҷмааи фарҳангиву таърихии Қалъаи Хуҷанд, ки муаррифгари фарҳангу тамаддуни қадимиву бостонии халқи тоҷик аст гузориш медиҳад.

Дар ҳошияи таҳияи гузориш унсури таҳлил ҳам ба назар мерасад, „ин аст, ки давоми соли гузашта ва се моҳи соли равон аз Қалъаи Хуҷанд наздик як миллион нафар сайёҳон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон дидан карданд“ [6].

Як ҷузъиёти муҳим дар гузориш бозгӯйи рафти ҳодиса мебошад, дар ин бора муҳаққиқи соҳа Мурод Муродӣ менигорад: „дар репортаж қабули воқеа пайдарпай сурат гирифта, динамикаи тасвир ба вақту фазо ва макону замони муайян алоқаманд аст“ [4, с. 114].

Мисоли ин гуфтаҳо ҷумлаи мазкур далолат медиҳад: „Меҳмонони олиқадр бо растаҳои ҳунармандон, эъҷози дастони ҳунармандони чирадасти мардуми шаҳри Хуҷанд, аз маҳаллаҳои Хуҷанди қадима дидан намуда, бо анъанаву ҳунарҳои қадимии мардум ошно гардиданд“ [6].

Маводи навбатӣ ба қалами ҷонишини сармуҳаррири нашрия Сурайё Ҳакимова тааллуқ дошта, таҳти унвони "Анъанаҳои шаҳрдорӣ ва рисолати шаҳрвандӣ" (ҲС. – №47 (18974) аз 22-юми апрели соли 2025) рӯйи чопро

дидааст. Муаллиф ба ду масъалаи фарҳангӣ дахолат кардааст. Аввал, дар мавзуи тамаддуни шаҳрдорӣ, дуюм ба масъалаи тарғиби фарҳанги тозагӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, зимни баррасии масъала аз муаммои нигаронкунанда ба ҷойҳои махсуси партов напартофтани партовҳои маишӣ ёдовар мешавад. "Партовҳои ҷамъшуда метавонанд сабаби паҳншавии бактерияҳо ва вирусҳо гарданд, ҳамзамон партовҳои дар кӯчаҳо, боғҳо ва маҳаллаҳо партофташуда симои шаҳрро хароб месозанд" [8].

Ба маводи боло бо назардошти қолаби жанрӣ назар афканем, ба унсурҳои талаботи жанри мақола ҷавобгӯ мебошад. Зеро асоси ин жанри таҳлилиро проблема ё худ муаммо ташкил медиҳад. Тавре муҳаққиқ менависад: "мақола хоси матбуот буда, беҳтарин василаи баёни фикр ва мулоҳиза аст. Аз ин рӯ, дар мақола ақида. таҳлил, мулоҳиза мавқеи асосиро ишғол мекунад" [4, с. 147, 148].

Намунаи дигар аз ҷониби мухбири доимии нашрия Манзура Бахтиёрзода таҳти унвони "Ҷузъе аз сарнавишти миллат" (ҲС. – №47 (18974) аз 22-юми апрели соли 2025) ба чоп расидааст. Хабар зери рубрикаи "Конфронс" ба табъ расида, аз рафти конфронси илмӣ таҳти унвони "Ёдгориҳои таърихӣ – ҷузъе аз сарнавишти миллат", ки бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангӣ, ки дар маҷлисгоҳи "Қалъаи Хуҷанд" баргузор гардидааст хабар медиҳад. Дар кори конфронс намояндагони Раёсати фарҳанги вилояти Суғд, таърихшиносон, устодону донишҷӯён ва кормандони осорхонаи таърихии вилоят ширкат доштанд, иттлоъ медиҳад хабарнигор. Факт дар мавод "чор мавзуи муҳим дар конфроси илмӣ баррасӣ гардид", "18-уми апрел рӯзи байналмилалии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангӣ", "маҷлисгоҳи "Қалъаи Хуҷанд"" маҳсуб меёбанд. "Дар конфронс иброз гардид, ки ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ инъикосгари гузашта, ҳувият ва маданияти ҳар як миллат буда, на танҳо нишонаҳои гаронбаҳои фарҳангӣ, балки воситаҳои омӯзиши таърих ва рушди маънавии наслҳои оянда ба ҳисоб меравад" [2].

Хулоса, инъикоси ҷашнҳои динӣ дар матбуоти даврӣ хусусияти тарғиботии бевосита надорад. Рӯзноманигорон ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ, бештар аз ҳама, ба худшиносӣ, эҳтироми байниҳамдигарӣ, фарҳанги шаҳрдорӣ ва ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Шакл ва усули пешниҳоди мавод имрӯз ба туфайли васеъ гардидани имкониятҳои матбуот баръало ба назар мерасанд.

Истифодаи қолабҳои гуногуни жанрҳои иттилоотӣ барои рӯзноманигорон имконият фароҳам овардаанд, ки дар ҳаҷми ками сухан масъалаҳои гуногунро фаро гирифта тавонанд, аммо мутаассифона, на ҳамеша аз имкониятҳои ин жанрҳо дуруст истифода мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми баррасии гузориши масъала ва шарҳи он дар жанрҳои таҳлилӣ

мушоҳида шуд, ки риояи қолаби жанрӣ боиси хуб, фаҳмо ва нишонрас будани матлабҳо гардидаанд.

**ПАЙНАВИШТ**:


1. Абдуллоев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность / М. Абдуллоев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
2. Бахтиёрзода, М. Ҷузъе аз сарнавишти миллат / М. Бахтиёрзода // ҶС. – №47 (18974) аз 22-юми апрели соли 2025
3. Варианти электронии шумораҳои маҷаллаи Паёмномаи фарҳанг (маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот) [Захираи электронӣ]: http://pitfi.tj/payomnoma
4. Муродӣ, М. Асосҳои фаъолияти эҷоди журналистӣ (китоби дарсӣ) / М. Муродӣ. – Душанбе: "Ирфон", 2014. – 256 с.
5. Муродов, М. Истиқлолият ва рушди матбуоти даврӣ / М. Муродов. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 336 с.
6. Муъминова, Р. Поянда бод дар рифъати мудом мақоми азизи ту / Р. Муъминова // ҶС. – №50 (18977) аз 29-уми апрели соли 2025
7. Раҳимов, И. Фарҳанг ва ойинҳои мардумӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 100 саҳ.
8. Ҳакимова, С. Анъанаҳои шаҳрдорӣ ва рисолати шаҳрвандӣ / С. Ҳакимова // ҶС. – №47 (18974) аз 22-юми апрели соли 2025


## ТАСВИРИ МАСОИЛИ ИҶТИМОӢ ДАР ОСОРИ КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО
## (дар мисоли романи «Дар орзуи падар»)


**Саидхоҷаева Маликахон Алиевна**
номзади илмҳои филологӣ
дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Суғд, ш. Хуҷанд
+992 (92) 715 12 80
E-mail: msafss0007@gmail.com
**Шодмонзода Покиза Кишварбой**
магистранти соли дуюми кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи
МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Ҷумҳурии Тоҷикистон, в. Суғд, ш. Хуҷанд
+992 (99) 707 31 05
E-mail: shodmonzodap@gmail.com

**Аннотатсия**. Мақолаи мавриди назар ба вижагиҳои инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ, мавзуи хонаводагӣ, муносибати оилавӣ дар осори нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи адабии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Кароматуллоҳи Мирзо бахшида шуда, муаллифон таъкид медоранд, ки садҳо нафар баъди мутолиа аз фикрашон гаштанд. Тақдири Мушаррафу Нозимӣ хонаводаҳоро аз вайроншавӣ ва чандин Меҳрубонҳоро аз дарди ятимӣ наҷот дод.

Хулоса, таҳқиқоти мазкур як кӯшише дар шинохти раванди мавзуи иҷтимоӣ ва ҳунари нигорандагии ин нависандаи беҳамто дар мисоли романи “Дар орзуи падар” мебошад.

**Калидвожаҳо:** *Кароматуллоҳи Мирзо, романи “Дар орзуи падар”, мунаққидон, масъалаи иҷтимоӣ, жанр*.

Масоили хонаводагӣ, муносибати зану шавҳар, фарзандон ва ҳамкорон аз мавзуъҳои меҳварии иҷтимоӣ ба шумор рафта, романи “Дар орзуи падар”-и Кароматуллоҳи Мирзо мавқеи баланд ва муайянкунанда дорад. Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи адабии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар қиссаҳои «Нишони зиндагӣ», «Дарди ишқ» ва романҳои «Дар орзуи падар», «Марги бегуноҳ», «Моҷарои зиндагӣ» ва «Ишқи Сархӯр» ҷараёни зиндагӣ ва муносибату муомилаи қишрҳои гуногуни сокинони деҳоти тоҷикро дар шароити муайяни таърихӣ ба тасвир мегирад ва бо ҳамин ҳақиқати воқеии ҷомеаро дар либоси бадеӣ ба хонанда пешкаш намуда, ба ӯ маърифати зиндагӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсониро талқин менамояд.

Аз ҷумла, мунаққиди тавоно Ҷ. Бақозода оид ба эҷодиёти нависанда чунин изҳори ақида кардааст: «Хусусияти офаридаҳои К. Мирзоев он аст, ки ҳикояҳои ӯ сюжет ва низои тезутунд надоранд. Нависанда дар лавҳаҳои хурд-хурди зиндагӣ рӯйдодҳои муқаррарӣ ва рафтору амалиёт, хислатҳои неку бади зоҳиран одамони одиро тасвир мекунад, ки ба хонанда шиносанд» [1, с. 145].

Эҷодиёти Кароматуллоҳи Мирзо, махсусан, баъди Истиқлоли давлатии Тоҷикистон маҷрои тоза гирифта, аз лиҳози мундариҷа, ғоя ва тасвири бадеӣ такмил меёбад. Махсусан, романи сегонаи «Дар орзуи падар», ки дар коргоҳи эҷодии нависанда чандин бор таҳриру такмил дида, аз дараҷаи жанри повест ба навъи роман расидааст, таваҷҷуҳи мунаққидон ва суханшиносони ватанӣ ва хориҷиро бештар ба худ кашидааст.

Адабиётшинос ва мунаққиди тавоно А. Сайфуллоев дар мақолаи «Ҳусни маънавии романи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ» масъалаи иҷтимоиро дар романи «Дар орзуи падар» муфассал ба таҳқиқ гирифта, моҷарои зиндагии хонадони Нозимӣ ва махсусан, писари эътиқодманди ӯ – Меҳрубонро воқеъбинона баррасӣ намудааст. Муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки: «Романи «Дар орзуи падар» дар шакли ҳозираи комилёфтааш низ асари хубест, ки саҳифаи тоза дар таърихи

адабиёти давраи Истиқлолияти миллии Тоҷикистон маҳсуб мешавад» [5, с. 121].

Соли 2018 оид ба романи «Дар орзуи падар» бо номи «Хусусиятҳои ғоявию ахлоқӣ ва бадеии романи «Дар орзуи падар»-и Кароматуллоҳ Мирзоев» диссертатсияи номзадӣ дифоъ гардид. Дар ин диссертатсия оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ дар роман мухтасар сухан меравад. Муаллифи диссертатсия Зулфиев Гадомад оид ба роман чунин ақида дорад: «Романи «Дар орзуи падар», чунонки аз номаш пайдост, пеш аз ҳама, нависанда симои писарбачаи наврасро тасвир кардааст. Ӯ дар зиндагӣ як орзуи хеле одӣ, вале бисёр наҷиб дорад, ки бо падар бошад, бо падаре бошад, ки дар олами орзуяш мепарварад» [2, с. 278].

Мавзуи асосии романи Кароматуллоҳи Мирзо “Дар орзуи падар” тасвири зиндагии афроди як оила дар муҳити иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосир буда, дар он моҷароҳои зану шавҳар, муаммоҳои оила ва тақдири фарзандон хеле муассиру боварибахш мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Чуноне ки худ иброз медорад: «Романи «Дар орзуи падар» аслан сарнавишти талхи инсонист, то тавонистам, дар ин асар талхиву ширинихои рӯзгор, фоҷиаи оилавиро ба риштаи тасвир кашидам».

Романи мазкур асари сегона буда, бори аввал соли 1987 дар шумораи 10 ва 11-уми маҷаллаи «Садои Шарқ» ва соли 1989 чун асари алоҳида, дар шакли қисса дастраси хонандагон мегардад. Дар ҷилди 2-юми асар сухан дар атрофи Меҳрубону Нозимӣ ва муносибатҳои оилавии онҳо идома ёфта, густариш меёбад. Адиб дар ин ҷилд воқеаҳое, ки дар ибтидои солҳои 90-уми қарни XX, аз қабили duздию ғоратгарӣ, ифротгароӣ, ба сари қудрат омадани шахсони дар гузашта беобрӯю бемавқеъ, нашъамандӣ, аз байн рафтани меҳру вафо, инсондӯстию инсонпарварӣ рух дода буданд ва амсоли инҳоро ба таври воқеӣ ба қалам додааст.

Садҳо нафар баъди мутолиа аз фикрашон гаштанд. Тақдири Мушаррафу Нозимӣ хонаводаҳоро аз вайроншавӣ ва чандин Меҳрубонҳоро аз дарди ятимӣ наҷот дод.

Нависанда қисмати 3-юми асарро менависад. Дар ин хусус худи ӯ чунин нигоштааст: «Ман қисмати 3-юми «Дар орзуи падар»-ро, ки аз 2 қисми аввали асар дида пурсӯзтару фоҷианоктар аст, ба хонандагон пешниҳод намудаам».

Ҷилди 3-юми асар «Дарҳои баста» ном дорад. Дар ин ҷилд сарсону саргардониҳои ин оила ба риштаи тасвир кашида шудааст. Дар ин қисм дари ёру дӯстону хешовандон барои Меҳрубону Нозимӣ баста мешавад. Ин ҷилд бо «Дуои падар» ном фасл ба анҷом мерасад.

Қаҳрамонони мусбати роман, амсоли Мушарраф, Меҳрубон, Шафақ, Шариф, Муҳаммадӣ, Паҳлавон Мавлонзода ва ҳам манфӣ монанди Нозимӣ,

Шафиӣ, Абдушукур, Шаҳноза, Шоҳназар ва ғайра. Романи мазкур аз оғози таълифу анҷомаш 20 соли фикру хаёли нависандаро ба худ ҷалб кард [3; 4].

Хулоса, таҳқиқоти мо як кӯшише дар шинохти раванди мавзуи иҷтимоӣ ва ҳунари нигорандагии ин нависандаи беҳамто дар мисоли романи "Дар орзуи падар" мебошад. Мо умед дорем, ки асари нависандаи заҳматписанд устод Кароматуллоҳи Мирзо боз диққати аҳли таҳқиқро ба худ ҷалб менамояд. Зеро роман аз рӯи имкониятҳои жанрии худ фарогири мушкилоти ҳаёт аст ва дар ин майдони бурду бохт сухани ногуфта ҳанӯз бисёр аст.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Бақозода, Ҷ. Руҳи зиндагисоз [Матн] / Ҷ. Бақозода // Чароғи роҳнамо. – Душанбе, 2012. – С. 145-152.
2. Зулфиев, Г. Воситаҳои асосии офариниши симои бадеӣ дар романи «Дар орзуи падар»-и К. Мирзоев [Матн] / Г. Зулфиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2015. – №3 (64-2). – С. 278-282.
3. Мирзоев, К. Дар орзуи падар: Повест ва ҳикояҳо / К. Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 1990. – 400 с.
4. Мирзоев, К. Дар орзуи падар: Роман ва қисса / К. Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 2009. – 600 с.
5. Сайфуллоев, А. Ҳусни маънавии романи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ [Матн] / А. Сайфуллоев // Чароғи роҳнамо. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 120-131.
6. Ӯлмасова, З. Тасвири масоили иҷтимоӣ дар романи «Ишқи Сархӯр» [Матн] / З. Ӯлмасова // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 21 апрел.
7. Шеърдӯст, А. Адиби соҳибсабки тоҷик [Матн] / Алиасғари Шеърдӯст // Чароғи роҳнамо. – Душанбе: Адиб, 2012. – С. 6-11


# РУШДИ ЧАНДРАСОНАӢ ДАР ШАБАКАИ РАДИОИИ "ОВОЗИ ТОҶИК"


**Шохфайззода Бахруллох Махмадшариф**

Докторанти PhD-и кафедраи журналистикаи байналхалқии

факултети журналистикаи

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тел: 918-98-68-73

E-mail: shofajzov@list.ru



**Аннотатсия.** Мақола ба масъалаи рушду таҳаввули чандрасонаӣ дар фаъолияти шабакаи радиоии «Овози тоҷик» бахшида шудааст. Муаллиф равандҳои умумии таъсири интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаҳои ахбори оммаро шарҳ дода, мавқеи радио, бахусус шабакаи «Овози тоҷик»-ро

дар мутобиқсозии фаъолияти худ ба шароити муосир нишон медиҳад. Дар мақола таваҷҷуҳи махсус ба пешниҳоди матолиби чандрасонаӣ — матн, садо, сурат ва навор дода шудааст, ки дар саҳифаи фейсбукии шабакаи «Овози тоҷик» ҷой дода мешаванд. Ҳамзамон, бо мисолҳои мушаххас аз чорабиниҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ нишон дода шудааст, ки чӣ гуна ин шабака матлабҳоро ба шакли чандрасонаӣ омода месозад. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки рушди чандрасонаӣ дар фаъолияти «Овози тоҷик» бештар ба василаи шабакаи иҷтимоии Facebook сурат мегирад. Бо вуҷуди дастовардҳо, як қатор мушкилот ба назар мерасанд: номуназзамӣ дар нашри мавод, сифати пасти наворҳо, интихоби нодурусти аксҳо ва фаъол набудани рубрикаҳои махсуси сомона.

**Калидвожаҳо:** *чандрасонаӣ, радио, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, Овози тоҷик, расонаҳои иттилоотӣ.*

## РАЗВИТИЕ МУЛЬТИМЕДИЙНОСТИ В РАДИОСЕТИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

**Аннотация:** Статья посвящена вопросам развития и становления мультимедийности в деятельности радиосети «Овози тоҷик». Автор рассматривает общее влияние интернета и социальных сетей на средства массовой информации и показывает, каким образом радио, в частности «Овози тоҷик», адаптировало свою деятельность к современным условиям. В статье особое внимание уделено подаче мультимедийных материалов — текста, звука, фотографий и видеороликов, которые размещаются на странице радиосети в Facebook. Одновременно на конкретных примерах политических и культурных мероприятий показано, каким образом сеть готовит материалы в мультимедийном формате. Результаты исследования показывают, что развитие мультимедийности в деятельности «Овози тоҷик» осуществляется в большей степени через социальную сеть Facebook. Несмотря на определённые достижения, остаются и проблемы: нерегулярность публикаций, низкое качество видеоматериалов, неудачный подбор фотографий и неактивность специальных рубрик на сайте.

**Ключевые слова:** *мультимедиа, радио, интернет, социальные сети, Голос Таджикистана, информационные средства.*

Пайдоиш ва рушди Интернет шакли фаъолияти бисёре аз соҳаҳоро тағйир дод. Махсусан ин раванд ба низоми ВАО таъсири худро расонид. Муҳаққиқони соҳаи журналистика таҳавулот ва пайдоиши жанрҳои гуногунро бо назардошти талаботи замон зикр намуда буданд, ки мисоли инро метавон ба пайдо гардидани воситаҳои нави иртиботӣ рабт дод. Акнун, бо фарох гардидани майдони нав (шабакаҳои иҷтимоӣ) тарзи пешниҳод ва қолаби жанрҳо низ каме тағйир ёфтанд.

Чандрасонаӣ – тарзи муосири пешниҳоди иттилоот аст, ки бидуни интернет наметавон онро пешниҳоди мухотаб намуд. Имрӯз аксари расонаҳои иттилоотӣ новобаста ба шакли моликият қаринаҳои электронии худро дар интернет доранд. Зеро “Дар шароити тезу тунд ҳар як редаксия ба он мекушад, ки аудиторияи худро аз даст надиҳад ва мувофиқ ба талаботи рӯзафзуни истеъмолгарон маҳсулот пешниҳод намояд"[2, с. 25]. Аз тарафи дигар “Имрӯзҳо дастрасӣ ба иттилоот тариқи технологияҳои нави иттилоотиву иртиботӣ як ҷузъи муҳими рӯзгори мардум гардидааст, ки интернет аз чунин имкониятҳост”[1, с. 41]. Маҳз бо дарназардошти ин масъала ва талаботи замон, ҳоло расонаҳои класикии ВАО қаринаҳои электронии худро дар Интернет кушода, инчунин дар сомонаҳои иҷтимоӣ низ саҳифа доранд.

Радио низ ҳамчун воситаи анъанавии ВАО фаъолияти худро ба замони имрӯз мутобиқ намудааст. Ҳоло радиоҳои давлатӣ; Радиои Тоҷикистон ва шабакаҳои он, ҳам сомонаи иттилоотӣ ва ҳам саҳифаҳои фейсбукии худро доранд. “Баҳрабардорӣ аз имконоти интернет барои радио дар дунёи муосири муносибатҳои иттилоотии муосир василаҳои тозаеро ба вуҷуд овард. Зиёд шудани шумораи радиоҳои давлатию ғайридавлатӣ бо форматҳои гуногун андешаро ҳосил мекунад, ки бо пайдоиши интернет радио на фақат бозори худро аз даст надодааст, балки талабот ба он бештар низ гардидааст. Рақобати солиме, ки имрӯз миёни радиоҳои кишвар ба вуҷуд омадаст, ногузир онҳоро барои ҳарчӣ бештар истифода намудан аз имконоти фарохи интернет водор месозад”[3, с. 100]. Воқеан ҳам имрӯз, матлабҳои пешниҳоднамудаи радиоҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ диққати корбаронро ба худ ҷалб месозад, ки инро аз гузоштани “лайк” ва навиштани “шарҳ”-и онҳо метавон хулоса кард. Ин дар ҳолест, ки на ҳама маводҳои нашрнамуда дар саҳифаҳои иҷтимоии радио сифати хуб доранд. Яъне набудани таҷҳизоти техникӣ дар тамошои маводи радиоӣ эҳсос мегардад.

Бояд гуфт, ки дар миёни радиоҳои давлатӣ, шабакаи радиоии “Овози тоҷик” дар пешниҳоди матолиби чандрасонаӣ пешсаф аст. Шабакаи бурунмарзии «Овози тоҷик», ки қаблан ҳамчун идораи барномаҳои бурунмарзӣ фаъолият дошт, моҳи октябри соли 1949 бо ташаббус ва дастгирии академик Бобоҷон Ғафуров рӯи кор омад. Пас аз соҳибистиқлол гардидани кишвар самти фаъолият ва услуби кори кормандони идора тағйир ёфт. 1-уми июни соли 2007 дар заминаи идораи барномаҳои бурунмарзӣ шабакаи радиои «Овози тоҷик» таъсис дода шуд. Имрӯз шабака бо технологияи муосир таҷҳизонида шуда, фаъолияти шабонарӯзи дорад. Яъне 24 соат, бо 8 забон, тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ, русӣ, ӯзбекӣ ҳиндӣ, арабӣ ва англисӣ, барномаҳо таҳия ва пахш менамояд” [2]. Ҳоло сомонаи интернетии шабакаи “Овози тоҷик” (vot.tj) фаъол

аст. Ҳамзамон, ин шабакаи радиоӣ дар фейсбук саҳифаи худро дорад, ки ҳамарӯза дар он матолиби гуногун нашр мекунад.

Бояд зикр кард, ки сомонаи иттилоотии шабакаи “Овози тоҷик” (vot.tj) рубрикаи махсуси “Чандрасонаӣ” дорад, ки он бо зеррубрикаи “ “Тасвир”, “садо” ва “Навор” ҷудо шудааст. Таҳти зеррубрикаи “Тасвир” суратгузориш ва дар зеррубрикаи “Навор” гузоришҳои видеоӣ ҷой дода шудааст. Санаи 28-уми марти соли 2023 дар сомонаи радиои “Овози тоҷик” бо сарлавҳаи “Душанбе шаҳри гулҳо” суратгузориш аз боғи “Куруши Кабир” нашр гардид. Дар ҳамин сана зери рубрикаи “Навор” ролик гузошта шуд. Яъне дар ин сомона ҳам сурат ва ҳам навор зебогиҳои боғи “Куруши Кабир”-ро бозгу намуданд. Бояд гуфт, ки дар сомонаи радиои “Овози тоҷик” (vot.tj) зери рубрикаи “Чандрасонаӣ” танҳо 25 матлаб ҷой дода шудааст, ки охирони он санаи 28-уми августи соли 2023 аст. Ҳоло таваҷҷуҳи асосии ин расонаи иттилоотӣ ба шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” равона гардидааст.

Саҳифаи Радиои “Овози тоҷик дар шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” бо чунин суроға; Voice of Tajikistan (Овози Тоҷик) ҷойгир шудааст. Беш аз 2200 пайрав дорад, ки ин шумора барои як радиои бузург ва бурунмарзӣ хеле кам аст. Вале, таҳлили мо нишон дод, ки зиёд ва беҳ шудани сифати матолиби нашршуда дар саҳифаи фейсбукии Овози тоҷик таърихи якунимсола дорад. Ҳолон, ки саҳифаи фейсбукии ин радио 15-уми августи соли 2015 таъсис дода шудааст. Анонси барномаҳои радиоӣ бо навор пушонида шуда, дар фейсбук гузошта шудааст. Санаи 30-уми июл дар шаҳри Душанбе Конфронси “Муқовимат бо тиҷорати одамон” баргузор гардид. Ин чорабиниро муҳаррири бахши дарии Шабакаи “Овози тоҷи” Бахтовар Шарифӣ ба таври чандрасонаӣ пешниҳоди аудитория гардонид. Дар саҳифаи фейсбукӣ ҳам матн ва ҳам навор бо стендап гузошта шуд. Ғайр аз ин раванди Конфронси “Муқовимат бо тиҷорати одамон” дар радиои Овози тоҷик инъикос гардид. Яъне, садо, матн, сурат ва навор” аз ҷараёни чорабинӣ омода ва пешниҳоди омма гардонида шуд.

Рӯзи 15-уми январи соли 2025 дар шаҳри Душанбе дар ҳошияи сафари Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон форуми муштараки соҳибкорони Тоҷикистон ва Эрон баргузор гардид. Ҷараёни ин чорабинӣ дар саҳифаи фейсбукии шабакаи “Овози тоҷик” ба таври чандрасонаӣ инъикос гардид. “Соҳибкорони Тоҷикистон ва Эрон дар шаҳри Душанбе ба ҳам омаданд. Дар ҷараёни ин нишаст масоили иқтисодӣ матраҳ гардид. Доктор Солеҳи Амирӣ, вазири мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноати дастии Ҷумҳурии Исломии Эрон зимни суханронӣ чӣ гуфт?” [3] Бо ин матни кутоҳ наворе дар шакли видео-кэпшн омода гардид, ки дар он андешаи роҳбарияти ниҳоди сармоягузории Тоҷикистону Эрон ва чанде аз соҳибкорон оварда шуд. Дар охир навор журналист-Раҳматуллои Одина аз макони чорабинӣ доир ба

раванди баргузуории форум “стендап” низ кардааст. Ҳамин форум инчунин дар бахши “суратҳо”-и фейсбук дар шакли суратгузориш омода гардидааст. Яънеи аз ҷараёни форуми соҳибкорони Тоҷикистону Эрон матн, сурат, гузориши савтӣ ва наворӣ омода карда шуд, ки ин матолиби чандрасонаӣ мебошад.

Азбаскӣ, барномаҳои радиои “Овози тоҷик” бо 8-забон омода мегарданд, дар саҳифаи фейсбукии он низ бо забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, арабӣ, узбекӣ, дарӣ ва форсӣ) матлаб нашр мешавад. Махсусан бахшҳои хабарӣ бо забони русӣ ва дарӣ дар шакли видеоӣ омода мегарданд. Бахши дарӣ зери сарлавҳаи “Хабарҳои фаврӣ аз манобеъи расмӣ” “Ахбор”-и видеоӣ омода мекунад, ки он фарогирандаи масоили гуногуни дохиливу хориҷӣ мебошад. Барои мисол, санаи 15-уми октябри соли 2024 муҳаррири бахши дарӣ бо гузоштани чунин сарлавҳаҳо; Дар меҳвари гуфтугӯи ҳайатҳои Тоҷикистону Белорус кадом масоил баррасӣ гардид?, Намояндагони фарҳангии Қатар ба Тоҷикистон меоянд. Зарурати баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ чист?, Мулоқоти ҳайатҳои порлумонии Тоҷикистону Туркманистон..... хабар нашр кард. Бояд гуфт, ки ин бахши хабарӣ, ки бо забони дарӣ омода гардида буд, на танҳо фарогирандаи мавзуоти дар сарлавҳа омадашуда, балки якчанд мавзуъи дохилӣ ва хориҷӣ низ инъикос гардид. Ҳамаи хабарҳо бо навор ва суратҳо пушонида шудаанд. Қобили зикр аст, ки ин бахши хабарӣ аслан дар мавҷи FM садо дода буд, аммо ба хотири чандрасонаӣ шудан онро дар шаклӣ видеоӣ омода намуда, дар шабакаи иҷтимоии фейсбук гузоштанд.

Ахбори бахши русии шабакаи “Овози тоҷик” бо номи “Новости центральной Азии” аз ҷониби Фариддун Муқимӣ омода карда мешавад. Дар ин бахши хабарӣ бештар масоили Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ инъикос мегардад. Дар оғоз, анонси хабарҳо садо медиҳад, ки ин ҷолибияти барномаро боз ҳам зиёд мегардонад. Ғайр аз ин дар саҳифаи фейсбукии шабакаи радиоии “Овози тоҷик” бо дигар забонҳо; англисӣ, арабӣ, форсӣ, узбекӣ ва ҳиндӣ низ матолиби чандрасонаӣ омода карда мешавад, аммо онҳо хусусияти силсилавӣ надошта, балки аз ҷараёни чорабиниҳои муҳими сиёсӣ ва байналмилалӣ омода карда мешаванд. Масалан, конфронси сатҳи баланд оид ба “Ҳифзи пиряххо”, ки давоми 3-рӯз (аз 29-уми май то 1-уми июн) дар Душанбе баргузор гардид, аз тариқи шабакаи “Овози тоҷик” бо ҳама забонҳои хориҷӣ ба тарзи чандрасонаӣ боздтоб гардид.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки ҳоло чандрасонаӣ дар радиои “Овози тоҷик” дар ҳоли рушдёбӣ қарор дорад. Аммо, як қатор мушкилоту норасоӣ аз ҷумла набудани мунтазами бахшҳои хабарӣ, сифати пасти наворҳо ва нодуруст интихоб намудани суратҳо ҷой доранд. Ғайр аз ин сомонаи иттилоотии ин шабака фаъол набуда, ба ҷуз аз хабарҳои расмӣ ва парлумонӣ, матлаби дигаре надорад. Рубрикаи “Ҷаҳон” ва “Чандрасонаӣ” тамоман фаъол нестанд. Ҳоло,

дар шабакаи Овози тоҷик рушди чандрасонаиро танҳо ба саҳифаи фейсбукии ин радио метавон рабт дод.


**АДАБИЁТ:**

1. Гулов С. “Пешвои миллат ва рушди воситаҳои электронии ахбор” Журналистикаи байналхалқӣ - IX (маҷмӯаи мақолаҳо) / С Гулов. – Душанбе-2017. – 180 с.
2. Муқим Ҷ. Журналистикаи чандрасонаӣ / Ҷ Муқим. – Душанбе: “Озар”, 2019. – 168 с.
3. Ҳамидиён И. Абдуҷалилов Ф.Н. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо (монография) / И Ҳамидиён. Фирдавс Н.  – Душанбе, 2022. – 268 с.

**МАНБАЪ**

1. www.vot.tj
2. https://ktr.tj/?q=node/149
3. https://www.facebook.com/tajikvoice/videos/567583086269406?locale=ru_RU


## НАШРИЯҲОИ БАЧАГОНАИ БРИТАНИЯ ДАР ЖАНРИ ФАНТАСТИКА


**Исмаилзода Саиднуриддин Исмаил**
Докторанти PhD-и кафедраи журналистикаи байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан,
пр. Рудаки, 17.
Email: Saidnuriddinismoilzoda@gmail.com
Тел: (+992) 915010182



**Аннотатсия**: Дар мақола маълумот дар бораи нашрияҳои бачагонаи Британия дар жанри фантастика оварда шудааст. Мавзуи тадқиқоти мазкур дар ҷаҳони муосир мавзуи нав ва муҳим мебошад. Васоити ахбори омма дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ҷомеа, аз ҷумла кӯдакону наврасон дар замони имрӯза нақши муҳим мебозад.

Жанри фантастика, ки ҳодисаҳои ғайри воқеиро фаро мегирад, дар наврасон ва кӯдакон таваҷҷуҳи зиёдро ҷалб мекунад.

Муҳити фантастикӣ дар матбуоти бачагона ифодагари паёмҳои ахлоқиву фарҳангӣ низ мебошад. Ин жанр кӯмак мекунад, ки кӯдакону наврасон ба таҳқиқи дунёи хеш ва ё дар тасаввуроти ягонаашон илҳом дошта бошанд, ки ин пеш аз ҳама барои рушди онҳо муҳим мебошад.

Матбуоти бачагона дар жанри фантастикӣ метавонад ба фаҳмидани роҳҳои ҷолиби ташаккули дунёи маънавии кӯдакон, таълими онҳо ва ба хислат ва хулқи онҳо таъсирасон бошад.

***Калидвожаҳо:*** *Жанр, фантастикӣ, муҳаррир, бачагон, нашрия, рӯзнома, кӯдакон, наврасон, чоп, интишор.*

## ДЕТСКИЕ ИЗДАНИЯ ВЕЛИКОБРИТАНИИ В ЖАНРЕ ФАНТАСТИКИ

**Аннотация:** В статье представлена информация о детских изданиях Британии в жанре фантастики. Тематика данного исследования является актуальной и важной в современном мире. Средства массовой информации играют значительную роль в формировании мировоззрения и мышления общества, включая детей и подростков в современное время.

Жанр фантастики, охватывающий неординарные события, привлекает большое внимание подростков и детей.

Фантастическая среда в детской прессе также выражает моральные и культурные послания. Этот жанр способствует тому, чтобы дети и подростки имели вдохновение для исследования своего мира или своих единственных представлений, что особенно важно для их развития.

Детская пресса в жанре фантастики может способствовать пониманию интересных способов формирования духовного мира детей, их обучения и влиять на их характер и нравы.

***Ключевые слова:*** *жанр, фантастик, редактор, детский, печать, газета, дети, подростки, публикация, издательство.*

Дар матбуоти бачагона истифодаи жанри фантастика аз асрҳои XIX оғоз меёбад. Ин жанр дар баробари барои кӯдакон таҳия шуданаш масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро низ фаро мегирад.

Фантастикаи бачагон дар Британияи Кабир низ рушд карда дар миёни қишрҳои ҷомеа паҳн гардидааст. Дар Британия рӯзномаву маҷаллаҳо дар жанрҳои гуногун, аз ҷумла фантастика, саргузашт, илмӣ ва дар дигар жанрҳо барои кӯдакону наврасон нашр мегардид. Рӯзномаву маҷаллаҳои фантастикии “Scoops” (Хабари дасти аввал), “Tales of Wonder” (Бофтаҳои аҷиб), нашрияи “2000 AD” (2000 таблиғ) ва якчанд нашрияи дигарро метавон ном гирифт, ки онҳо барои кӯдакони бритониёӣ, дар жанри фантастика мавод чоп мекунанд [1].

Нашрияи “Scoops” (Хабари дасти аввал) маҷаллаи ҳарҳафтаинаи фантастикии британия, аз ҷониби ношир Артур Пирсон 10 феврали соли 1934 ба чоп баромад. Шумораи нахустини онро нависандаи асарҳои бачагона Фредрих Ҳайдн Даймок (15 декабри соли 1895 – 26 апрели соли

1955) таҳрир кардааст. Замоне, ки нашрияи “Scoops” ба фаъолият оғоз кард дар Британия барои калонсолон низ нашрияи фантастикаи илмӣ чоп мешуд. Даймок бо вуҷуди тиражи кам доштани нашрияааш кӯшиш кард, ки диққати муштариёнро бо чопи маводи ҷолиб боз ҳам бештар ҷалб намояд. Баъзе аз маводро, ба монанди романи фантастикии нависандаи бритониёӣ Артур Конан Дойл (22 майи 1859 – 7 июли 1930) «Камарбанди заҳролуд» дубора чоп кард ва муқоваи маҷаларо такмил дод. Ҳамзамон аз нависандагони фантастикаи илмии бритониёӣ, аз қабили Ҷон Рассел Ферн (5 июн 1908 — 18 сентябр 1960) ва Морис Ҳуҷӣ асарҳои ҷолибро ҷустуҷӯ ва дастрас намуда ба нашр расонид, аммо боз ҳам ба ҳадаф расида натавонист. Ва ӯ аз сабаби кам ба фурӯш рафтани нашрия, ки дар ин давра шумораи бистуми он чоп мешуд, 23 июни соли 1934 чопи нашрияро қатъ кард.

Маҷалла дар мудати фаъолияташ ҳар ҳафта бо теъдоди 100 000 нусха интишор меёфт, ки дар ин давра муҳарририи нашрияро Гайдн Диммок (15 декабри 1895 – 26 апрели 1955) ба ухда дошт. Ҳар як шумораи нашрия аз 28 саҳифа иборат буд [1, с. 2].

“Tales of Wonder” (Бофтаҳои аҷиб) як маҷаллаи фантастикии бритониёӣ буд, ки аз моҳи июни соли 1937 то соли 1942 нашр мешуд. Муҳарририи нашрияро дар ин давра Волтер Гиллингс ба ухда дошт. Он аз ҷониби ширкати “The World's Work”, ки муассиси он Вилям Ҳейнманн (18 майи 1863 - 5 октябри 1920) буд, нашр шудааст.

Бо оғоз ёфтани Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, ки барои нашрия мушкили дар дастрасии коғазро оварда буд, фаъолияти онро торафт душвортар мекард. Дар ин давра, ки нашрия шумораи шонздаҳуми худро интишор мекард, ки баҳори соли 1942 буд ва охирин шумораи нашраш гардид.

Нашрияи “Tales of Wonder” аввалин маҷаллае аст, ки ба бозори калонсолон низ ворид шуда буд. Фурӯши нашрия дар солҳои аввали таъсисёбӣ ба қадри кофӣ хуб буд, аммо аз баҳори соли 1938 маҷалла дар се моҳ як бор нашр мешуд.

Таърихшиноси фантастикаи илмӣ Майк Эшли (таваллуд 1948) "Tales of Wonder"-ро "маҷаллаи воқеӣ, фароғатӣ ва ҷолиб" номидааст [1, с. 3].

Нашрияи “Oor Wullie” ё бо стилоҳи англисӣ “Our Willie” (Вуллии мо) аввалин шумораи нашри худро 8 марти соли 1936 чоп намудааст. Wullie лақаби шотландӣ барои писарон бо номи William (ном) аст, ки ба Willi низ баробар аст. Ё Вулли номи қаҳрамони афсонавие мебошад, ки ҳайкали он дар маркази шаҳри Дандӣ низ гузошта шудааст. Нашрия пайваста зери сарлавҳаҳои "Вуллии шумо! Вуллии абадан!", “Вуллии мо!” “Вуллии ҳама!” ва ба ин иборaҳо монанд нашр мегардид.

Муҳаррири нахустин шумораҳои нашрия нависандаи шотландӣ Роберт Дункан Лоу (25 августи 1895 - 13 декабри 1980) буд ва карикатураҳои дар ин шумораҳо чоп гардида аз ҷониби карикатурист ва рассоми англис Дадли Декстер Уоткинс (27 феврали 1907 - 20 августи 1969) кашида шуда буданд, ки ӯ то дами вопасинаш кашидани чунин карикатураҳоро идома медод. Баъд аз марги Уоткинс ҳамкории нашрия бо карикатуристони нав, аз қабили Том Лавери, Питер Дэвидсон ва Роберт Никсон (7 июли 1939 - 22 октябри 2002) оғоз гардид. Ҳамзамон нашрия бо нависандагон Ҷорҷия Баттл, Кейт Дюар, Жерард Дигнан, Крейг Фергюсон, Ҳектор Мак, Даниел Мак Гачей ва дигарон ҳамкори менамуд.

Нашрия аз ҷониби ширкати Бритониёӣ DC Thomson, ки онро Дэвид Купер Томсон (6 августи 1861 – 12 октябри 1954) дар соли 1905 таъсис дода буд, чоп мегардид. Аввалин солонаи "Oor Wullie" соли 2007 ба муносибати 70-солагии лентаҳо, ки да саросари Британия таҷлил мешуд, ба чоп баромад. Ҳамчунин баъд аз 10 ва 12 сол, яъне солҳои 2016 ва 2028 солонаҳо нашрия боз чоп гардидаанд [1, с. 4].

Нашрияи "2000 AD" (2000 таблиғ) як ҳафтаномаи бритониёӣ мебошад, ки ба фантастика нигаронида шудааст. Номи нашрия шакли кӯтоҳшудаи амрикоии advertisment мебошад, ки мазмуни 2000 эълон ё рекламаро ифода мекунад. Нашрия аввалин шумораи худро 26 феврали соли 1977 ба чоп баровард, ки он аз ҷониби ширкати бритониёӣ IPC Magazines нашр шудааст.

Нашрия дар солҳои 2000 ҳикояҳо ва расмҳои ҷолиброро дар ҳамкори бо як қатор рассомон ва нависандагоне, ки дар ин соҳа маъруф ҳастанд, ба монанди рассомон Брайан Болланд (таваллуд 26 марти 1951), Майкл Мак Махон (таваллуд 1954), нависандагон Алан Мур (таваллуд 18 ноябри 1953), Дейв Гиббонс (таваллуд 14 апрели 1949), Грант Моррисон (таваллуд 31 январи 1960), Ҷон Вагнер (таваллуд 1949), Алан Грант (9 феврали 1949 - 20 июли 2022) ва Гарт Эннис (таваллуд 16 январи 1970) ба чоп мебаровард.

Нашрия соли 1986 шумораи 500-уми худ ба чоп баровард. Дар ин солҳо, дар як ҳафта нашрия бо теъдоди 150 000 нусха фурӯхта мешуд. 28 феврали соли 2007 нашрия 30-солагии худро бо як шукӯҳу шаҳомат ҷашн гирифт ва аз моҳи декабри ҳамин сол сар карда, шумораҳои электронии худро низ, барои зеркашӣ кардан дар шакли PDF ба сомонаҳо паҳн намуд. Ҳамчунин дар аввали соли 2008 аз ҷониби нашрия эълон шуд, ки бойгонии шумораҳои соли 2007 низ дастрас хоҳанд гардид.

Дар тӯли фаъолияташ муҳарририи нашрияро №1–16 (1977) Пэт Миллс (таваллуд 1949), №17–85 (1977–1978) Келвин Госнелл, ёвари муҳаррир Ник Ландау дар соли 1978 худаш комиксро таҳрир кард, дар ҳоле ки Госнелл бо

дигар таҳрир машғул буд, №86–519 (1978–1987) Стив МакМанус (таваллуд 1953), №520–872 (1987–1994) Ричард Бертон, №873–914 (1994) Алан Маккензи, №915–977 (1994–1996) Ҷон Томлинсон, №978–1199 (1996–2000) Дэвид Бишоп, №1200–1273 (2000–2002) Энди Дигл (таваллуд 22 феврали соли 1971), №1274 – то ҳол (2002 – то ин дам) Мат Смит (таваллуд 31 октябри 1972) ба зимма гирифтаанд.

Нашрия дар мудати фаъолият карданаш ҷоизаҳои гуногунро ба даст овардааст: Аз ҷумла солҳои 1979, 1986, 1987, 1988, 1990 Ҷоизаҳои "Eagle"-ро зери шиори "Комиксҳои дӯстдоштаи Британиё" ба даст овардааст. Ҳамзамон солҳои 1992 "Ҷоизаи санъати комиксҳои Британиё" (Беҳтарин нашрияи давомдор), 1993 "Ҷоизаи санъати комиксҳои Британиё" (Беҳтарин нашрия), 1997 "Ҷоизаҳои миллии комиксҳо" (Беҳтарин комикси Британиё), 1998 "Ҷоизаҳои Миллии Комикс" (Беҳтарин Комикси Британиё), 1999 "Ҷоизаҳои миллии комиксҳо" (Беҳтарин комикси Британиё), 2004 "Ҷоизаҳои Diamond Comics" (Беҳтарин комикс), 2006 "Ҷоизаи Eagle" (Беҳтарин комиксҳои рангаи Британиё), 2007 "Ҷоизаи Eagle" "Комиксҳои дӯстдоштаи рангаи Британиё), 2008 "Ҷоизаи Eagle" (Комиксҳои дӯстдоштаи рангаи Британиё), 2010 "Ҷоизаи Eagle" (Комиксҳои дӯстдоштаи рангаи Британиё), 2011 "Ҷоизаи Eagle" (Комиксҳои дӯстдоштаи Британиё), 2012 "Ҷоизаи Eagle" (Муҳаррири дӯстдоштаи комиксҳо), 2013 "Ҷоизаи Эйснер" (Беҳтарин антология), 2014 "Ҷоизаи комиксҳои воқеии имондорон" (Комиксҳои дӯстдоштаи Британия) ва дигар ҷоизаҳоро соҳиб гардидааст [1, 5].

**Адабиёт**

1. Абдусалом М. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ, Standard english-tajik dictionary (нашри такмилшудаи сеюм). - Душанбе: ЭР-граф, 2015.

**Манбаъҳои электронӣ**

2. Scoops (magazine) (манбаи электронӣ) https://en.wikipedia.org/wiki/Scoops_(magazine) (санаи истифодабарӣ 15.12.2025)

3. Tales of Wonder (magazine) (манбаи электронӣ) https://en.wikipedia.org/wiki/Tales_of_Wonder_(magazine) (санаи истифодабарӣ 15.10.2025)

4. Oor Wullie (манбаи электронӣ) https://en.wikipedia.org/wiki/Oor_Wullie (санаи истифодабарӣ 10.11.2025)

5. 2000 AD (comics) (манбаи электронӣ) https://en.wikipedia.org/wiki/2000_AD_(comics) (санаи истифодабарӣ 15.05.2025)

# ТАЪСИСИ РАДИОИ ТОҶИК ВА МАВҚЕИ САНЪАТИ МУСИҚӢ ДАР ОН

**Тағойзода Шаҳноза Тағой**
унвонҷӯйи кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии
МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода"
734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбард, 73 а
Тел.: (+992) 90884 95 59
E-mail: shanita.shanita2016@gmall.com

**Аннотатсия:** Дар мақола мазкур мавзуи таъсиси Радиои тоҷик ва мавқеи санъати мусиқӣ дар он баррасӣ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** *таъсис, Радиои тоҷик, мавқеъ, санъат, мусиқӣ, радиошунавонӣ, жанр, журналистика, барномаҳои мусиқӣ, таҳия.*

## СТАНОВЛЕНИЕ ТАДЖИКСКОГО РАДИО И МЕСТО МУЗЫКАЛЬНОГО ИСКУССТВА

**Аннотация:** В данной статье рассматривается тема становления таджикского радио и место музыкального искусства в его деятельности.

**Ключевые слова:** *создание, таджикское радио, искусство, музыка, радиовещание, жанр, журналистика, музыкальные программы, подготовка.*

Дар замони муосир нақши воситаҳои электронии ахбори омма ҳамчун воситаи дастрастарини таъсиррасон калидӣ ҳисоб меравад. Дар байни воситаҳои ахбори омма шабакаи радио мавқеи муҳимро соҳиб мебошад. Радиои тоҷик аз замони таъсисаш то ба имрӯз дар тарбияи мусиқавии сокинони Тоҷикистон саҳми назаррасро молик мебошад. Аз ин рӯ ба омӯзиш ва баррасӣ кашидани мавзуи санъати мусиқӣ дар воситаҳои ахбори омма дар мисоли Радиои тоҷик то соҳибистиқлолӣ муҳим ба шумор меравад.

10 апрели соли 1930 нахустин маркази радиошунавонӣ кушода шуда, ба кор оғоз намуд ва он асоси бунёд ва рушду пешрафти барномаҳои мусиқии Радиои “Тоҷикистон” гардид. Тӯли 95 сол мешавад, ки радиои миллӣ рушду нумӯъ мекунад. Ҳамзамон бунёд ва фаъолияти редаксияи мусиқии он ва барномаҳои сершумори мусиқӣ таҳкиму инкишоф ёфтааст. Аз рӯзҳои аввал диққати асосӣ ба қонеъ гардонидани талаботи эстетикии (зебоипарастии) шунавандаи тоҷик, васеъ гардидани ҷаҳонбинии ӯ дар бораи дунёи бузурги санъати мусиқӣ дода мешуд. Бо кушодашавии Маркази радиошунавонӣ ба пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе навозандагони мардумӣ аз ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ, инчунин аз шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва водии Фарғона

меомаданд, то ин ки дар барномаҳои мухталифи мусиқӣ ширкат варзанд, зеро чунин барномаҳо дар ин давра нав таъсис дода мешуданд. Баҳри ҳалли масъалаи таъсис додани барномаҳои мусиқӣ соли 1932 ансамбли сарояндагон ва навозандагон ташкил карда шуд, ки эҷодиёти он асоси муҳими нахустин барномаҳои мусиқӣ ва банду басти мусиқии радиои ҷумҳуриявӣ гардид. Музаффари Рустам дар радио ба кор оғоз менамояд, ки ӯ дар солҳои минбаъда ходими маъруфу шинохтаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон мегардад.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) давраи ҳассоси ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб мерафт. Ин марҳилае буд, ки баромади фаъолонаи барномаҳои аҳамияти калони ватандӯстиву тарбиявӣ доштаро талаб мекард, банду басти чунин барномаҳо бошад, нақши муҳим доштанд. Ин ҷо қайд кардани суруди “Зафар”-и  Зиёдулло Шаҳидӣ, ки дар рӯзи Ғалаба- 9 майи соли 1945 эҷод гардида буд, хело бомаврид аст. Соли 1942 ходими барҷастаи санъати мусиқии классикии тоҷик Фазлиддин Шаҳобов дар радио ба кор шурӯъ мекунад. Вай роҳбари бадеии коллективҳои (дастаҳои) эҷодии радио таъин мешавад. Бо ташаббуси ӯ шуъбаи сабти овоз таъсис меёбад, ки вазифаи он аз ташаккулёбии сабтҳои фонди навозандагони ансамблҳои кумитаи радио, ҳамчунин ҳунармандоне, ки махсусан барои иштирок дар барномаҳои мухталиф аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ меомаданд, иборат буд. Самти муҳими шӯъбаи сабти овоз азнавсабткунии маводҳои аввалаи мусиқии радио буд, ки дар пластинкаҳои патефонӣ, дар сабти лентаи магнитӣ асос ёфта буданд. Корҳои дар он давра анҷомгардида имкон доданд, ки нахустин сабтҳо то имрӯз нигоҳ дошта шаванд. Вале мутаасифона бештари онҳо сифати пасти техникӣ доштанд ва аз ин рӯ имрӯзҳо барои пахши радио истифода бурда намешаванд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ барномаҳои Радиои тоҷик боз ҳам рушду нумӯъ мекарданд, ки ба он аз бисёр ҷиҳат ҳаллу фасли мушкилоти таъмини пурраи таҷҳизоти зарурии техникӣ мусоидат менамуд, ки он ба сифати сабти барномаҳои мусиқӣ, маҳсули эҷодии навозандагони тоҷик таъсири мусбат мерасонид. Аз соли 1948 “Фонди тиллоӣ”- и Радиои “Тоҷикистон” ташаккул ёфта, овозҳои шоиру нависандагон, роману қиссаҳои нависандагони тоҷик, рус, узбек, қазоқ, қирғиз, Аврупо ва ғайра, иҷроиши (навозиши) навозандагони маъруфи тоҷик, мусиқии мардумӣ ва классикӣ – “Шашмақом”, “Гуруғлӣ” ва инчунин барномаҳои бештар шавқовари радиотеатр сабт мегардиданд.[6] Далели мароқангези таърихи рушду инкишофи Радиои тоҷик солҳои фаъолияти бастакор Сергей Баласанян (аз 1949 то 1953) ба сифати раиси Кумитаи телевизион ва радиошунавонӣ мебошад. Бешаку шубҳа қайд кардан ҷоиз аст, ки С. Баласанян – офарандаи нахустин операҳои тоҷик (“Шӯриши Восеъ”, “Коваи оҳангар буда, инчунин асосгузори Иттиҳоди композиторони Тоҷикистон

мебошад. Саҳми муайянеро дар рушди сохтори радио, баландбардории маҳорати касбӣ ва сифати барномаҳои мусиқӣ гузоштааст.

То соли 1951 дар низоми Радиои "Тоҷикистон" ҳануз редаксияҳои алоҳида аз рӯи самтҳои алоҳида ҷудо нашуда буд, аз ин ҷост, ки мутахассисони зиёду гуногун дар ташкили барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, варзишӣ, фарҳангӣ ва мусиқӣ-фароғатӣ ширкат меварзиданд. Аммо аллакай соли 1954, ҳангоме, ки С. Баласанян ҷонишини раиси кумита таъин шуда фаъолият дошт, редаксияи бадеӣ – мусиқӣ таъсис дода шуд, ки сохтори аввалини мустақилу эҷодии радио буда, асоси рушди минбаъдаи барномаҳои мусиқӣ гардид. Муҳаррирони асосии ин редаксия бештар нависандагон, олимону адибон буданд, ба монанди Абдусалом Раҳимов (1951-1953), Файзулло Ансорӣ (1953-1956), Абдулқодир Маниёзов (1957-1966). Қайд кардан ба маврид аст, ки А. Маниёзов дар ташкил ва рушди барномаҳои мусиқӣ вобаста ба санъати "Шашмақом" саҳми босазое гузоштааст. Номбурда асосгузори барномаи аз ҷиҳати бадеӣ ва мусиқӣ хело ҳам наҷиби "Дурдонаҳои Шашмақом" мебошад.[10]

Соли 1959 редаксияи бадеӣ- мусиқӣ чун редаксияи барномаҳои бадеӣ-мусиқии Радиои тоҷик номгузорӣ карда шуд. Дар нимаи аввали солҳои 1960-ум Худоёр Қурбонбеков ба ҳайси муҳаррир ба радиои ҷумҳуриявӣ ба кор меояд ва минбаъд дар тӯли 38 сол дар рушду нумӯи редаксияи мусиқӣ, ташкили барномаҳои мухталифи мусиқӣ саҳми назаррас мегузорад.

Соли 1965 масъалаи таъсиси редаксияи алоҳидаи мусиқӣ, ҷудо кардани он аз редаксияи мавҷудаи барномаҳои адабӣ-мусиқӣ, ки назму адабиёти тоҷик алоқаманд буд, мавриди муҳокима қарор мегирад. Дар натиҷаи ин баррасӣ соли 1966 редаксияи мусиқии Радиои "Тоҷикистон" таъсис меёбад, ки онро Фазлиддин Шаҳобов роҳбари мекард.[13] Қайд кардан зарур аст, ки Фазлиддин Шаҳобов ҳамзамон роҳбари ансамбли "Шашмақомхонон" буд. Соли аввал фаъолияти он тарғиби мусиқии тоҷик буд. Ин редаксия дар амалисозии сабти сурудҳои мардумӣ ва классикӣ, асарҳои бастакорони тоҷик ва эҷодиёти ҳунармандон саҳми назаррасе гузоштааст. Қисми зиёди барномаҳо бо забони тоҷики сурат мегирифт, ҳамчунин, қисман бо забони русӣ. Муҳимияти рушди мусиқии классикии "Шашмақом"-ро дарк намуда, Фазлиддин Шаҳобов фаъолияти мусиқӣ-равшаннамоии худро дар радио ва телевизиони ҷумҳурӣ оғоз менамояд. Ин кори пурмаҳсули устоди санъати мусиқии классикӣ дар таърихи рушду инкишофи Радио тоҷик нақши муассире гузоштааст. Сенарияҳои барномаҳои баландистеъдоди муаллифии ӯ маҷмуаи намоишҳои радиоӣ дар бораи санъати "Шашмақом", дар бораи устодон ва созҳои мардумӣ, дар бораи навозандагони машҳури гузашта буданд. Ҳамчунин очеркҳои навиштаи ӯ дар бораи жанру анъанаҳои мусиқии тоҷик дар бораи воқеъаҳои ҳаёти мусиқии ҷумҳуриро низ қайд карданӣ ҳастем. Дар бойгоӣнии шахсии

бастакор композитсияҳои намоёну мароқангези назмиаш нигоҳ дошта шудаанд. Тӯли 26 соли кориаш дар радио ва телевизион –аз соли 1942 то соли 1968 - Фазлиддин Шаҳобов дар маърифату рушди санъати “Шашмақом” дар Тоҷикистон саҳми бузург гузоштааст.

Соли 1969 сармуҳарири редаксияи мусиқии радио оҳангсози намоёни тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ таъин карда мешавад. Дар давраи фаъолияти меҳантии ӯ ташкил ва пахши барномаҳои мусиқӣ рушду инкишофи минбаъда ёфтаанд. Таъкид карданием, ки маҳз дар ҳамин давра васеъшавию фарогирии муҳими ҳудудии радиои тоҷик аз вилояту ноҳияҳои мухталифи ҷумҳурӣ сурат гирифтааст. Зиёдулло Шаҳидӣ ба ҳайси сармуҳаррири редаксияи мусиқӣ танҳо як сол кор кард. Ва аллакай соли 1970 сармуҳаррири редаксияи мусиқӣ Музаффара Рустамова таъин мешавад. Дар давраи роҳбарии ӯ – аз соли 1970 то соли 1973- тамоми сабтҳои мавҷудаи “Фонди тиллои”- и Радиои “Тоҷикистон” аз формати радиои “Моно” ба “Стерео” аз нав сабт шуданд. Аз соли 1973 то соли 1974 редаксияи мусиқиро Абдулҳай Асроров роҳбарӣ мекард. Соли 1974 Кумитаи телевизион ва радиошунавоиро Аминҷон Шукуҳӣ роҳбарӣ мекард ва ӯ оҳангсози ҷавон Қудратулло Яҳёевро барои кор кардан ба ҳайси сармуҳаррири редаксияи мусиқии Радиои “Тоҷикистон” даъват мекунад.

Қудратулло Яҳёев ба ҳайси сармуҳаррир аз соли 1974 то соли 1977 адои вазифа намуд. Ӯ хатмкардаи Донишкадаи педагогии ба номи Гнесиних бо ихтисоси композитсия мебошад, алъон Академияи мусиқии Руссия дар синфи бастакори барҷастаи Шӯравӣ Арам Хачатурян. Давоми ин солҳо дар редаксияи мусиқӣ ҳамчунин муҳаррирони зерин кору фаъолият доштанд: Худоёр Қурбонбеков, Собир Султон, Юсуфҷон Аҳмадзода, Татяна Айрапетянс, Людмила Сулаева. Ду нафари охир барномаҳои русиро мебурданд.

Вобаста аз руи сеткаи барномаҳои Радиои “Тоҷикистон”, редаксияи мусиқӣ 3 барнома дошт. Онҳо асосан аз консертҳо иборат буданд, ҳангоми пахш сабт мешуданд. Муҳаррири ин самти барнома Қ. Раҷабов буд. Барномаи дуюмро ва баъдан якумро низ Абдулло Султонов бандубаст (тарҳрезӣ) мекард, ки он дар асоси мактубҳои шунавандагон ва хоҳиши онҳо тарҳрезӣ мегардид. Чунин намоиш “Мувофиқи талаб” ном дошта баранда он Собир Султон ва Юсуфҷон Аҳмадзода буданд. Онҳо ҳамчунин дигар барномаҳоро тарҳрезӣ мекарданд, масалан, “Сурудҳо бар ашъори Файзулло Ансорӣ”, “Сурудҳо бар ашъори Аминҷон Шукуҳӣ” ва ҳоказо.

Дар ин давра яке аз барномаҳои маъмул барномаҳое буданд, ки Худоёр Қурбонбеков бандубаст мекард. Барномаҳо чашмбандӣ (фокусӣ) буданд. Мисол, барои саҳар то ин ки ба шунавандон табъи болида бахшида шавад барномаи “Дилафрӯз” пешкаш карда мешуд, ҳангоми нисфирӯзӣ бошад барнома барои кормандони хоҷагии деҳқонӣ пахш карда мешуд.[19]

Қудратулло Яҳёев ҳамчун мутахассиси баландихтисос дар рушду пешрафти фаъолияти редаксияи мусиқӣ саҳми арзанда гузоштааст, ки он бо тарғиби санъати касбии мусиқии ҷаҳонӣ ва тоҷик вобастагӣ дорад. Аммо чунин ташаббуси муҳиму саъюу талоши ӯ на ҳамеша аз ҷониби роҳбарияти кумита дастгирӣ карда мешуд. Тавре ки худи Қ. Яҳёев ёдовар мешавад, вақте ки барномаи мусиқии консертӣ иборат аз асарҳои синфонии Д. Шостакович ё консертҳо барои фортопианои С. Рахманинов гузошта мешуд, ба суроғаи редаксия суханони хуб гуфта намешуданд: "Онҳо мехостанд, ки мо жанрҳои мусиқии касбиро ташвиқу тарғиб накунем ва танҳо асосан бо мусиқии эҷодиёти мардумӣ маҳдуд бошем, Қудратулло Яҳёевро якчанд маротиба барои суҳбат ба раиси хонаи радио даъват карданд, ки дар он ҷо ба ӯ маслиҳату тавсияҳо медоданд, ки пеш аз ҳама, бояд мусиқии классикӣ ва мардумии тоҷикон тарғиб карда шуда, дар барномаҳо бояд сурудҳо дар иҷрои Одина Ҳошим, Зафар Нозим, Ҷурабек Мурод ва дигарон садо диҳанд. Ӯ ба ин андешаҳо розӣ намешуд, кӯшиш мекард, ки собит созад, ки натанҳо мусиқии мардумӣ балки дигар мусиқӣ низ тавассути радио садо диҳад. Яке аз чунин барномаҳо, ки дар андозаи муайян мухолифати мавҷуда ва нофаҳмиҳоро ҳаллу фасл мекард, ин барномаи "Рисолаи мусиқӣ" буд. Дар он бо тартиби алифбо бо навбат сурудҳои сарояндагон, созҳои мусиқӣ ва ғайра дида баромада мешуданд. Масалан, бо ҳарфи "А" суръати мусиқӣ – Адажио алоқаманд аст. Ба шунавандагон нақл мекарданд, ки Адажио чист ва ин чи гуна хусусияти мусиқист. Қ. Яҳёев ёдовар мешавад, ки барандагони бештари барномаҳои мусиқӣ аз мусиқии касбӣ дур буданд ва мегуфтанд, ки дар хонаи радио кор мекунем ва чӣ будани ажадио ва сози алтро намедонем.[20]

Қ. Яҳёев ҳамчунин сармуҳаррир саъю талош ба харҷ медод, ки доираи барномаҳои мусиқиро аз ҳисоби пешниҳоди жанрҳои мухталиф васеъ гардонад. Паҳлуи муҳими ин фаъолият ҳаллу фасли мушкилоти сабти асарҳои бастакорони тоҷик буд. Бо ташаббуси Қ. Яҳёев роҳбарияти Радиои тоҷик ба Радиои умумишӯравӣ ба мақсади дарёфти имкониятҳои сабти асарҳо муроҷиат менамояд. Дар натиҷа бо ҳамбастагӣ бо оркестри Маскав чунин асарҳои бастакорони тоҷик, ба монанди достони синфонии Саид Ҳамроев "Аҳмади Дониш", "Се мусаввараи симфони"-и Зиёдулло Шаҳидӣ, "Тантана"-и Толиб Шаҳидӣ, "Увертюраи Тоҷикистон"-и Дамир Дустмаҳмадов сабт гардиданд. Кушодашавии (фатҳи) ин хати ҳамкорӣ бо Радиои умумишуравӣ имкон медод, ки фонди Радиои тоҷик васеъ ва ғанӣ гардонида шаванд.

Барномаҳои мусиқии ин давра бо номе раҳои мусиқӣ ба тавсиф мерасиданд Кори мазкурро коргардан Тағоймурод Шарипов амалӣ мегарданд, ҳарчанд ки навозандаи касби набуд, аммо ба туфайли таҷриба ва фаҳми умумиву бойи мусиқиаш дарк мекард, ки чи гуна номераҳои мусиқӣ заруранд

ва дар фонетекаи баст барои бандубастӣ намоишҳои мушаххас онҳо чи тавр пайдо кардан мумкин аст.[22]

Аз соли 1977 то соли 1983 сармуҳаррири редаксияи мусикӣ Абдуҷаббор Ваҳобов таъин мешавад.[23] Тӯли ин солҳо дар фаъолияти редаксияи мусиқӣ Исматулло Саидов ширкат варзидан мегирад. номбурда то ин замон дар онҷо кору фаъолият дорад. Соли 1978 кумитаи радиошунавоӣ мақоми нав пайдо кард Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 1979 сармуҳарири редаксияи мусиқӣ Сайфулло Раҳимов (Сайф Раҳимзоди Афардӣ) таъин карда мешавад.

Дар маҷмуъ солҳои 80-ум марҳилаи муҳим ва хело ҳам сермаҳсули рушди барномаҳои редаксияи мусиқии радиои тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ин солҳо ба редаксияи мусиқӣ мутахассисони ҷавону боистеъдод бисёр меоянд. Соли 1981 Исматулло Саидов дар заминаи азнавсабткунӣ аз формати "моно" ба формати "стерео" маводҳои зиёде омода мекунад.[26]

Дар солҳои 80-ум самти муҳими Радиои тоҷик пайвандгари радиоии байни шаҳрҳои собиқ Шӯравӣ мегарданд, ки дар онҳо коргардонҳои овоз И. Саидов, В. Шликов бевосита иштирок намуданд. Аз рӯи ёддоштҳои онҳо ин пайвандӣ бо Тошканд, Алмаато, Москва ва бо пойтахтҳои кишварҳои назди Балтика буданд.

Аз соли 1983 то соли 1989 Раҳмат Эшонов сармуҳаррири редаксияи мусиқӣ таъин мегардад. Номбурда дар фаъолияти редаксия фикрҳои наву тоза, барномаҳои ҷолиб зиёд ворид намуда, ба шунавандагон саволҳои проблемавӣ пешниҳод карданро дӯст медошт. Соли 1982 баъд аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба редаксия барои кору фаъолият рӯзноманигор Шаҳобиддин Ҳақназаров меояд. Номбурда фаъолияти худро аз шӯъбаи сабти овоз оғоз мекунад. Ба вазифаи у санҷидан ва таҳлил кардани сурудҳои ансамблҳо ва сароядагон, ки дар студия сабт мегардиданд, медаромад сифати касбии матни сурудҳо, мазмуну маънои онҳо, ки ба шунавандагон дастрасу фаҳмо будан, яке аз шартҳои муҳиме буд, ки Ш. Ҳақназаров метавонист розигии худро диҳад. Вай тӯли 8 сол ба ҳайси муҳаррири хурд кор кард. Рӯзноманигор солҳои 1983-1984 барномаи "Мувофиқи талаб"-ро ворид намуд, ки дар он мекушиданд, ки хоҳиши шунавандагонро иҷро намоянд. Ҳамчунин қайд карданием, ки аз соли 1984 бастакор Амирбек Мӯсоев, ҳамчун сардори дастаи навозандагони созҳои мардумӣ ба фаъолияти эҷодӣ дар радио оғоз менамояд.

Солҳои 1985-1986 Ш. Ҳақназар баровардани радиомаҷаллаи "Созу тараб" ташкил карда, дар солҳои 1986-1987 барномаи "Навоҳанг"-ро оғоз мекунад, ки он дар хусуси мушкилоти имрӯзаи санъати мусиқӣ нақл мекард.[29] Соли 1988 барномаи нави Шаҳобиддин Ҳақназаров –"Суруди зиндагӣ" пайдо

шуд.[30] Ҳангоме ки Ш. Ҳақназаров дар шӯъбаи сабти овоз фаъолият мекард, вай таҷрибаи калон андӯхт, донишҳои зарурироо аз худ намуд, расму қоидаҳои ҷудо карда сабт намудани маводи мусиқиро ёд гирифт. Вай таъбу завқи шунавандагонро хуб меомӯхт, чи ба онҳо маъқул асту чи маъқул нест, кадом суруд маъқул, кадомаш не; аз хусуси маҳорати сароянадагон, навозандагон, ҳунармандон огоҳии хуб дошт. Ҳамаи ин ба ӯ имкон доданд, ки барномаи наве таҳти унвони "Садои дили ромишгар" таъсис диҳад, ки дар он дар хусуси эҷоду ашъори сароянадагон, бастакорон, навозандагон ва дигар ходимони санъат нақл карда мешуд. Худи Шаҳобиддин Ҳақназаров бар он андеша аст, ки ҳар як рӯзноманигоре, ки хоҳиши дар редаксияи мусиқӣ кор карданро дорад, бояд дар бораи санъати мусиқӣ, анъанаҳои мусиқии тоҷикон донишҳои зарурӣ дошта бошад, талаботи шунавандагонро ҳис карда тавонад ва имкониятҳои бештарини қонеъ гардонидани онҳоро пайдо кунад.

Дар давраи солҳои 1989-1991 Қудратулло Яҳёев дуюмбора сармуҳаррири редаксияи мусиқии Радиои "Тоҷикистон" таъйин мегардад.[30] Воқеаи муҳими ин давра Қарори Ҳукумати Тоҷикистон (1991) дар бораи ба ансамбли "Шашмақом"-и Кумитаи давлатии телевизион ва радиошунавонӣ додани номи Фазлиддин Шаҳобов гардид.[33] Ҳамчунин қайд карданием, ки соли 1989 Ш. Ҳақназаров аз шӯъбаи сабти овоз ба редаксияи мусиқӣ гузашта маҷаллаи радиоии "Зулхамс"-ро таъсис дод.[34]

Дар ин ҳангом дар редаксияи мусиқӣ чунин устодон, ба монанди Собир Султон, Худоёр Қурбонбеков, Зафарон Муҳаббатова, Наҷминиссо Умарова, Абдулло Султон ва Музаффара Рустамова кору фаъолият доштанд.[35]

Дар рушду инкишофи барномаҳои мусиқии Радиои "Тоҷикистон" охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 90-ум дастаҳои мусиқӣ нақши муҳим бозидаанд. Ин оркестри асбобҳои мусиқӣ, ансамблҳои "Шашмақом", "Зебо" , "Ҷаҳоноро" , " Дарё", ҳамчунин оркестри эстрадии "Гулшан". Сабтҳои зиёди ин дастаҳо ба фонди тиллоии Радиои тоҷик ворид шудаанд. Охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум барои Тоҷикистон солҳои басо мураккаб буданд. Дар ин солҳо ҳар гуна низоъҳои иҷтимоӣ вобаста ба бӯҳрони умумӣ, ки собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ аз сар мегузаронд ва он оқибат ба барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон оварда расонд.

Хулоса, мавқеи санъати мусиқӣ дар Радиои тоҷик ба пайдоиш ва ташаккули шабакаи Радиои "Тоҷикистон" ва дар он таъсис ёфтани идораи барномаҳои мусиқӣ вобастагии калон дорад. Тавассути барномаҳои мусиқии Радиои тоҷик имкон ба вуҷуд омадааст, ки санъати мусиқӣ дар байни аҳолии Тоҷикистон тарғибу ташвиқ гардад ва ба ин васила тарбияи мусиқавии онҳо ба роҳ монда шавад. Барномаҳои мусиқавӣ боиси тарбияи мусиқавии аҳолӣ

гардидааст. Инчунин ин барномаҳои радиоӣ истироҳату фароғати аҳолиро таъмин намуда, боиси ба санъати мусиқӣ мароқ зоҳир намудани онҳо шудааст, ки дар ин кори муҳим бо мавқеъ пайдо намудани санъати мусиқӣ нақши Радиои тоҷик хеле мондагор ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт:**


1. Горохова А. В. Возникновение радиовещания как средства массовой информации: первые теории развития радиовещания и его влияния на общество // Вестник культурологии. 2011. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/vozniknovenie-radio veschaniya-kak-sredstva-massovoy-informatsii-pervye-teorii-razvitiya-radioveschaniya-i-ego-vliyaniya-na-obschestvo

2. Маьмурзода Н. М. "Газета без бумаги и без расстояний": из истории становления и развития радио в Хатлонском регионе Таджикистана. Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. 2016. № 1-2 (37). С. 30-37.

3. О.Я.Зорина, И.В.Хажеева. Организация системы государственного управления радио в СССР в 1920-е годы. https: //cyberleninka.ru /article/n/organizatsiya-sistemy-gosudarstvennogo-upravleniya-radio-v-sssr-v-1920-e-gody-na-primere-tyumeni.pdf

4. Шерель А. Аудиокультура XX века. – М.: Прогресс-Традиция, 2004.

5. Саидмуроди Хоҷазод. Таърихи Радиои тоҷикистон, қисми 1, Душанбе, “Деваштич”, 2006, 144 саҳ.

6. Шахноза Розикова. Музыкальные программы Таджикского радио и телевидения: основные этапы становления и приоритеты развития. Душанбе, 2019

7. Саидзода О. Ҳабибулло Абдураззоқов ва «Театри як ҳунарманд»-и Радиои «Тоҷикистон». https://elibrary.ru/ download/ elibrary_42665525_33326394.pdf

8. Матхолов О. Вклад исторических программ радио "Таджикистан" в формирование национального самосознания. Вестник культуры. 2014. № 4 (28). С. 102-105.

# НАҚШИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ВА ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ: ТАҶРИБАИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Маъмурзода Носирҷон**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
сармуҳаррири рӯзномаи “Хатлон”
735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 918-69-64-66,
E-mail: nosirjon@mail.ru

**Аннотатсия:** Мақолаи мазкур ба таҳлили нақши воситаҳои ахбори омма (ВАО) дар таҳкими сиёсати давлатӣ ва рушди фарҳанги иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф бо такя ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва суханронии раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид (11 марти соли 2025) таъсири ВАО-ро дар татбиқи сиёсати иттилоотии миллӣ, боло бурдани маърифати шаҳрвандӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ таҳлил мекунад. Дар мақола ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии фаъолияти ВАО, мушкилоти рушди онҳо дар шароити рақамигардонӣ ва ҷаҳонишавӣ, инчунин роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иттилоърасонӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф зарурати такмили қонунгузории соҳа, дастгирии молиявӣ ва омӯзиши кадрҳоро ҳамчун унсурҳои калидии рушди устувори ВАО-и маҳаллӣ таъкид мекунад.

**Калидвожаҳо:** *ВАО, сиёсати давлатӣ, фарҳанги иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, Тоҷикистон, вилояти Хатлон, расонаҳои рақамӣ, амнияти иттилоотӣ, журналистикаи таҳлилӣ*

# РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В УКРЕПЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ И ИНФОРМАЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ: ОПЫТ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

**Аннотация:** Статья посвящена анализу роли средств массовой информации (СМИ) в укреплении государственной политики и развитии информационной культуры в Республике Таджикистан. Автор, опираясь на Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона, и выступление председателя Хатлонской области Давлатали Саида (11 марта 2025 года), рассматривает влияние СМИ на реализацию национальной информационной политики, повышение гражданской культуры и защиту государственных интересов. В статье анализируются правовые,

социальные, политические и культурные аспекты деятельности СМИ, проблемы и вызовы цифровизации и глобализации, а также пути повышения эффективности медийной сферы. Автор подчеркивает необходимость совершенствования законодательства, финансовой поддержки и профессиональной подготовки кадров как ключевых факторов устойчивого развития местных СМИ.

**Ключевые слова:** *СМИ, государственная политика, информационная культура, глобализация, Таджикистан, Хатлонская область, цифровые медиа, информационная безопасность, аналитическая журналистика.*

Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, нақши воситаҳои ахбори омма (ВАО) дар ҷомеа бисёр таъсиргузор шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ибтидои даврони соҳибистиқлолӣ роҳи таҳкими давлатдории миллӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифтааст, ВАО ба унвони абзори муҳими сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ баромад мекунад. Онҳо дар баробари манбаи иттилоот будан, ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, тарғиби арзишҳои давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ амал мекунанд.

Бо такя ба суханронии раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид (11 марти соли 2025, бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик) [1], ки як ҳуҷҷати муҳими таҳлилӣ ва сиёсӣ дар самти рушди расонаҳои маҳаллӣ ба шумор меравад, мақолаи мазкур нақши ВАО-ро дар таҳкими сиёсати давлатӣ ва фарҳанги иттилоотӣ дар давраи Истиқлол мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ (соли 1991), Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти озоди ВАО-ро бо такя ба меъёрҳои Конститутсия ва санадҳои байналмилалӣ таҳким бахшид. Моддаи 30-и Конститутсия озодии баён ва нашрро кафолат дода, ҳуқуқи шаҳрвандонро ба дастрасӣ ва интишори иттилоот муайян мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», ҳамчунин як қатор санадҳои соҳавӣ заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти журналистӣ фароҳам овардаанд. Бо вуҷуди ин, таҳаввули босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва гузариш ба медиаи рақамӣ заруратиислоҳи баъзе моддаҳо ва мутобиқ намудани онҳо ба воқеияти муосирро ба миён овардааст.

Аз нуқтаи назари сиёсати давлатӣ, Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун ҳуҷҷатҳои стратегӣ, ҳамеша ба масъалаҳои озодии баён, фарҳанги ахлоқӣ, тарбияи шаҳрвандӣ ва рушди ВАО таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. “Рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати

истифодаи теънологияҳои рақамӣ ва истифодаи васеи зеҳни сунъӣ" [2, с.8-9] аз ҷумлаи самтҳои муҳимме мебошанд, ки ба таъкиди Роҳбари давлат мақомоти дахлдори давлатӣ бояд диққати аввалиндараҷа диҳанд. Дар ин замина, дастгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ, хоса дар вилояти Хатлон низ яке аз унсурҳои муҳими пешбурди сиёсати иттилоотии кишвар ба шумор меравад.

Фарҳанги иттилоотӣ яке аз ҷузъҳои муҳими рушди ҷомеаи муосир аст. Он қобилияти истифодаи иттилоот, шинохти арзишҳои ахлоқӣ, таҳлилӣ ва интиқодиро дар бар мегирад. Дар ин замина, ВАО бояд ҳам нақши хабаррасон, ҳам вазифаи омӯзанда ва тарбиявиро ба уҳда гирад.

Масъулияти иҷтимоии журналистика, яъне ростқавлӣ, санҷиши далелҳо, худдорӣ аз хабарҳои ғаразнок ва сенсатсионӣ, ба пояи асосии фарҳанги иттилоотӣ табдил меёбад. Суханронии болозикри раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид низ таъкид мекунад, ки расонаҳои маҳаллӣ бояд ба тарғиби арзишҳои миллӣ, таҳкими худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ саҳм гузоранд. "Мо мебинем, ки дар шароити имрӯза, ки фазои иттилоотӣ хеле васеъ ва гуногунранг шудааст, нақши матбуоти миллӣ дар муқовимат бо иттилооти ғаразнок ва ҳифзи манфиатҳои давлатӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Мавзуъҳои муҳими дигаре, ки аз ҷониби ВАО-и вилоятӣ пайгирӣ мешаванд, ин тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносию худогоҳӣ, тарғиби маърифати ҳуқуқӣ ва ташвиқи илму дониш мебошад" [1].

Дар вилояти Хатлон фаъолияти наздик ба сад расонаи чопӣ ва электронӣ ба қайд гирифта шудааст, ки қисми зиёди онҳо давлатӣ мебошанд. Тавре дар суханронии раиси вилоят омадааст, рушди порталҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва васоити онлайнӣ нишондиҳандаи мутобиқшавии ВАО ба шароити рақамӣ мебошад.

Аз нигоҳи мо дастовардҳои ВАО-и маҳаллӣ дар вилояти Хатлон аз ин қароранд:

- тақвияти пойгоҳи моддию техникии нашрияҳои вилоятӣ;
- афзоиши шумораи расонаҳои соҳавӣ ва хусусӣ;
- пайдоиши сомонаҳои хабарии интернетӣ ва саҳифаҳои фаъоли расонаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ;
- ташаккули муҳити рақобатпазири иттилоотӣ ва болоравии савияи касбии хабарнигорон.

Бо вуҷуди дастовардҳо, ВАО-и маҳаллӣ бо як қатор мушкилоти устувор рӯбарӯ мебошанд, ки ба шакли тезис чунин хулоса кардан мумкин аст:

- камбуди таҷҳизоти муосир ва инфрасохтори техникӣ;
- норасоии кадрҳои баландихтисос ва набуди барномаҳои мунтазами такмили ихтисос;

- мушкили молиявӣ ва вобастагӣ аз дастгирии давлатӣ;

- камбуди таҷрибаи истифодаи технологияҳои рақамӣ ва воситаҳои визуалӣ.

Ҷомеа дар рушду такомул ва пешрафт аст, аз ин хотир, ниёзҳои аудитория торафт дигар мешавад ва бояд рӯзноманигор маводе пешниҳод кунад, ки аз фаҳмиши аудитория баланд бошад, то тавонад онро аз паси худ барад. Маълум аст, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳову манфиатҳои геополитикӣ нақши воситаҳои ахбори омма ба маротиб боло рафтааст. Имрӯз расонаҳое дар ин олами пур аз рақобат муваффақ ҳастанд, ки бо кадрҳои соҳибкасбу соҳибтахассус таъмин аст. Журналистон бояд дар баробари донишҳои замонавию маҳорати касбӣ доштан, ҳамчунин усулҳои муосири иттилоърасониву технологияҳои иттилоотиро донанд ва кор фармуда тавонанд.

Медиаи нав ё расонаҳои рақамӣ ба фаъолияти ВАО-и анъанавӣ, бахусус ба матбуоти даврӣ, то ҷое таъсир расонданд. Аксари нашрияҳо ҳафтае як-ду маротиба ва маҷаллаҳо моҳе як маротиба нашр мешаванд. Дар ҳоле ки расонаҳои рақамӣ хабару гузоришҳоро ба таври онлайнӣ, дар вақти воқеӣ интишор мекунанд, табиист, ки хонандагон бештар ба манбаъҳои онлайнӣ рӯ меоранд. Зеро ба ин васила онҳо иттилооти навро зудтар ва бо тавзеҳоти бештар дастрас карда метавонанд.

Имрӯз аксари мардум хабару маълумотро тавассути смартфон ва васоити рақамӣ дастрас мекунанд. Онҳо видеои кӯтоҳ, инфографика ва хабарҳои мухтасарро афзал медонанд, ки ин журналистикаи анъанавиро маҷбур месозад бо шаклҳои нави пешниҳоди маълумот мутобиқ шавад.

Гузариш ба расонаҳои рақамӣ имкониятҳои нав фароҳам овардааст, аммо ҳамзамон боиси пайдоиши мушкилоти ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ низ шудааст. Медиаи рақамӣ имкон медиҳад, ки иттилоот бо суръат паҳн гардад, аммо талабот ба санҷиши воқеият (fact-checking) ва масъулияти ҳуқуқӣ низ афзун мегардад. Ба гуфтаи раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, рӯзномаи “Хатлон”, ҳарчанд теъдоди нашри як шумораи он беш аз 16 ҳазор нусха аст, бо истифода аз шаклҳои электронии интишор ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ аудиторияи моҳонаи худро то беш аз ним миллион нафар расонидааст, ки ин нишондиҳандаи мутобиқшавии расонаҳои анъанавӣ ба муҳити рақамӣ мебошад. “Аз ин ҳисоб ҳудуди 10-15%-и хонандагони варианти электронии рӯзномаи “Хатлон” аз хориҷи кишвар, асосан Россия, Ӯзбекистон ва Афғонистон будаанд. Яъне, дигар нашрияҳо низ барои муаррифии маводи эҷодии худ аз ин имкониятҳо истифодаи пурсамар карда метавонанд” [1].

Яке аз бартариҳои нашрияҳои даврӣ дар журналистикаи таҳлилӣ метавонад бошад. Яъне, агар хабарҳои кӯтоҳро расонаҳои рақамӣ зудтар паҳн

кунанд, таҳлили амиқ ва маводҳои таҳқиқотӣ метавонанд бартарии матбуоти анъанавӣ бошанд. Албатта, истифодаи инфографика, подкаст, видео ва дигар шаклҳои интерактивии расонидани маълумот низ муҳим мебошад.

Хоҳу нохоҳ, матбуоти даврии анъанавӣ зери таъсири расонаҳои рақамӣ тағйир меёбад, вале бо шарти мутобиқшавӣ ба замон ва имкониятҳои медиаи нав метавонад рақобат кунад. Ояндаи он аз муттаҳид кардани усулҳои беҳтарини журналистикаи касбӣ бо имкониятҳои технологияи рақамӣ вобаста аст.

Дар шароити нави иттилоотӣ зарурати таҳияи қонунгузории мушаххас дар бораи фаъолияти расонаҳои рақамӣ, блогерҳо ва муҳтавосозон ба миён омадааст. Ин масъала бояд ба таври мутавозин миёни озодии баён ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ танзим гардад.

Бо назардошти таҳлили дастовардҳо ва мушкилот, роҳҳои зерин барои рушди устувори ВАО-и маҳаллӣ пешниҳод мешаванд:

1. Такмили ихтисос ва бозомӯзии доимӣ. Таҳия ва татбиқи барномаҳои омӯзишӣ оид ба журналистикаи таҳлилӣ, санҷиши далелҳо, истифодаи васоити визуалӣ ва рақамӣ.

2. Тақвияти инфрасохтори техникӣ. Таъмин намудани расонаҳо бо таҷҳизоти муосир, интернети босифат ва системаи устувори барқ.

3. Дастгирии молиявӣ ва грантӣ. Ҷорӣ кардани барномаҳои грантӣ, имтиёзҳои андозӣ ва маблағгузории давлатӣ барои нашрияҳои даврии маҳаллӣ.

4. Ҳамкории бо ВАО-и ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва табодули таҷриба. Ҳамкорӣ бо расонаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои омӯзиши таҷрибаи пешрафтаи журналистикаи рақамӣ.

5. Таҳкими қонунгузорӣ. Мутобиқ намудани санадҳои ҳуқуқӣ ба талаботи медиаи рақамӣ, таъмини шаффофият ва озодии иттилоот бо масъулияти иҷтимоӣ.

Воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлол ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми рушди ҷомеаи демократӣ ва таҳкими фарҳанги иттилоотӣ баромад мекунанд. Онҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, тарғиби сиёсати давлатӣ, боло бурдани маърифати шаҳрвандӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ нақши муассир доранд.

Суханронии раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид (11 марти соли 2025) нишон медиҳад, ки дар вилояти Хатлон иқдомҳои ҷиддӣ барои рушди ВАО амалӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин, мушкилоти техникӣ, кадрӣ ва ҳуқуқӣ ниёз ба ҳалли минбаъда доранд.

Барои расидан ба сатҳи баланди рақобатпазирӣ ва таъсиррасонӣ расонаҳои маҳаллӣ бояд ба таҷдиди сохторӣ, истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва таҳкими масъулияти иҷтимоӣ рӯ оваранд. Танҳо дар ин сурат ВАО

метавонад ба рушди устувори сиёсати давлатӣ ва таҳкими фарҳанги иттилоотии ҷомеаи тоҷик мусоидат намояд.

**Манобеъ**

1. Суханронии раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар мулоқот бо намояндагони воситаҳои ахбори омма бахшида ба рӯзи матбуоти тоҷик дар мавзуи «Воситаҳои ахбори омма ва рушди онҳо дар вилояти Хатлон». - Бохтар, 2025. - 11 март.

2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2024. – Душанбе: Шарқи озод, 2025. – 40 с.

## ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ТАҲИЯИ МАТНИ БАРНОМАҲОИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ

**Мирзода Зулфия**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода”
734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбард, 73 а
Тел.: (+992) 93876 47 47
E-mail: mirzoda@mail.ru

**Аннотатсия:** Зеҳни сунъӣ дар замони муосир ба унвони воситаи навоварона дар соҳаи журналистика ва телевизион нақши муҳим мебозад. Истифодаи он дар таҳияи матни барномаҳои телевизионӣ имконият медиҳад, ки равандҳои эҷодӣ ва таҳлилӣ бо суръат ва дақиқӣ амалӣ гарданд. Зеҳни сунъӣ метавонад дар таҳияи жанрҳои гуногун, аз ҷумла хабарӣ, таҳлилӣ ва фарҳангӣ, саҳм гузорад ва ба баланд бардоштани касбият ва сифати барномаҳо мусоидат намояд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати иттилоотӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ барои телевизион зарур аст, зеро он ба таҳияи наворҳо ва барномаҳои дорои мазмун ва шакли ҷолиб мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** вижагиҳо, зеҳни сунъӣ, истифода, соҳавӣ, журналистика, телевизион, касбият, омӯзиш, жанр, барнома.

## ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИСКУССТВЕННОГО ИНТЕЛЛЕКТА ПРИ РАЗРАБОТКЕ ТЕКСТА ТЕЛЕВИЗИОННЫХ ПРОГРАММ

**Аннотация:** Искусственный интеллект в современную эпоху выступает как инновационный инструмент в сфере журналистики и телевидения. Его

применение при подготовке текстов телевизионных программ позволяет ускорить и повысить точность творческих и аналитических процессов. Искусственный интеллект способен участвовать в создании различных жанров — новостных, аналитических и культурных, способствуя росту профессионализма и качества телепередач. В условиях глобализации и информационной конкуренции использование искусственного интеллекта становится необходимым для телевидения, так как оно помогает создавать видеосюжеты и программы с содержанием и формой, привлекательной для аудитории.

**Ключевые слова**: *особенности, искусственный интеллект, использование, специализированный, журналистика, телевидение, профессионализм, обучение, жанр, программа*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 ноябри соли 2023 дар саммити Барномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) дар шаҳри Боку зимни суханронӣ чунин изҳор намуданд: «Дар марҳалаи дарпешистода дар амал татбиқ намудани зеҳни сунъӣ метавонад яке аз самтҳои дигари ҳамкорӣ дар доираи Барнома бошад. Дар чорчӯбаи “Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040”, ки соли гузашта қабул гардидааст, кишвари мо дар ин самт иқдомоти мушаххас андешида истодааст. Пешниҳод дорем, ки дар пойтахти Тоҷикистон Маркази СПЕКА оид ба рушди зеҳни сунъӣ таъсис дода шавад»[1].

Тоҷикистон дар Осиёи марказӣ аввалин шуда бо дастгирии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Стратегияи рушди зеҳни сунъиро қабул намуд. Инчунин, консепсияи рушди иқтисодиёт то давраи соли 2040 низ қабул шудааст, ки метавонад заминаи хубе барои рушди зеҳни сунъӣ дар кишвар гардад. Инчунин, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (AITR) таъсис дода шудааст, ки барои рушди соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), инноватсия ва рақамисозии иқтисоди миллӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ ва ҳавасмандгардонии стартапҳо ва тиҷоратҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Дар ин замина, бояд қайд намоем, ки санаи 7 апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кушодашавии расмии бинои IT – Парки шаҳри Душанбе, ки дар доираи намоишгоҳи “ICT WEEK-2025” ширкат варзиданд, ин худ нишоне аз таваҷҷуҳи роҳбарият ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаи зеҳни сунъӣ мебошад.

Имрӯз мо бояд яке аз муҳимтарин мавзуъҳои замони ҳозира – татбиқи зеҳни сунъӣ дар Тоҷикистонро баррасӣ намоем. Зеро Зеҳни сунъӣ (AI) танҳо як

тамоюл ё фантазияи илмӣ нест. Ин як воситаи тавоное аст, ки иқтисодиёт, тиб, маориф, кишоварзӣ ва ҳатто идораи давлатиро дигар мекунад. Кишварҳои пешрафта аллакай зеҳни сунъиро барои оптимизатсияи истеҳсолот, идоракунии додаҳои калон ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ истифода мебаранд. Зеҳни сунъӣ як соҳаи информатика ва илми компютерӣ мебошад, ки метавонад дар қарорқабулкунӣ кумак намояд. Зеҳни сунъӣ ин фанновариест, ки бо компютерҳо ва системаҳо қобилияти иҷро кардани вазифаҳое мебошад, ки қаблан иҷро гардидаанд. Аслан зеҳни сунъӣ кам кардани қувваи меҳнат тавассути технология аст. Аксар вақт кормандони шабакаҳои телевизионӣ ба "ёрдамчиёни рақамӣ" - и худ реҷа ва вазифаҳои механикӣ медиҳанд. Ва натиҷаи кори AI ҳамеша аз ҷониби корманди пурра дар вақти муайян тафтиш карда мешавад. Масалан, дар шабакаи телевизионии "Чашми сайёҳ" зеҳни сунъӣ дар кори ҳаррӯза фаъолона истифода мешавад, он аллакай қисми муҳими бисёр равандҳо шудааст. "Ҳоло қариб ҳамаи вазифаҳои муқаррарӣ бо AI автоматӣ карда шудаанд ва ба даста имкон медиҳад, ки ба ҷанбаҳои эҷодӣ ва стратегӣ тамаркуз кунанд. Қобили зикр аст, ки барномаи AI-ро мо барои коркарди асосии вазифаҳо истифода мебарем, аммо пас аз он ҳамеша муҳаррир ҳама чизро месанҷад. Ба назари мо, бе санҷиш пурра ба вазифаҳои AI бовар кардан ғайриимкон аст"[3] - нақл мекунад директори шабакаи Телевизионӣ "Чашми сийёҳ" Артем Войтюк.

Дар холдинги ВАО-и "Телевизиони рақамӣ" зеҳни сунъӣ соли аввал истифода намешавад. "Мо вақте оғоз кардем, ки он ҳанӯз маъмул набуд — аввал ҳамчун як иқдоми коргардонӣ дар доираи лоиҳаи "Таърихи бемориҳо дар илм" ва ҳоло мо ҳам дар марҳилаи таҳияи лоиҳаҳо ва ҳам барои форматҳои байнибарномавӣ ва ҳам дар кор бо видео дар марҳилаи монтаж, дар садо, истеҳсоли графика, ҳангоми дубляж ба баъзе забонҳои хориҷӣ ба қадри кофӣ фаъолона истифода мебарем" - мегӯяд муовини директори генералӣ оид ба пахши маърифатии телевизион ва технологияҳои рақамии медиахолдинги телевизиони рақамӣ Григорий Ковбасюк.

Тарҷума ба забонҳои хориҷӣ ва ҳатто лаҳҷаҳо як картаи дигари AI дар телевизион аст. Агар технология хуб таҳия ва омӯзонида шуда бошад, он ба ҳалли фаврии масъалаҳои дубляж кӯмак мекунад, хусусан агар қонун ногаҳон инро талаб кунад. Масалан, моҳи июни соли 2024 Президенти Қазоқистон қонуни "Дар бораи ВАО"-ро имзо кард, ки тибқи он ҳаҷми ҳатмии барномаҳои телевизионӣ бо забони давлатӣ муқаррар карда шуд. Ва шабакаи телевизионии "Союзмультфильм" "Мультиландия" талаботи қонунгузории ҷумҳуриро иҷро карда, мундариҷаро дар кишвар маҳдуд кард. Барои тарҷума, дубляж ва субтитркунии сериали аниматсионии "Простоквашино" ба забони қазоқӣ коркардҳои ширкати "Синтерра Медиа" дар асоси зеҳни сунъӣ истифода

шуданд. Ин бе назорат набуд: кор аз ҷониби муҳаррирони забоншинос,ноширони забони қазоқӣ назорат карда мешуд [3].

Модули Intel AI Accelerator як суръатбахшии сахтафзорест, ки барои AI ва вазифаҳои омӯзиши амиқ пешбинӣ шудааст. Модул метавонад тавассути оптимизатсияи алгоритмҳо ва тарроҳии сахтафзор, махсусан дар шинохти тасвир, таҳлили видео, коркарди забони табиӣ ва ғайра қобилиятҳои самараноки коркарди маълумотро таъмин намояд. Ин модул барои саноат пешбинӣ шудааст системаҳои автоматикунонии саноатиро метезонад ва барои корхонаҳо арзиши бештар эҷод мекунад.

Илова бар ин, модул доираи васеи чаҳорчӯбаҳои нармафзори AI-ро, аз қабили TensorFlow, Caffe ва ғайра дастгирӣ мекунад, то таҳиягарон метавонанд барномаҳои AI-ро чандиртар ҷойгир ва идора кунанд.

Дар соҳаи истеҳсоли интеллектуалӣ, пас аз ҳамгироии модули суръатбахшии Intel AI, компютерҳои саноатӣ метавонанд вазифаҳоро ба мисли санҷиши визуалӣ ва нигоҳдории пешгӯишаванда дар хати истеҳсолот зуд ва дақиқ иҷро кунанд. Масалан, ба воситаи алгоритмҳои омӯзиши чуқур машинаҳои ҳисоббарори саноатӣ метавонанд ба назорати реалии сифати махсулот ноил гарданд, нуқсонҳои истеҳсолиро сари вакт ошкор ва бартараф намоянд, самаранокии истеҳсолот ва сифати маҳсулотро баланд бардоранд. Тавассути таҳлили рафтори муштариён, компютерҳои саноатӣ метавонанд ба фурӯшандагон дар беҳтар кардани тарҳбандии раф, тавсия додани маҳсулоти фардӣ ва ҳатто ҳисобкунии автоматӣ, беҳтар кардани таҷрибаи муштариён ва самаранокии амалиёт кӯмак кунанд. Модули суръатбахшии Intel AI метавонад ба таври ихтиёрӣ муҷаҳҳаз карда шавад, суръатбахшии сахтафзорро дастгирӣ мекунад ва барои шабакаҳои умумии нейронии чуқур мувофиқ аст; дар робита ба интиқоли маълумот, он инчунин бо модулҳои 5G ва модулҳои WIFI мувофиқ аст, то ба хусусиятҳои густариши мобилӣ ва ғайримарказии Интернетӣ чизҳо мувофиқат кунад. Вале дар ҳама ҳолат онро инсон идора мекунад.

AI эҳтимолан ояндаи бузургро дар истеҳсоли телевизиони варзишӣ интизор аст. Системаҳои бисёркамераи дурдаст идорашаванда, ки тамоми фазои бозиро фаро мегиранд, солҳои зиёд дар бозор дастрас буданд. Технологияҳои пешрафтаи автоматикунонидашудаи алгоритмӣ, масалан, дар системаи Pixellot истифодашаванда, пешрафти бозиро пайгирӣ мекунанд, нуқтаҳои асосиро ҷудо мекунанд, такрорҳо тавлид мекунанд ва рекламаро бе иштироки инсон ворид мекунанд. Акнун Pixellot метавонад ба таври худкор нуқтаҳои асосии мусобиқаро муайян кунад, ки "технологияро ба истеҳсоли телевизионии беодам бо технологияи беодам як қадам наздик мекунад", - шарҳ медиҳад директори Генералии Pixellot Алан Вербер (Alon Werber) [4].

Дигар таҳиягарон, аз ҷумла Tedial ва Tvu Networks, пешниҳод мекунанд, ки видеои варзишии live бо мундариҷаи мувофиқ аз бойгонӣ бо таҳлили метамаълумот дар миқёси воқеии вақт бо истифода аз AI пайваст карда шавад. Воситаҳои ба ин монандро метавон бо маълумот дар бораи афзалиятҳо ва дастгоҳҳои тамошобини мушаххас барои эҷод ва паҳн кардани мундариҷаи фардӣ ба таври худкор муттаҳид кард — имрӯз ягон корманд ин корро карда наметавонад. Аммо рушд дар ин соҳа дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад ва то он даме, ки ин технологияҳо дар истеҳсоли барномаҳои рейтингии бештар ба монанди "Бозии рӯз" (Match of The Day) ҷой гиранд, вақти зиёд лозим аст. "Сифати мундариҷа ба таври назаррас коҳиш меёбад, агар ai қарори оқилона қабул кунад. Агар шумо омода бошед, ки ҳазор версияи гуногуни ҳамон як видеоро эҷод кунед, пас истифодаи AI эҳтимолан нисбат ба кори корманди пурравақт аз ҷиҳати иқтисодӣ муфидтар хоҳад буд. Аммо агар шумо кӯшиш кунед, ки мундариҷаи сифати пахши барномаро пешниҳод кунед, беэҳтиётӣ мебуд, ки мошин метавонад ба мутахассисон наздик шавад", — мегӯяд Сэм Богоч (Sam Bogoch), роҳбари ширкати Axle AI, ки ба истифодаи AI дар технологияҳои видеоӣ тахассус дорад. Аммо вай илова мекунад, ки вай эҳтимол дорад, ки муҳаррирон дар оянда воқеан ботҳои AI-ро идора кунанд. Бо вуҷуди ин, вақте ки AI маълумоти бештар ва бештарро ба назар мегирад, истеҳсоли телевизион торафт бештар автоматӣ мешавад.

"Агар пахши барнома ба таври куллӣ тағйир ёбад ва ба ҷои як сюжет барои ҳама миллионҳо версияҳо барои тамошобинони алоҳида сохта шаванд, ки дар видеои аслӣ шумораи беохири иловаҳо ва тағйиротҳо ворид карда мешаванд, пас  AI нақши бузург мебозад. Дар ин сенария, нақши муҳаррир аз он иборат хоҳад буд, ки сюжети аслиро таҳия кунад ва ба ботҳои AI имкон диҳад, ки кори боқимондаро иҷро кунанд", хулоса мекунад Богоч [4]..

"AI барои нигоҳ доштани хидмати иттилоотии давлатӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ зарур аст, дар ҳоле ки ба мо хидмати иттилоотии сатҳи ҷаҳонӣ барои сайқал додани AI лозим аст", таъкид мекунад сардори технология ва маҳсулоти BBC Мэтью Постгейт (Matthew Postgate). Махсусан, БИ-БИ-СӢ меомӯзад, ки мошин ҳангоми таҳрири видео дар муқоиса бо инсон то чӣ андоза пораҳои босифати наворбардориро интихоб карда метавонад. "Ҳадаф аз автоматикунонии равандҳои бештар ва фарогирии мундариҷаи бештар аст, на кам кардани кормандон", таъкид мекунад шуъбаи R&d BBC дар блоги корпоративӣ. Ҳамин тавр, ширкат системаеро таҳия кард, ки тасвири баландсифатро, ки аз камераҳои UHD ҳангоми таҳрири сюжет гирифта шудааст, ба таври худкор кадр мекунад. Системаро дастӣ идора кардан мумкин аст, то масалан, пайвастшавии монтажии кадрҳоро тавассути танзими басомади пайвастшавиҳо иваз кунад. Санҷишҳо дар BBC нишон доданд, ки прототипи система аллакай

метавонад сюжетҳоро дар сатҳи "ба муҳаррири касбӣ наздик, ҳадди аққал барои рӯйдодҳои оддӣ" эҷод кунад. Ғайр аз ин, BBC меомӯзад, ки чӣ гуна AI метавонад барои таҳрири барномаҳо ва қитъаҳои мураккаб варақаҳо омода кунад.

Ширкат эътироф мекунад, ки ҳунармандии таҳрирӣ "амиқии эҷодӣ" аст, аммо аз он бармеояд, ки вазифаи асосии муҳаррир одатан интихоби маводи беҳтарин аз ҳама чизҳои мавҷуда мебошад. Ба гуфтаи БИ-БИ-СӢ, ҷобаҷогузории навор барои дарёфти кадрҳои хуб беҳтарин истифодаи вақти муҳаррир нест ё ҳадди аққал қисми эҷодкоронаи кори ӯ нест. "AI метавонад ба автоматикунонии ҳалли ин вазифаҳои таҳрирӣ кӯмак кунад" илова мекунад ширкат [4].

Имрӯзҳо шояд кам нафаронеро пайдо кунем, ки барномаҳои телевизионро тамошо мекарда бошанд, чунки бо пеш рафтани техникаву технология ҳама рӯ ба шабакаҳои иҷтимоӣ овардаанд, ҳамон барномаҳои телевизиониро аз шабакаҳои иҷтимоӣ тамошо мекунанд. Дар ҳар сурат барномаҳои телевизиони, ки босифат ба эфири телевизион мебарояд бояд ба жанрҳои ба талаботи телевизион ҷавобгӯ ва мутобиқ таҳия карда шаванд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ моро ҳамчун давлати соҳибистиқлолу дунявӣ мешиносад, мебояд журналистони соҳибкасбу забондонро бештар тарбия кардан зарур мебошад. “Ҳаёти имрӯзаро бе телевизион тасаввур кардан ғайриимкон аст. Шабакаҳои телевизиони давлатии Тоҷикистон 99,7 фоизи фазои иттилоотии ҷумҳуриро фаро мегиранд.Тавассути моҳвора барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистонро дар зиёда аз 50 мамлакати дунё тамошо карда метавонанд” [5, с.172].

Ин аст соҳибдавлативу соҳибистиқлолӣ, ки меваашро имрӯз мечашем, дар ҳавои софаш нафас мекашему дар заминаш қадам мезанем. Аз пешрафти ҷаҳони муосири техникаву технология баҳравар мегардем. “Рушди кайҳонии соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти воситаҳои ахбори омма таъсири амиқ расонида, махсусан тавассути шабакаҳои электронӣ дар таъҷилӣ ба аҳолӣ расонидани иттилоот қадами эволютсионӣ гузошта шудааст” [5, с.172]. Дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ сар карда то расонаҳои байналмилалӣ ва шабакаҳои технологӣ ва ҳатто соҳаи иқтисоду тиҷорату соҳаи сармоягузориву фаъолиятҳои бонкӣ ҳама ҷо аз зеҳни сунъӣ сухан меравад, яъне дар ҷаҳон як инқилоб як таҳаввулоти ҷиддиро ба вуҷуд овардааст. Дар бораи истилоҳ ва пиндори зеҳни сунъӣ дар шабакаи иҷтимоии интернет ё гугул назар меафканем, мебинем, ки зеҳни сунъӣ маҷмӯаи технологияест, ки ба компютерҳо имкон медиҳад, ки амалҳои гуногуни пешрафтаро иҷро кунанд, аз ҷумла қобилияти дидан, фаҳмидан ва тарҷума кардани забони гуфтугӯ ва хаттӣ,

таҳлили додаҳо, пешниҳоди тавсияҳо дар муҳтавои зеҳни сунъӣ метавонем бифаҳмем.

Зеҳни сунъӣ, ки имрӯз тамоми курраи заминро фаро гирифта истодааст, аз ҷумла Тоҷикистон ҳам дар канор монда наметавонад, барои пешбурди фаъолиятҳои илмӣ дар шинохти зеҳни сунъӣ ва татбиқи амаливу илмии он дар ҷомеаи илмӣ ва фикрии Тоҷикистон олимони соҳаҳои гуногун ақидаҳои худро ибрози назар кардаанд. Саволе ба миён меояд, ки дар матни барномаҳои телевизионӣ ё навиштани сенарияи телевизионӣ аз зеҳни сунъӣ пурра истифода бурдан мумкин аст. Матни телевизионӣ маҳсули эҷоди журналист аст. Матн (асар) натиҷаи ҷараёни муайян мебошад. Мафҳуми матн дар соҳаҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, фалсафа, фарҳанг ба таври васеъ истифода мешавад, аммо вазифаи матн ва хусусияти он дар ин соҳаҳо якранг нест [6, с.82].

Хулоса, дар барномаҳои телевизионӣ матнро ҳамчун пуркунандаи навор истифода мебаранд. Дар барномаҳои телевизион мо ба лавҳаҳои бе матн, ки аз манзараҳои зебо, фаслҳои сол ва он чизеро ки наворгиранда ба навор мегирад, мебинем. Дар ҳамин ҷо ҳам бояд наворбардор аз рӯи сенария амал кунад. Сенарияро журналист эҷод мекунаду менависад, барои ин донистани жанрҳо зарур аст, яъне матн ҳама вақт пуркунандаи навори телевизионӣ ба шумор меарвад. Маҳорати журналист дар ин ҷо баръало эҳсос мегардад. Барои ҳамин аз зеҳни сунъӣ дар матнҳои телевизион истифода бурдан мумкин, шояд доир ба мавзуи интихобкарда маълумот пайдо карда шавад, вале барои журналист муҳим он аст, ки назорат ва бо факту далелҳое, ки ҳангоми таҳияи барнома дар даст дорад, ба барномаи худ ворид намояд. Масалан, иштироккунандагони барнома доир ба мавзуе пурра аз зеҳни сунъӣ истифода бурда наметавонанд. Онҳо аз нигоҳи ба соҳаи худ дахлдор суханронӣ менамоянд ва фикру ақидаи худро доранд. Дар ин ҷо боз ҳам тафаккури инсонӣ ва дахолат ба ҳалли масъалаҳо пеш меояд.

**Адабиёт:**


1. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2024. Манбаи электронӣ //https://president.tj/event/missives/49225[Санаи дастрасӣ:10.09.2025].

2. Амонзода Илҳом Темур . Иҷроиши ҳадафҳои стартегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 заминаи рушди илм дар Тоҷикистони муосир. Манбаи электронӣ //https://
president.tj/ event/missives/ 49225 [Санаи дастрасӣ:11.09.2025].

3. Канал Кабельщик (cableman.ru). ИИ на ТВ: помощник который сам нуждается в помощи. 16.09.2025

4. Манбаи маълумот аз канали «Теле-Спутник» @ telesputnik.
5.Муъминҷонов З. Телевизион муъҷизаи аср/ З. Муъминҷонов – Душанбе, 2023. – 222 с.
6.Муъминҷонов З. Махсусияти матн дар филми ҳуҷҷатӣ/ З. Муъминҷонов, З. Мирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024, №5. – С. 259-264.
7. Муродӣ М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ/ М. Муродӣ, О. Салимзода – Душанбе, 2022. – 360 с.
8. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳои рӯзноманигорӣ/ М.Муродов – Душанбе, 2011. – 146 с.
9. Саъдуллоев А. Асосҳои журналистикаи телевизион/ А. Саъдуллоев, М. Шоев – Душанбе, 2007. – 194 с.
10. Телевизионная журналистика. - М. 2008. – 304 с.
11. Универсальная журналистика. – М.: Аспект – пресс, 2016. – 418 с.

## ЗАРУРАТИ ТЕЛЕВИЗИОНИ СОҲАВӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Муъминҷонов Фаромӯз Зулфиддинович**
Доктор PhD – ихтисоси рӯзноманигори телевизиони
кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ
“Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода”
734033, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбард, 73 а
Тел.: (+992) 93 503 33 36
E-mail: faromuz.m@mail.ru

**Аннотатсия:** Телевизиони соҳавӣ дар шароити ҷаҳони муосир ба унвони воситаи муҳими иттилоотӣ ва омӯзишӣ нақши калидӣ мебозад. Он имконият медиҳад, ки ҷомеа дар бораи масъалаҳои махсус — аз илм ва маориф то иқтисод ва фарҳанг — маълумоти дақиқ ва муфассал дарёфт намояд. Бо рушди технология ва афзоиши талаботи мардум ба иттилооти боэътимод, телевизиони соҳавӣ ба як манбаи муҳими баланд бардоштани сатҳи маърифат, рушди касбӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ табдил ёфтааст. Дар замони рақобати иттилоотӣ, зарурати телевизиони соҳавӣ бештар эҳсос мешавад, зеро он ба ҷомеа имконият медиҳад, ки бо равандҳои ҷаҳонӣ ҳамқадам бошад ва дар айни замон ҳувияти миллии худро ҳифз намояд.

**Калидвожаҳо:** *зарурият, телевизион, соҳавӣ, замон, журналистикаи соҳавӣ, касбият, жанр, барнома, ҷаҳонишавӣ, навор.*

**НЕОБХОДИМОСТЬ РЕГИОНАЛЬНОГО ТЕЛЕВИДЕНИЯ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ**

**Аннотация:** Региональное телевидение в условиях современного мира играет ключевую роль как средство информации и образования. Оно обеспечивает общество точными и подробными сведениями по конкретным направлениям — от науки и образования до экономики и культуры. С развитием технологий и ростом потребности людей в достоверной информации специализированные телеканалы становятся важным источником повышения уровня знаний, профессионального развития и укрепления национальных ценностей. В эпоху информационной конкуренции необходимость специализированного телевидения ощущается особенно остро, так как оно помогает обществу идти в ногу с глобальными процессами и одновременно сохранять свою культурную идентичность.

Ключевые слова: *необходимость, телевидение, специализированный, региональная журналистика, профессионализм, жанр, программа, глобализация, видеосюжет*

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва бо суръат пеш рафтани технологияҳои иттилоотӣ, боиси фаъолгардии воситаҳои ахбори омма гардидааст. Барои огоҳӣ аз рӯйдодҳои муҳими рӯз ҳар як шахс кӯшиш мекунад, ки дониши худро нисбати олами ҳастӣ тавассути воситаҳои ахбори омма баланд бардорад. Дар байни воситаҳои ахбори омма аз ҷиҳати дастрас будан ва таъсирбахшӣ шабакаи телевизионӣ мавқеи муҳимро молик мебошад. “Телевизион зина ба зина мавқеи худро дар байни воситаҳои ахбори омма ёфта, ба яке аз воситаҳои ахбори оммаи асосии ҷумҳурӣ табдил ёфтааст. Имрӯз дарёфти хонадоне, ки барномаҳои телевизиониро тамошо намекарда бошад душвор аст. Ин воситаи ахбори омма оинаи ҳаёти ҳақиқии ҳамарӯзаи ҷомеа гашта, ба афкори умум ва ҷаҳонбинии мардум таъсири амиқ мерасонад” [4,с.43]. Ин ҳақиқати ҳол аст, ки телевизион барои ҳазорҳо сокинони олам аз сарчашмаҳои асосии иттилоот бобати рӯйдодҳои ҷаҳон гардидааст. Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардид, ки сол ба сол сафи телевизионҳо дар ҷумҳурӣ зиёд гардида, имрӯз ба 50 расидааст. Инчунин шабакаҳои телевизионҳои ноқилӣ (кабелӣ) ва IP-телевизион баҳри бо сифати баланд пешниҳод намудани барномаҳои телевизионҳои ватаниву хориҷӣ ба аҳолии кишвар фаъолият мекунанд. Бо дастгирӣ ва ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ 9 телевизионҳои соҳавии ҷумҳуриявӣ:

“Сафина”, “Ҷаҳоннамо”, “Баҳористон”, “Варзиш”, “Синамо”, “Футбол”, “Шаҳнавоз”, “Илм ва табиат” ва “Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” таъсис додашуда, барномаҳои соҳавӣ таҳия ва манзури тамошобинон гардонида мешаванд. Имрӯз тариқи моҳвора тамошобинон имкон пайдо намуданд, ки барномаҳои телевизионҳои Тоҷикистонро бо забони тоҷикӣ дар тамоми гушаву канори дунё тамошо кунанд.

Боиси дастгирист, ки телевизионҳои Тоҷикистон аз ҷиҳати технологияи иттилоотӣ пеш рафта, телевизионҳои соҳавӣ таъсис ёфта фаъолият мекунанд. Замони муосир талаб мекунад, ки шабакаҳои телевизионӣ соҳавӣ бошанду дар онҳо кадрҳои журналистӣ вобаста ба соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа фаъолияти касбӣ намоянд. Чунки журналисте, ки як соҳаро намедонад, чи тарз бо мутахассиси он соҳа ҳамсуҳбат мешавад ва ё дар бораи он соҳа барномаи телевизионӣ таҳия карда метавонад. Тамошобини муосир хеле доно шудааст, барномаҳои телевизионҳои Тоҷикистонро бо барномаҳои телевизионҳои кишварҳои хориҷӣ муқоиса намуда, барномаи ба худ мақулшударо тамошо мекунад. Бинобарон мебояд, ки кадрҳои журналистии телевизион вобаста ба соҳаҳои муҳим такмили ихтисос гиранд ва кадрҳои дар шуъбаву факултетҳои журналистии донишгоҳҳову донишкадаҳо тарбиягирандаҳо вобаста ба яке аз соҳаҳо тарбия карда шаванд.

Аслан мафҳуми журналистикаи соҳавӣ дар назария ва амалияи журналистикаи ватанӣ истилоҳи нав нест. Ин намуди журналистика ҳарчанд дар ибтидои пайдоиши матбуоти даврӣ сарҳади хешро надошт, вале баъдтар бо ташаккули низоми матбуоти даврӣ, зарурияти таъсисдар он зоҳир мегардад, ки  бо муруди замон пайдо гаштани гурӯҳи муайян бобати бештар маълумот пайдо намудан дар бораи соҳаи муайян ба миён омадааст. Аввалин нашрияи даврии соҳавӣ «Дониш ва омӯзгор» аст, ки ба соҳаи маориф мансуб мебошад. Ин нахустин матбуоти соҳавии педагогие буд, ки баъди чанд шумора бо сабабҳои техникӣ аз чоп монд. Баъди гузаштани як сол моҳи августи соли 1927 дар Самарқанд маҷаллаи «Дониш-биниш» чоп мегардад, ки ин нашрия аввалин шумораи маҷаллаи имрӯзаи Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон  «Маърифати омӯзгор» ва минбари шоирону нависандагони Тоҷикистон «Садои Шарқ» ба шумор меравад.

Бо рушди соҳаҳои хоҷагии халқ нашрияҳои дигари соҳавӣ ба мисоли рӯзномаҳои «Барои маорифи коммунистӣ» нашрияи  Вазорати

маориф ва Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон аз 1932 то соли 1938, «Барои маорифи коммунистӣ» аз 7 ноябри соли 1938 «Газетаи муаллимон», аз соли 1959 «Маориф ва маданият», аз соли 1981 боз «Газетаи муаллимон» ва аз соли 1989 Омӯзгор, «Барои нақлиёти сотсиалистӣ» 1932, «Маданияти Тоҷикистон» нашрияи Вазорати маданият ва Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, 1981-1984, аз соли 1984 «Адабиёт ва санъат», «Сухан» нашрияи Иттифоқи журналистон Тоҷикистон, 1991, «Нарӯзи ватан» ҳафтаномаи Вазорати ҳифзи табиати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1991 «Сомон» нашрияи Бунёди байналмиллалии забони форси тоҷикӣ, 1991, «Варзиш» рӯзномаи Кумитаи спортии Тоҷикистон, 1990 «Баҳори аҷам» нашрияи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998, аз соли 2024 «Фарҳанги Тоҷикистон», «Андоз» нашрияи Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷаллаҳои «Инқилоби маданӣ» нашрияи ҳармоҳаи сиёсиву иҷтимоӣ, педагогиву методии Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон, 1931, аз соли 1937 «Револютсияи маданӣ», аз соли 1939 «Мактаби Советӣ», аз соли 1992 «Маърифат» ва аз соли 2006 «Маърифати омӯзгор», «Барои адабиёти сотсиалистӣ» 1932, аз соли 1938 «Шарқи сурх», аз соли 1964 «Садои Шарқ», «Тоҷикистон» нашрияи мусаввари ҳармоҳаи ҷамъиятиву сиёсӣ ва адабию бадеии КМ ПК Тоҷикистон, 1956 то охири соли 1962, «Ҳуқуқшиноси шуравӣ» 1934, «Журналист» органи бюрои ташкилии Иттифоқи журналистони Тоҷикистон 1958, «Фарҳанг» маҷалла Бунёди фарҳанги Тоҷикистон 1991 ва ѓайра дар солҳои гуногун нашр гардида, низоми матбуоти даврии соҳавии Тоҷикистонро ғанӣ намудаанд.

Дар даҳсолаи аввали ташаккули матбуоти даврии замони шуравӣ фаъолияти рӯзноманигорон то андозае хусусияти универсалӣ доштааст. Журналистон дар фаъолияти худ чанд корро иҷро мекардаанд, аз ҷумла дар мавзуъҳои гуногун мақола навишта ба якборагӣ ба кори таҳрир ва ҳатто дар саҳифабандиву ороиши рӯзнома иштирок мекарданд.

Дар марҳилаҳои нахустини ташаккули матбуоти даврии тоҷик ҳайати кормондани эҷодии нашрияҳои давриро асосан муаллимону адибон ва мухбирони коргару деҳқон ташкил медоданд, дар марҳилаҳои баъдӣ, яъне солҳои 60-70-уми асри ХХ ба олами журналистикаи амалӣ мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки қобилияти доир ба масъалаҳои иҷтимоӣ навиштанро доштанд, дохил шуданд. Ин ҳолат барои таъмини шуъбаҳои идораи нашрияҳои даврӣ бо кадрҳои тахассусӣ замина фароҳам

оварда ба рангоранг гардидани мундариҷаи рӯзномаву маҷаллаҳо мусоидат кардааст. Бо фаъолияти мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки ҳайати эҷодии идораҳои нашрияҳои давриро ташкил медоданд, ҷараёни оммавӣ гардонидани ҳаёти иҷтимоиву истеҳсолии соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ суръати тоза пайдо кардааст. Бо ин фаъолияти рӯзноманигорон мушаххас гардидааст. Тадриҷан симои эҷодии рӯзноманигорон аз рӯйи самт ва соҳаи фаъолият яъне соҳавият шакл гирифтааст.

Бо ҳамин, ташаккули журналистикаи соҳавӣ дар ду самт сурат гирифтааст. Самти якум пайдоиш ва ташаккули нашрияҳои даврӣ дар ин ё он соҳаи мушаххас мебошад, ки доираи фаъолияташон ва мундариҷаву муҳтавояшон нисбатан маҳдуд аст. Таъйинот ва вазифаи ин типи нашрияҳои даврӣ на танҳо инъикоси паҳлуҳои гуногуни ҳаёти соҳаи муайян, балки тавассути чопи маводи тахассусӣ мусоидат кардан ба такмили фаъолияти кормандони соҳа низ мебошад. Ин намуди нашрияҳои даврӣ аз нигоҳи таъйинот як навъ минбари бозомӯзӣ, ташаккул ва вусъати ҷаҳонбинии касбиву иҷтимоӣ ва малакаҳои эҷодӣ буд. Ҳамзамон вазифаи дигари ин намуди матбуоти даврӣ оммавикунонии соҳавият мебошад.

Самти дигари ташаккули журналистикаи соҳавӣ ба фаъолияти нашрияҳои даврии умумиҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ иртибот мегирад. Ташкили рубрика, саҳифаву шумораҳои махсус ва аз руйи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ тасниф намудани сохтори идораҳои нашрияҳои даврӣ боис гардид, ки рӯзноманигорон тадриҷан ба омӯзиш, инъикос ва баррасии ҳаёти ин ё он соҳаи муайян маҳдуд шуда, ҳамчун мутахассиси ҳамон соҳа тарбия ёбанд.

Вусъат ёфтани доираи фаъолиятҳои соҳавӣ дар журналистикаи амалӣ зарурияти фаҳмиши илмии ин навъи журналистика, хусусияту таъйинот ва тарбияи рӯзноманигорони соҳавиро ба миён овард. Журналистикаи соҳавӣ дар доираҳои илмӣ ба ду маънӣ фаҳмида мешавад: якум, ҳамчун намуди воситаҳои ахбори омма, бахусус матбуоти даврӣ, ки ба ин ё он соҳа алоқаманд мебошад; дигараш ихтисоси касби рӯзноманигорӣ, яъне рӯзноманинори воқеанигор, шореҳи сиёсӣ, варзишӣ, фарҳангнигор ва ғайра мебошад.

Журналистикаи соҳавӣ ҳамчун намуди воситаҳои ахбори омма бо ташаккули низоми матбуоти даврӣ ба миён омада, ба як низоми хос табдил ёфтааст. Агар дар ибтидои пайдоиш нашрияҳои соҳавӣ танҳо ба

соҳаи маориф иртибот доштанд, тадриҷан соҳаҳои дигар низ нашрияҳои худро таъсис доданд, ки имрӯз ин намуди нашрияҳои даврӣ як низоми мустаҳкамро соҳиб гаштааст. Дар баробари ин дар низоми воситаҳои электронии ахбори омма низ шабакаҳои соҳавӣ таъсис ёфта шакл гирифтанд.

Рушду ташаккули воситаҳои ахбори соҳавӣ ва тақозои ҷомеаи демократӣ ва набзи замон зарурияти омода кардани рӯзноманигорони соҳавиро ба миён овардааст. Бо фаро расидани бозсозӣ ва истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми воситаҳои ахбори тоҷик дигаргун гардида, намудҳои гуногуни матбуот, радио ва шабакаҳои телевизионии соҳавӣ ба миён омада, шакл гирифта, дар фазои иттилоотии кишвар мавқеъ пайдо намуданд. Дар фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии ташаккул ва рушди журналистикаи соҳавӣ ба миён омада, барои таъсиси воситаҳои ахбори соҳавӣ ва тарбияи журналистони соҳавӣ мусоидат мекунад. Дар ду даҳсолаи охир ба фаъолият шуруъ кардани шабакаҳои телевизионии соҳавии «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», «Синамо», «Варзиш», «Футбол», «Илм ва табиат», «Сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» шаҳодати истифода шудан аз заминаи ҳуқуқӣ ва ба фазои иттилоотии минтақву ҷаҳон дохил шудани рӯзноманигории ватанӣ мебошад.

Ин ҳама бо шарофати омилҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва техникӣ муяссар гардидааст. Ин оғози кор аст, давоми он ба чигуна муаррифӣ намудани комёбиҳо, сарватҳои табиию фарҳангӣ ва илмиву ҳунарии хеш дар фазои хабарии ҷаҳон алоқаманд мебошад. Баҳри расидан ба ин мақсади олӣ савияи баланди дониш, ҷаҳонбинии васеи дунявӣ, дарку маърифати касбӣ ва маҳорати нигорандагии касбӣ ба журналистони мо кумак карда метавонад.

Хулоса, метавон гуфт, ки дар низоми воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус шабакаҳои телевизионҳои соҳавии ватанӣ мавқеъ ва нақши намоён доранд. Фаъолияти онҳо дар фаро гирифтани соҳаҳои гуногуни муҳими ҳаёти иҷтимоӣ, оммавӣ кунонидан ва ҳалли мушкилотҳои гуногуни соҳавӣ назаррас аст. Алҳол телевизионҳои Тоҷикистон дар пурра гардонидани фазои иттилоотии кишвар, ҳифзи амнияти иттилоотӣ ҳамчун яке воситаҳои муқтадири таъсиррасонӣ ба афкори ҷомеа мақоми махсус дошта, дар огоҳонидан ва пешгирии хатарҳои ҷаҳони муосир нақши муассир ва созанда мебозанд. Дар ин амал

таъсис ёфтану фаъолият намудани телевизионҳои соҳавӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ талаби замон ва саривақтиву муҳим ба шумор меравад.

**Адабиёт:**


1. Кузнецов Г. В. Телевидение и общество // Телевизионная журналистика: Учебник /Под ред. Г. В. Кузнецова, В. Л. Цвика, А. Я. Юровского. 4-е изд., исп. и доп. М.:. Высшая школа, 2008.

2. Муқим Ҷ. Журналистикаи чандрасонаӣ/ Ҷ. Муқим. – Душанбе, 2019. -168 с.

3. Муминджонов З. Эволюция Таджикского телевидения в годы независимости/ З. Муминджонов – Душанбе, 2021. - 336 с.

4. Муъминҷонов З. Телевизион муъҷизаи аср/ З. Муъминҷонов – Душанбе, 2023. – 223 с.

5.Муродов, М. Б. Истиқлолият ва рушди матбуот / М. Муродов.– Душанбе: Аржан, 2017.– 220 с.

6. Муродӣ М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ/ М. Муродӣ, О. Салимзода – Душанбе, 2022. – 360 с.

7.Нуралиев, Н. Омӯзгор» дар низоми матбуоти соҳавии Тоҷикистон. Автор. дисс.ном..– Душанбе, 2022.– 26 с.

8.Рустамзода, М. Нахустматбуои соҳаи маориф / М. Рустамзода.– Душанбе: Ирфон, 2016.–174 с.

9.Саъдуллоев А. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / А. Саъдуллоев, Д. Давронов, М. Муродов.– Душанбе:Деваштич, 2004.– 128 с.

10. Универсальная журналистика. – М.: Аспект – пресс, 2016. – 408 с.

11.Уразова С. Л. Мультимедийность рынка как критерий компетенций журналиста//Новые медиа в гуманитарном образовании: Электронный сборник статей к научно-практической конференции/ Под ред. М. С. Корнева. М.: РГТУ, 2013.

12.Усмонов, И., Давронов, Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. – Душанбе, 2008. – 280 с.

13. Хлызова А. А. Интерактивность как новое свойство современного телевидения //Журналистика в 2014 году. СМИ как фактор общественного диалога: Сб. материалов международной научно-практической конференции. М.: МедиаМир; ф-т журналистики МГУ им. М. В. Ломоносова, 2015.

14. Шестеркина Л. П. Современные подходы к формированию структуры жанров телерадиожурналистики // [Электронный ресурс]. - Режим досупа: http://www.ipk.ru/index.php?id=2115 (дата обращения: 30.09.2025).

***Технический редактор:*** Кодиров Х.Н
***Компьютерная вёрстка:*** Кодиров Ш.К

© Издательство РТСУ

Сдано в набор 24.12.2025. Подписано в печать 25.12.2025.
Бумага офсетная. Печать офсетная. Гарнитура литературная.
Формат 60x84 $_{1/8}$. Услов. печ. л.14,6.
Тираж 25 экз. Заказ № 69.

Отпечатано в типографии РТСУ,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе,
ул. Мирзо Турсун-заде, 30